Чаман аз булбулу гулбарг навое дорад,
Олам аз талъати Наврӯз сафое дорад.

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№12-13 (12445)
20 марти
соли 2024

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



# Наврӯз ҷашни зиндагисоз аст

## Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Наврӯзи соли 2024

**20.03.2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо – мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори фарорасии ҷашни Соли нави аҷдодиамон – Наврӯзи байналмилалӣ ва зеботарин фасли сол – баҳор самимона табрик мегӯям.

Моҳияту ҳикмат ва табиати ҷашни Наврӯз ҳамчун рамзи бузургдошти инсон, пайки пирӯзии гармӣ бар сардӣ ва нур бар зулмот, ойини бедории табиат, эҳёи тамоми мавҷудоти олам дар тӯли ҳазорсолаҳо ба мардуми мо чун омили иттиҳоду сарҷамъӣ хизмат кардааст.

Ин ҷашни фархунда ба қалби хурду бузурги ҷомеа умеду орзуи зиндагӣ, хушҳоливу сурур ва рӯҳияи ҳамзистиву осоиш бахшида, мардумро ба дӯстиву самимият ва муҳаббату садоқати инсонӣ нисбат ба ҳамдигар ҳидоят мекунад.

Маҳз ба ҳамин сабаб ин падидаи асили табиӣ ва фарҳангӣ ҳаргиз куҳна намегардад ва дар ҳама давру замонҳо ҳамқадаму ҳамқисмати инсоният боқӣ мемонад.

Мо ифтихор мекунем, ки ҷашни Наврӯз маҳсули тафаккур ва андешаи мардуми ориёинажод буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад.

Тайи ҳазорсолаҳо дар ҳаёти қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла мо – тоҷикон, ҳодисаву таҳаввулоти зиёде ба вуқуъ пайвастаанд, ки боиси эҷоди маҳдудиятҳо барои баргузории ойину суннатҳо ва ҷашнҳои миллии мо, ба шумули Наврӯз гардидаанд.

Вале Наврӯз мисли забон ва фарҳанги миллӣ дар тору пуди ҳастии ниёгони мо он қадар мустаҳкам ҷой гирифта буд ва мақому ҷойгоҳи он дар миёни мардуми мо чунон баланд буд, ки ҳеҷ як монеа ва қуввае онро натавонист аз байн барад. Зеро Наврӯз моҳиятан ҷашни мардумӣ ва ойини сирф табиӣ мебошад.

Мехоҳам таъкид намоям, ки далели асосии умри тӯлонӣ доштани Наврӯз робитаи мустақими он бо табиат ва инсон, пайванди он бо суннату анъанаҳо ва расму ойинҳои миллӣ мебошад. Наврӯз дар асл ҷашни зиндагисоз аст.

Дар айёми Наврӯз табиат эҳё шуда, маҳз бо ҳамин сабаб дар ҷону рӯҳи инсон ҳам умеди тоза ба зиндагӣ кардану эҷод намудан ва обод кардану зебоӣ офаридан дигарбора зинда мегардад.

Замин қабои сабз ба бар менамояд, марди деҳқон ба корҳои баҳорӣ оғоз мекунад, бо умеду нияти ба даст овардани ҳосили фаровон ва таъмин намудани баракати дастурхони мардум ба замин дона мепошад.

Тозаву озода кардани манзили зист, аз ҷумла, хонасафедкунӣ, ба умеди файзу баракат ва нуру рӯшноӣ берун баровардани шикастпораҳао ва аз гиёҳу алафҳои баҳорӣ омода кардани ҳар гуна таомҳои миллӣ аз ҷумлаи анъанаҳое мебошанд, ки мардуми мо онҳоро аз қадим то имрӯз риоя мекунанд.

Муқаддас донистану эҳтиёт кардани табиат, поккории ҷӯйбору чашмаҳо ва тоза нигоҳ доштани дарёву обанборҳо барои мардуми бостонии мо суннати дерина ва бисёр муҳим мебошад.

Бояд гуфт, ки дар масири таърихи тӯлонии халқамон Наврӯзи Аҷам дар баробари забони тоҷикӣ бунёди худшиносии тоҷиконро ташкил додааст.

Агар забони тоҷикӣ ҳомии осори фаровону ҷовидонаи илмиву адабӣ ва ҳофизаи таърихии мардуми мо бошад, ҷашни Наврӯз дарбаргирандаву нигоҳдорандаи суннатҳои зиндаи халқ, расму ойинҳо ва фарҳанги миллӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд ба хотири ҳифзи асолати худ ба ин арзишҳои бебаҳои миллиамон ҳамеша арҷ гузорем ва онҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем. Барои ин ҳоло тамоми заминаҳои зарурӣ муҳайё мебошанд.

Неъмати истиқлолу озодӣ ва оромиву суботи ҷомеа ҷиҳати таҳқику омӯзиши таърихи пурғановати миллатамон, суннату анъанаҳо, расму ойинҳо ва таҷлили густурдаи ҷашнҳои асили миллии Садаву Наврӯз, Тиргону Меҳргон ва эҳёву оммавӣ гардонидани онҳо тамоми заминаву имкониятҳоро фароҳам овардааст.

Бо пешниҳоди Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз соли 2010 дар асоси Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ин ҷашни бостонӣ мақоми байналмилалӣ касб намуд.

Тавсеа пайдо кардани фарҳанги наврӯзӣ ҳамовозии давлатҳои ҳавзаи Наврӯзро ба вуҷуд оварда, роҳро барои муколамаву гуфтугӯҳо ва ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодӣ, илмиву адабӣ ва фарҳангиву ҳунарӣ ҳамвор сохт.

Хотирнишон менамоям, ки ойинҳои наврӯзӣ сарчашмаи бузурги ахлоқиву тарбиявӣ мебошанд ва аҳли башарро ба таҳаммулгароӣ, бунёдкориву созандагӣ, яъне офаридани зебоӣ ва зебоипарастӣ ҳидоят менамоянд.

Дар айёми Наврӯз ва фасли баҳор пӯшидани либосҳои миллии идона, тозаву озода кардани хонаву кошона, кӯчаву хиёбон, боғу гулгашт ва маҳалли зисти худ аз ойинҳои зебоипарастии ниёгонамон маншаъ мегирад.

Мо бояд ин ойину арзишҳоро ҳамарӯза риоя намоем, муҳити зист, яъне кӯчаву хиёбон, деҳаву маҳалли зист, шаҳру ноҳия, инчунин, роҳҳои кишварамонро ҳамеша тозаву озода нигоҳ дорем ва сарзамини аҷдодиамонро боз ҳам сарсабзу хуррам ва дилкашу хушнамо гардонем. Чунки ин корҳо нишондиҳанда ва баёнгари тамаддуни деринаи мо ҳамчун миллати ободгару созанда мебошанд.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки дар фарҳанги тоҷикон амалҳои некиву накукорӣ ва ботину қалби пок доштан анъанаи дерина буда, аз шиори аҷдоди некномамон – пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек сарчашма мегиранд.

**Ҳамватанони азиз!**

Наврӯз, пеш аз ҳама, ҷашни марди деҳқон – давомдиҳандаи кори Бобои Одам ба ҳисоб меравад ва бо соҳаи кишоварзӣ робитаи мустақим дорад. Ин аст, ки марди деҳқон омадани фасли баҳор ва ҷашни Наврӯзро бесаброна интизорӣ мекашад.

Солҳои охир бо сабаби мураккабу ноором гардидани вазъи сиёсии ҷаҳон, тағйирёбии бесобиқаи иқлим ва оқибатҳои ногувори он – камобиву хушксолӣ, инчунин, паҳн шудани бемориҳои сироятӣ таъминоти аҳолии сайёра бо озуқаворӣ торафт мушкил гардида истодааст. Дар кишвари мо низ камобӣ идома дошта, бориши барфу борон нисбат ба соли гузашта 70 фоиз кам мебошад.

Тибқи мушоҳидаву таҳлилҳо соли 2024 ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нигоҳи таъминот бо маводи ғизоӣ нисбат ба солҳои гузашта бо вазъияти боз ҳам мушкилу вазнинтар рӯ ба рӯ мегардад.

Имрӯз сокинони беш аз 80 кишвари дунё аз мушкилоти қаҳтиву гуруснагӣ азият мекашанд.

Бинобар ин, мо бояд аз тамоми захираву имкониятҳои мавҷуда, табиату иқлими мусоиди кишвар ва махсусан, обу замин, аз ҷумла, заминҳои президентиву наздиҳавлигӣ оқилонаву самаранок истифода барем.

Дар шароити кунунӣ зарур аст, ки ба кишти такрорӣ, гирифтани се – чор ҳосил аз заминҳои обӣ, захираи дусолаи маводи ғизоӣ дар ҳар як оила ва расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Ҳамчунин, мо бояд бо дарназардошти шароити замона анъанаҳои неки гузаштагони худ – сарфаю сариштакориро риоя намоем, ба зиёдаравию исрофкорӣ роҳ надиҳем, ба хотири ободу зебо ва сабзу хуррам гардонидани кишварамон талош намоем.

Бовар дорам, ки дар соли нави аҷдодӣ мардуми сарбаланди мамлакат ба хотири ободии Ватан, пешрафти давлат ва беҳтар гардидани шароити зиндагии ҳар як оила боз ҳам бештар кор мекунанд ва заҳмат мекашанд.

Бори дигар ҳамаи шумо – ҳамватанони азиз, ҳамдиёрони бурунмарзӣ ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯзро бо фарорасии фасли баҳор ва ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як фарди мамлакат тандурустӣ, зиндагии босаодат ва ба мардуми сайёра сулҳу оромӣ орзу менамоям.

**Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ – Соли нави аҷдодӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

**www.president.tj**

ШОДБОШӢ

# Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад!

### Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба ифтихори ҷашни байналмилалии Наврӯз

**Омӯзгорони азиз ва шогирдони гиромӣ!**

**Муҳтарам аҳли маорифи кишвар!**

Дар диёри нозанину фирдавсгуни мо боз фасли баҳор, фасли зебою дилрабо ва гулрезу мушкбез фаро расида, ба ҳамагон шодию нишот, фараҳмандию руҳбаландӣ эҳдо кардааст. Дар доираи ин фасли фархунда яке аз суннатҳои дерини халқи тоҷик – Наврӯзи оламафрӯз бо шукӯҳу тантана таҷлил мешавад. Наврӯз бостонитарин ҷашни ниёгони мост ва пеш аз ҳама, бо ҳусну тароват, ростию покизагӣ, дӯстию ваҳдат, нуру сафо ва бахту саодат иртиботманд аст. Бо фарорасияш ин ҷашни ҳумоюн кинаю адоватро аз замири ҳамагон дур мекунад ва меҳру муҳаббат, хайру саховат, меҳрубонию шафқатро афзун менамояд. Ҷашни Наврӯз тантанаи эҳёи табиат, оғози марҳалаи тозаи зиндагӣ ва шуруъ ба корҳои кишоварзист ва бо деррасидани он «олами пир дигарбора ҷавон хоҳад шуд». Ба таъкиди донишманди бузурги халқи тоҷик Абурайҳони Берунӣ, «Наврӯз нахустин рӯз аст аз фарвардинмоҳ ва з-ин ҷиҳат рӯзи нав ном кардаанд, зеро ки пешонии соли нав аст, он чи аз паси ӯст аз ин панҷ рӯз, ҳама ҷашн ва шодмониҳост».

Саргузашти Наврӯзи беш аз шашҳазорсолаи мо дар дарозои таърих басо пуршебу фароз буда, ин муътабартарин анъанаи ниёгонамон дар давоми асрҳо монеаҳои зиёдеро бартараф карда, ҷилою тобишу аҳамияту моҳияташро заррае ҳам коҳиш надода, то ба замони мо расидааст.

Ба шарофати Истиқлоли давлатӣ ва дар иртибот ба сиёсати хирадмандонаю маърифатпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни Наврӯз дар диёри арҷмандамон шукӯҳу шаҳомати тоза пайдо кард ва оммавитар гашт. Пешвои миллат дар қатори дигар расму анъанаҳои хуҷастаи ниёгон ба эҳёи Наврӯз таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданд ва бо ҳисси баланди меҳанпарастона иброз доштанд, ки «Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва хуҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо Наврӯз дубора зинда мешуданд. Наврӯз ҳамчун ҷавҳари тобнок ва нишонаи ҷовидонаи тамаддуни халқи тоҷик ҳамеша нигаҳдорандаи мардум, забон, расму ойин, фарҳангу таърих ва ниҳоят, Ватан будааст».

Бо пешниҳод ва ҷидду ҷаҳди Сарвари кишвари мо соли 2010 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид Наврӯзро ҷашни байналмилалӣ эълон кард, яъне ин ҷашни куҳанбунёду фаррухниҳоди тоҷикон мақоми ҷаҳонӣ дарёфт ва ҳамакнун чаҳордаҳ сол мешавад, ки он дар саросари олам ботантана таҷлил гардад ва дар тамоми мамолики олам номи тоҷикона дорад: Наврӯз.

Акнун ба шарофати Наврӯз робитаву муносибатҳои фарҳангӣ ва ҳусни тафоҳуми байни миллатҳо пайваста тақвият меёбад, сулҳу дӯстӣ, рафоқату ҳамдилӣ бештар тантана мекунад ва барои рушди рӯзафзуни тамаддуни башарӣ имкони фаровон фароҳам меояд. Боиси ифтихори мост, ки ҳам суханварони пешини халқи тоҷик ва ҳам аҳли адаби имрӯзаи миллат бо камоли истеъдод ва меҳру садоқат Наврӯзи накуфолро ситоиш кардаю дар ин мавзуъ асарҳои барҷаста офаридаанд. «Наврӯзнома»-и Умари Хайём дар саросари дунё машҳур аст ва моҳияту мақому мартабаи ин хуҷастаҷашнро дар сатҳи баланд тавзеҳ мебахшад. Адабиёти муосири тоҷик низ наврӯзномаю баҳорияҳои зиёдеро фаро мегирад. Дар бисёр маҳфилҳои наврӯзӣ, аз ҷумла, қитъаи зер муассиру хушоянд садо медиҳад:

*Базми гул дар чамани Наврӯз аст,*
*Ҳама дар пераҳани Наврӯз аст,*
*Ҳар куҷо анҷумани Наврӯз аст,*
*Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст.*

Мо ифтихор аз он низ дорем, ки соҳаи маориф ва илми кишвар аз Наврӯз то Наврӯз мунтазам ба бомаром пеш меравад рушду такомул меёбад, мушкилоти соҳа гирехкушой мешаванд, ба фаъолияти кормандони тамоми сохторҳои соҳа вусъат мепазираду батадриҷ мувофиқ ва меъёрҳои байналмилалӣ мегардад. Бештар аз ҳама, он нукта муҳим аст, ки раванди таҳкими сатҳу сифати таълиму тарбия нерӯи тоза дармеёбад ва дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимӣ афзун мешавад. Шогирдони таълимгоҳҳои мамлакат дар озмунҳои зиёди бонуфузи ватанию хориҷӣ вобаста ба фанҳои гуногун ширкат варзида, ба комёбиҳо шарафёб мегарданд. Танҳо дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», ки бо ибтикори Пешвои миллат роҳандозӣ шудааст, ҳамасола беш аз 300 000 нафар довталабон ширкат меварзанд ва гурӯҳи калонашон ҷоизаҳо ба даст меоранд. Дар самти таҳия ва нашри барномаю дастурҳои нави таълимӣ, китобҳои насли нав ва асару рисолаҳои илмию таълимию тарбиявӣ низ корҳои зиёде сомон бахшида шуданд. Вобаста ба ин, мушоҳида мешавад, ки масъулиятмандию эҷодкорӣ ва муносибати ҷиддӣ ба тақдири насли наврас миёни аҳли таълиму тарбия хеле вусъат



ёфтааст ва ҳамчунин, робитаи аҳли ҷомеа ба мактабу маориф пурсамартар гардидааст. Ин ҷо, албатта, омили асосӣ ва таконбахш Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» маҳсуб мешавад.

Солҳои охир дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ ба ифтихори 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ бунёдкорию созандагӣ ва ободонӣ вусъат пайдо кардааст. Аз ҷумла, дар саросари мамлакат иншооти нави соҳаи маориф, биноҳои нави мактабҳо, синфхонаҳои иловагӣ бунёд мешаванд ва бо таҷҳизоти навтарин таъмин мегарданд. Ин раванд давра ба давра вусъат меёбад.

Ҳафтаи гузашта Сарвари кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги асос ба бунёди бинои нави Вазорати маориф ва илм оғоз бахшиданд, ки ин зуҳуроти нави ғамхорию таваҷҷуҳи роҳбарияти ҷумҳурӣ нисбат ба соҳаи маориф мебошад. Ин бино хеле зебою пуршукӯҳ ва иборат аз ҳаждаҳ ошёна хоҳад буд.

Ҳоло соҳаи маориф ва илми мамлакат ба марҳалаи тозаи рушд ворид гаштааст ва бовар дорем, ки аз файзу баракати Наврӯзи ҷаҳонафрӯз ин марҳала боз ҳам суръату вусъати тоза пайдо мекунад.

Наврӯзи навини Ватани азизамонро бо нишоту шодмонӣ истиқбол гирифта, орзу мекунем, ки он диёри зарнисори моро боз ҳам шукуфтотару зеботар, шукӯҳмандтару дилработар созад ва ба комёбиҳои нав бирасонад. Тамоми ҳамдиёрони муҳтарам ва хосатан, аҳли маорифу илмро ба ифтихори фарорасии Наврӯзи ҷаҳонӣ самимона табрику таҳният мегӯям ва таманнои онро дорам, ки дар ҳар манзилу хонадон бахту саодат, сулҳу салоҳ, дӯстию ҳамдилӣ ва файзу баракат ҳукмрон бошад.

*Дӯстон, ҷашни дилафрӯз*
*муборак бошад,*
*Нафаси тозаи Наврӯз*
*муборак бошад!*

МЕҲРНОМА

## Ҳама рӯзгори ту Наврӯз бод!

*Зимистонро бувад фарҷом Наврӯз,*
*Ки бошад тирашабро оқибат рӯз.*

**Фирдавсӣ**

*Боз ин ҷӣ ҷавонист заминрову замонро,*
*Наврӯз бадал кард ба дил пиру ҷавонро!*

**Анварӣ**

*Чун лола ба Наврӯз қадаҳ гир ба даст,*
*Бо лолarухе, агар туро фурсат ҳаст.*

**Хайём**

*Шоданд ҷаҳониён ба Наврӯз, ба ид,*
*Иди ману Наврӯзи ман имрӯз туӣ.*

**Мавлавӣ**

*Боди наврӯзӣ ҳаме дар бӯстон бутгар шавад,*
*То зи сунъаш ҳар дарахте луъбате дигар шавад.*

**Унсурӣ**

*Дар орзуи бӯи гули Наврӯзам,*
*Дар ҳасрати он нигори оламсӯзам.*

**Саъди Салмон**

*Имрӯз навбаҳор аст, соғаркашон, биёед,*
*Гулҷӯшӣ бода дорад, то дилситон биёед.*

**Бедил**

*Ҳамасола бахти ту пирӯз бод,*
*Ҳама рӯзгори ту Наврӯз бод!*

**Фирдавсӣ**

*Боди наврӯзӣ ҳаме дар бӯстон соҳир шавад,*
*То ба сеҳраш дидаи ҳар гулбуне нозир шавад.*

**Манучеҳрӣ**

*Имрӯз ҷамоли ту бар дида муборак бод,*
*Бар мо ҳаваси тоза печида муборак бод!*

**Мавлавӣ**

*Хуррам он дил, ки баҳорон пайи тартиби димоғ*
*Бонги мурғи чаману бӯи гули тоза шунид.*

**Камоли Хуҷандӣ**

*Боз гул доман ба дасти ошиқони худ ниҳод,*
*Ғунча лаб бикшуду булбулро ба боғ овоз дод.*

**Камоли Хуҷандӣ**

*Баромад боди субҳу бӯйи Наврӯз*
*Ба коми дӯстону бахти пирӯз.*

**Саъдӣ**

*Омада наврӯзмоҳ бо гули сурӣ ба ҳам,*
*Бодаи сурӣ бигир, бо гули сурӣ бичам.*

**Манучеҳрӣ**

*Акнун, ки кушод гул гиребон,*
*Дасти ману домани гулистон.*

**Хоқонӣ**

*Чу ғунча гарчи фурубастагист кори ҷаҳон,*
*Ту ҳам чу боди баҳорӣ гиреҳкушо мебош.*

**Ҳофиз**

*Ҳама олам ба тамошои ту шоданд, оре,*
*Ту маҳи идию рӯйи ту гули наврӯзист.*

**Камоли Хуҷандӣ**

*Сад шукр, ки боз гашт хуррам*
*Аз омадани баҳор олам.*

**Абдулқодирхоҷаи Савдо**

*Дар баҳорон ҷома аз тан барканед,*
*Танбараҳна ҷониби гулшан давед.*

**Мавлавӣ**

*Фасли Наврӯз аст, меояд ҳавойи тозае,*
*Булбулу гулро шуда баргу навойи тозае*

**Сайидо**



**20 март дар шаҳри Душанбе Фестивали байналмилалии «Наврӯз-мероси фарҳангию ҷаҳонгардӣ» баргузор гардид.**

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ



# Ҷаласаи «Илм – фурӯғи маърифат» дар соли 2024

14.03.2024 дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2024 оид ба баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» дар соли 2024 нахустин ҷаласаи кории ҳайати комиссияи озмун баргузор гардид.

Дар ҷаласа муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси комиссияи Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» Дилрабо Мансурӣ, аъзои комиссия ва дигарон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар оғоз муовини Сарвазири мамлакат таъкид дошт, ки барои дар сатҳи баланд гузаронидани даври якум ва дуюми Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» дар соли 2024 бояд тамоми тадбирҳо андешида шаванд.

Ҳамзамон, иштирокдорони ҷаласа доир ба мушкилот ва камбудиҳои зимни баргузории озмун ҷойдошта фикру ақидаҳояшро баён намуданд.

Дар фарҷом ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

# «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат»

18-уми марти соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи дуюми Шурои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» доир гардид.



Дар ҷаласа муовини вазири маориф ва илм Дилшод Сафарзода, сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои тобеи вазорат, намояндагони дигар вазорату идораҳо ва мушовирони маҳаллӣ иштирок намуданд.

Сараввал вазири маориф ва илм ҳозиринро бо фарорасии баҳор ва ҷашни байналмилалии Наврӯз табрик гуфта, иброз дошт, ки маҳз бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 лоиҳаи "Муҳити таълим - асоси таҳсилоти босифат" роҳандозӣ гардид, ки мақсад аз амалигардонии лоиҳаи мазкур, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва омӯзиш дар ҳар як зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Дар натиҷаи ба пуррагӣ ва самаранок иҷро шудани иқдомоти ба нақша гирифташудаи лоиҳаи мазкур муассисаҳои таълимӣ боз ҳам бо шумораи бештари таҷҳизоти фаннӣ ҷиҳозонида мешаванд, муҳити таълим замонавӣ ва имконияти таҳсилоти босифат фароҳ мегардад.

Сипас маърӯзаи муовини вазири маориф ва илм Дилшод Сафарзода вобаста ба нуктаҳои асосии фаъолияти лоиҳа оид ба дастгирии таҳияи "Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" шунида шуд.

Дар идома Бадриддин Музаффарзода - ҳамоҳангсози лоиҳаи "Муҳити - таълим асоси таҳсилоти босифат" вобаста ба рафти татбиқи лоиҳаи болозикр ва аъзои шуро вобаста ба самтҳои гуногуни лоиҳа суханронӣ намуданд.

Лоиҳаи "Муҳити таълим - асоси таҳсилоти босифат" аз се қисм ва зерқисмҳо иборат буда, татбиқи он 6 солро дар бар мегирад.

***Маркази матбуоти***
***Вазорати маориф ва илми***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Риояи муқаррароти қонунҳо ҳатмист

15 марти соли равон дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи назди вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо директорони мактабҳои Президентӣ, литсейҳои ҷумҳуриявӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумии Россияву Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ҷаласа як қатор масъалаҳои мубрами рӯз ва марбут ба соҳаи маориф, ки дар мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дин ироа гардида буданд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.

Вазири маориф ва илм ҳозиринро бо фарорасии баҳор ва ҷашни байналмилалии Наврӯз табрик гуфта, ба иштирокчиён саломатӣ ва саодати ҳамешагии рӯзгорро таманно намуд. Мавсуф қайд намуд, ки ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, иҷрои ҳатмии талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амри зарурист. Таҷлили ҷашни Наврӯз дар муассисаҳои таълимӣ низ бояд дар доираи талаботи қонун сурат гирифта, ба риояи қатъии



муқаррароти қонунҳо диққати ҷиддӣ дода шавад.

Ҳамзамон, Р.Саидзода иброз дошт, ки ҳамаи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба анҷом додани амалҳои хайру саховат, дастгирии оилаҳои камбизоат, ятимону бепарасторон, сарфаю сариштакорӣ ва танзими маъракаву маросимҳо аз беҳтарин аҳкоми тарбиявии Қуръони карим ва ҳадисҳои набавӣ гирифта шудаанд ва мақсад аз он ҳидояти мардум ба роҳи пурсаодати зиндагӣ мебошад.

Дар охир вазири маориф ва илм ба ҳозирин ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои дар мулоқоти Сарвари давлат зикргардида баҳри таъмини волоияти қонун, пешгирии исрофкорию зиёдаравиҳо, роҳ надодан ба ҳар гуна хурофотпарастӣ, хуб ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврас дар роҳи хештаншиносию ватандӯстӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ ва муассисаҳои таълимӣ, беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимии типи нав, ҷалби бештари хонандагон ба озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, гирифтани пеши роҳи амалҳои номатлуб дар муассисаҳои таълимӣ ва ҳуҷҷатсупории хонандагони синфҳои 11 ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳои қатъӣ дод.

# Пирӯзӣ дар Ҷумҳурии Адигей




Тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастаи мунтахаби ҷумҳурӣ иборат аз 4 нафар хонанда дар 9-умин Олимпиадаи байналмилалии Қафқоз «СМО-2024» аз фанни математика, ки рӯзҳои 11-16 марти соли 2024 дар шаҳри Майкопи Ҷумҳурии Адигей баргузор гардид, сафарбар карда шуда, сазовори як ҷойи II, як ҷойи III ва ду ҷойи ифтихорӣ гардиданд:

Азамат Душанов – хонандаи синфи 11-и литсейи Президентӣ барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе сазовори ҷойи II, Олимҷон Тухтаров – хонандаи синфи 9, филиали литсей-интернати тоҷикӣ-русии Ҳотам ва ПВ-и шаҳри Ҳисор сазовори ҷойи III, Дадохоҷаев Акобир – хонандаи синфи 10, мактаби хусусии «О. Ҷӯраев» дар шаҳри Конибодом сазовори ҷойи ифтихорӣ, Фарҳод Соҳибназаров – хонандаи синфи 9 филиали литсей-интернати тоҷикӣ-русии Ҳотам ва ПВ-и шаҳри Ҳисор сазовори ҷойи ифтихорӣ гардиданд.

***Маркази ҷумҳуриявии***
***дарёфт ва рушди истеъдодҳо***

# Оғози даври аввал

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами №26-и ноҳияи Носири Хусрав даври якуми озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" баргузор шуд.

Дар рафти баргузории озмун намояндаи раёсати маорифи вилояти Хатлон, муовини раиси ноҳияи Носири Хусрав ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.



**Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани донишу маърифати ҳуқуқии ҷавонон ҳамоиш доир шуд.**

*Шараф барои марду зану пиру барно якест.*
*Николай Чернишевский*



СУННАТИ НИЁГОН

# Ҷашни Наврӯз ва оинҳои он

***Наврӯз рӯзи нахустин ва нави ҳафтаи нави моҳи нави соли нави хуршедӣ буда, рӯзи баробарии қисми равшанию торикии шабонарӯзии баҳорӣ, яъне баробарии шабу рӯз ё ба таъбири дигар, «рӯзи эътидоли баҳорист».***

**Андар боби вожаи Наврӯз ва масъалаҳои марбут ба он:**

Вожаи Наврӯз дар паҳлавӣ ба сурати "Накруч" омада, ки аз ду ҷузъ таркиб ёфтааст: бахши аввал - "нак" ба маънии нав, ҷадид, тоза ва бахши дуюм – "руч" ба маънии рӯз, яъне, "рӯзи нав, ҷадид ва тоза". Калимаи имрӯзаи "Наврӯз" бошад, вожаи мураккаби тоҷикӣ буда, аз калимаҳои "нав" ва "рӯз" таркиб ёфта, мафҳуми "рӯзи нав"-ро ифода мекунад. Худи вожаи "Наврӯз" баёнгари он аст, ки ин ҷашн хоси мардуми форсизабонон буда, дар сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросони бузург пайдо шудааст.

Ба таваҷҷуҳ ба он ки усулан ва маънаван Наврӯз ба маънии "рӯзи нав" аст, пас ин паёмро медиҳад, ки мо бояд навгаро (модерн) бошем. Яъне ба он маънӣ, ки аз Наврӯз ба Наврӯзи ва як сол аз умри мо гузашта ва ё як сол бузургтар шудем. Оё аз назари руҳию равонӣ, фикру андеша, меҳру муҳаббат ва таваҷҷуҳ ба адолату инсондӯстӣ мо бузург шудаем ва ё тағйир ёфтаем? Аз ин хотир, ҳамчунон ки табиат дар Наврӯз нав ва зебо мешавад, инсонҳо ҳам бояд аз нигоҳи фаҳм, дарк, шуур, адолат, меҳру муҳаббат ва ишқу инсонигарӣ тағйир бипазиранд ва ҷанбаҳои манфиро аз худ дур карда, ҷанбаҳои мусбатро тақвият бахшанд.

Пас метавон гуфт, ки Наврӯз ҳамчун муаллими роҳкушо ва ҳикматомӯз аст ва мо набояд танҳо ба қолаби зоҳирӣ ва зоҳири ҷашн таваҷҷуҳ кунем, балки бояд паёми навгароии онро дар ҷону қалбу фикри худ ҷой дода, аз сурати зебою нав ба сирати зебою нав бирасем. Дар ҳамин робита, Манучеҳри Оташӣ мегӯяд:

*Ояд баҳору пираҳани беша*
*нав шавад,*
*Навтар бароварад гул, агар реша*
*нав шавад.*
*Зебост рӯйи кокули сабзат*
*кулоҳи нав,*
*Зеботар он, ки дар сарат андеша*
*нав шавад.*

**Дуюм, андар боби таърихи пайдоиши аслии ҷашн ва асосгузори он:**

Чунонки маълум аст, Наврӯз андар огоз ва ё аввалҳои пайдоиш ҷашни табиат ва кайҳон буда, баъдан пероҳани фалсафии гуногунранг ба тан кардааст. Ин ҳолат ба он омада расид, ки мо Наврӯзро ҳамчун як падидаи яклухти табиию фарҳангӣ таҷассум намоем.

Дар ин росто, бояд зикр кард, ки ин ҳодиса ва ҷашни табиию кайҳонӣ тадриҷан ба ҷашни фалсафию фарҳангии байналмилалӣ табдил ёфта, сурату сират ва шаклу мазмуни навро ҳам дарбар гирифт.

Дар бештари сарчашмаҳо оғози таҷлили Наврӯзро ба Ҷамшеди Пешдодӣ – қаҳрамони достонҳои эронӣ нисбат медиҳанд. Ин андешаро, аз ҷумла, Фирдавсии бузург дар асари безаволаш "Шоҳнома" чунин ба риштаи назм кашидааст:

*Ҷаҳон анҷуман шуд бари тахти ӯй,*
*Шигифтӣ фурӯ монда аз бахти ӯй.*
*Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,*
*Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.*

Пас, киро метавон асосгузори ҷашни Наврӯз номид: Каюмасро ё Ҷамшедро? Андешаи мо он аст, ки эҳтимол Ҷамшедро аз он ҷиҳат асосгузори ҷашни Наврӯз меноманд, ки аввалан, он рӯзи эътидоли баҳориро "Наврӯз" ном ниҳод ва баъдан, дар замони ӯ ҷашни Наврӯз ва расму оинҳои он ба расмият даромада, аз ҷашни одии мардумӣ ба мақоми давлатӣ расид.

**Сеюм, андар боби маросимҳои наврӯзӣ, аз ҷумла, хони наврӯзӣ:**

Фолклоршинос Равшани Раҳмонӣ менигорад, ки дар манобеи китобӣ дар бораи таърихи пайдоши «ҳафт шин», «ҳафт син» ва гоҳе «ҳафт мим» шарҳи дақиқе мавҷуд нест ва маълумоти ба дастомада ҳам баҳсбарангезанд.

Аммо баъзе аз пажуҳандагон дар асоси гуфтаҳои мардум бар ин ақида ҳастанд, ки «ҳафт син» («ҳафт шин»)-ро ба хотири 7 амшоспандон-(эзадон) фариштагони муқаддаси дини зардуштӣ (урдибиҳишт, хурдод, амрдод, шаҳривар, баҳман, спандормаз, (6+1) аҳурамаздо) интихоб намудаанд.

Эҳтимол мекунанд, ки «ҳафт син» ва «ҳафт шин» шакли дигаршудае аз замонҳои қадим бошад. Дар замонҳои пеш як одате будааст, ки гӯиё дар рӯзҳои даромади Наврӯз, яъне дар фарвардинмоҳ барои пазироии рӯҳи фавтидагон дар болои бом ё хонаи мурда ва ё умуман, хонаи одамон дар 7 табақ (ё 7 лаълии калон) хӯрок ва нуклу қанду шакару ширинӣ мегузоштанд.

Дар даврони зардуштиён, бахусус, Сосониён ба 7 лаълӣ (табақи махсуси чинӣ) мева ё хӯрокҳо овардан рамзи суннатӣ будааст. Ин гуна лаълиҳоро дар Эрон «синӣ» ва ё «чинӣ» мегӯянд, яъне хӯрокро дар 7 «синӣ» мегузоштанд. Муҳаққиқон ишора бар он низ кардаанд, ки дар асл «ҳафт син» 7 «синӣ» будааст, яъне «синӣ» аз вожаи «чинӣ» гирифта шудааст. Дар замони Сосониён табақҳо ва ё ин гуна лаълиҳоро аз кишвари Чин меоварданд ва аз ин хотир, онҳоро «чинӣ» мегуфтанд. Аз ин рӯ, дастархони наврӯзӣ 7 «синӣ» ё 7 «чинӣ», яъне, 7 лаълӣ ном гирифт ва баъдҳо ба сурати «ҳафт син» ё «ҳафт шин» даромад ва ҳанӯз дар баъзе минтақаҳо «ҳафт син»-ро 7 «синӣ» низ мегӯянд. Ҳатто баъзеҳо ишорат кардаанд, ки «синӣ» аз «чинӣ» ва «чинӣ» шояд аз «чидан», яъне дар лаълӣ ё дастархон чидани чизҳои гуногун гирифта шуда бошад.

Андешаи фолклоршиноси тоҷик Д. Раҳимов дар ин хусус бад-ин рақам аст: "... Андешаи ба ҳақиқат наздиктар дар мавриди «ҳафт син» ин аст, ки адади ҳафт аз ҷамъи Аҳурамаздо ва шаш амшоспандон – эзадон ё фариштаҳои



соҳибмақоми пантеони зардуштӣ ба вуҷуд омадааст... Маҳз дар айёми Наврӯз барои ин ҳафт нафар дар ҳафт табақ ғизову ашёи рамзӣ гирифта, дар суфра мегузоштанд, ки инҳо буданд: тухм, шир, сабза, сикка, испанд, об ва сир.

"Ҳафт шин": шамъ, шир, шакар, шароб, шоя (шохчаи гулдори ягон дарахт), шамшод, шаҳд:

*Ҷашни Наврӯз аз замони Каён*
*Мениҳоданд мардуми Эрон*
*Шаҳду ширу шаробу шакари ноб,*
*Шамъу шамшоду шоя андар хон.*

Гумон меравад, ки "ҳафтшин" ва "ҳафтсин" пас аз ба дини ислом гаравидан пайдо шудааст, чунки номхои ҳарфҳои арабӣ дар байни эронтаборони куҳан маълум набуд.

**Чорум, андар боби маросими «бор»:**

Дар замони пеш дар тахти Ҷамшед расме бо як шукӯҳу шаҳомати хос ҷашн гирифта мешуд, ки ин маросими «бор» ном дошт. «Бор» маросими бо ҳадяҳо қабул кардан ва ё дар назди худ пазируфтани мардуми хосу ом аз ҷониби шоҳи ориёӣ буд.

Артур Кристенсен - шарқшиноси фаронсавӣ дар тадқиқоти худ "Эрон дар замони Сосониён" оид ба ҷашни Наврӯз дар салтанати Сосониён маълумот дода, чунин меоварад: "... Аз расмҳое, ки Хусравон ба ин панҷ рӯз афзуданд, яке ин буд, ки шоҳ ҷашни Наврӯзро ифтитоҳ мекард ва ба мардумон эълом медошт, ки вай ононро бор хоҳад дод ва ба онон некӣ хоҳад кард. Дувумин рӯз баландпоятарин касонро бор медод, яъне деҳқонону аъзои хонадонҳои бузург. Севумин рӯз асворон ва баландпоятарин мубадонро бор медод, чаҳорумин рӯз хонаводаи худ ва наздикитарин хешу дарбориёнро бор медод ва панҷумин рӯз фарзандону коргузорони худро бор медод. Ва чун рӯзи шашум фаро мерасид, шоҳ ин вазоифи худро нисбат ба онон анҷом дода буд, Наврӯзро барои худ ҷашн мегирифт ва дар он ҳангом фақат наздикитарин дӯстону касоне, ки шоистаи хилвати ӯ шумурда мешуданд, бо ӯ ҳамнишинӣ доштанд. Шоҳ дастур медод, ки ҳадяҳоеро, ки расида буд, биёваранд ва онҳоро бинобар мақоми ҳадякунандагон мураттаб месохт. Он гоҳ ба онҳо менигарист ва он чиро мехост, миёни дигарон тақсим мекард ва он чиро мехост, ба хазина месупурд".

Маросими «бор», ки таърихи тӯлонӣ дорад, бо номҳои гуногун, аз кишваре ба кишваре гузашта, дар кишварҳои олам, аз ҷумла, дар Тоҷикистон низ чун мероси ниёгон дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз, ҷашни Меҳргон, солгарди Ваҳдати миллӣ, ҳамоиши Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, ҷашни Истиқлоли давлатӣ ва дигар ҷашнҳо ба таври махсуси замонавӣ барпо мешавад. Дар он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо оммаи мардум, зиёиён, раисони вилоят, шаҳр, ноҳия ва ширкату муассисаҳо, шахсиятҳои маъруф суҳбат карда, дар мавридҳои муносиб ба шахсони сазовор ҷоиза ва дигар мукофотҳои давлатӣ тақдим менамояд.

**Панҷум, андар боби маросими "сездаҳ ба дар":**

Ин маросим қадимӣ буда, решаи он ба даврони Зардушт мерасад. «Сенздаҳ ба дар" маросимест, ки ҳангоми нав гаштани сол рӯзи сездаҳуми ҷашни Наврӯз мардум аз хонаҳо берун меравтанд ва дар оғӯши табиат ҷашн барпо менамоянд. Аз ҳамин хотир, ин маросим "Сездаҳ ба дар" ном гирифтааст. Дар мавсими мазкур ташкили маросими «Сездаҳ ба дар»-и наврӯзӣ метавонад дар маърази диққат қарор гирад, агарчи дар Тоҷикистон маъмул нест, вале оянда метавонад машҳур гардад.

Чун ба сарчашмаю маъхазҳои таърихию адабӣ назар афканем, дармеёбем, ки дар ҳақиқат маросими мазкур таърихи бостонӣ дорад. Аз ҷумла, И. С. Брагинский дар асари худ «Тадқиқот роҷеъ ба фарҳанги тоҷикон» бо такя ба сарчашмаҳои мавҷуд ҷашни Наврӯз 12 рӯз муайян кардааст. Шаш рӯзи аввал Наврӯзи хос ва шаш рӯзи сонӣ Наврӯзи ом. Рӯзи сездаҳум ҳама-хосу ом ба беруни шаҳр баромада, Наврӯзро ҷашн мегирифтаанд. Ин анъана дар Осиёи Марказӣ бо номи сайр (ё ки сайри лола) ва дар Эрон бо номи «сездаҳ ба дар» маъруф аст.

***ҚОСИМӢ Саъдӣ Абдулқодир,***
***доктори илми филология,***
***фолклоршинос,***
***МАҲМУДЗОДА Обидҷон Бекназар,***
***доктори илми филология,***
***адабиётшинос***

ОЗМУН

# «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар шаҳри Душанбе

Дар толори китобхонаи Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» даври аввали (дохилимуассисавӣ)-и озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардид. Дар озмун беш аз 20 нафар таълимгирандаи маҳфилҳои муассиса аз рӯйи номинатсияҳои дар Низомномаи озмун муқарраршуда иштирок намуданд.

Ғолибон ба даври дуюм (ноҳиявӣ)-и озмун роҳхат хоҳанд гирифт





**Дар Душанбе бахшида ба Рӯзи фарҳанг ва Наврӯзи байналмилалӣ ҳамоиши идона доир гардид.**

ДАР МАСИРИ СОЛҲО



# Наврӯз безавол аст

***Ҷашни миллии ниёгони мо Наврӯз дорои таърихи шашҳазорсола мебошад. Дар фарҳанги мардуми эронитабор ҳеҷ як анъана ва расму оине чун ҷашни Наврӯз азизу арҷманд ва дорои ин қадар мартабаи баланд нест. Наврӯз пайвандгари наслҳои дирӯзу имрӯз тавассути расму оин, арзишҳои этникӣ, меҳру садоқат ва анъаноти неки ниёгон мебошад.***

Тавре ки аз номаш бармеояд, Наврӯз ба маънии рӯзи нав буда, ҳамчун ҷашн дар аввали соли нави хуршедӣ ва ба истиқболи фарорасии соли нав баргузор мешавад. Наврӯз ифодагари тантанаи баҳори нозанин, зиндашавии табиат, оғози корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ, айёми баробаршавии шабу рӯз мебошад. Наврӯз тамоми оламро бедору ҳушёр менамояд ва кишоварзон ба киштукор оғоз мекунанд. Аз нигоҳи ҳисоби ситорашиносӣ Наврӯз рӯзест, ки офтоб ба бурҷи барра (ҳамал) ворид мешавад ва дар ҳамон дақиқаву сонияе, ки ворид шуд, соли нав фаро мерасад. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ Наврӯзро дар урдубиҳишт, ки бо солшумории имрӯзаи мо ба охири моҳи март рост меояд, таҷлил мекунанд.

Роҷеъ ба таърихи пайдоишу баргузории ин ҷашн дар сарчашмаҳои таърихи маълумоти зиёд зикр гаштааст, ки донишмандони тоҷику эронӣ дар асоси онҳо мақолаҳову рисолаҳои арзишманд таълиф намудаанд. Маълумоти ҷолибу фарогирро оид ба пайдоиш ва ташаккули Наврӯз дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Осор-ул-боқия» ва «Ат-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ ва чанд асари дигар метавон пайдо кард. Аксар ба иттифоқ Ҷамшеди Пешдодиро бунёдгузори ҷашни Наврӯз хондаанд. Қисмате аз сарчашмаҳои таърихӣ ба он далолат мекунанд, ки Наврӯз дар давраи салтанати Пешдодиён дар замони ҳукмронии шоҳ Ҷамшед пайдо шудааст. Чун ба таърих назар меафканем, дармеёбем, ки давраи салтанати Шоҳ Ҷамшед давраи адлу инсоф ва пайдоиши якчанд ҷашни суннатӣ ва оинҳои хайрхоҳонаю мардумпарастона будааст.

Дар асари машҳури Умари Хайём «Наврӯзнома» роҷеъ ба бунёд гузоштани ҷашни мазкур чунин иттилои ҷолиб омадааст: «…аммо сабаби ном ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз ва рубъе аз як шабонарӯз ба аввали дақиқаи Ҳамал боз ояд, ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа натвонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад. Ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн оин овард ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ ибтидо карданд».

Аз маъхазҳои таърихӣ маълум мешавад, ки Наврӯз дар даврони қадим ба тарзу анъанаҳои махсус таҷлил мешудааст. Рӯзҳои ҷашнгирии он низ фарқ доштааст. Ҷашни Наврӯз марбут ба шукуфоию рангрезиҳо дар фасли баҳор аст, оғози кишту кори баҳорист. Баргузории ҷашни Наврӯз дар замони Сосониён чанд рӯз (на кам аз шаш рӯз) тӯл мекашид.

Ривояте ҳаст, ки «рӯзи аввали фарвардин ибтидои баҳор аст ва инро «Наврӯзи кучак», «Наврӯзи омма» ва «Наврӯзи сағир» гӯянд».

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду эҳёи таъриху фарҳанг ва ҷашну маросими мардумӣ диққати ҷиддӣ дода, барои бузургдошти арзишҳои миллӣ талошҳои зиёде намуд. Дар қатори ҷашнҳои миллию мардумӣ ҷашни Наврӯз миёни мардуми тоҷик ва форсигӯёни ҷаҳон мақоми хосса пайдо кард. Наврӯз хусусиятҳои деринаашро бо рӯҳияи замони нав созгор кард ва ҳамакнун мақоми ҷаҳонӣ дарёфтааст. Ба таъкиди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳифзу посдории анъанаҳои неки ниёгон бақои ҳастии миллатро таъмин мекунад. Ин ҷашни куҳан ҳамешаҷавон барои мардуми кишвари мо омили осоиштагӣ, хуррамию некрӯзӣ, сулҳу амният ва фаровонӣ гардидааст.

*Аё Наврӯз, ҷашни шодмонӣ,*
*Ҳамехоҳем ту ҷовид монӣ.*

***А. АБДУҚОДИРОВ,***
***дотсенти кафедраи фанҳои таърих ва диншиносии ДДҲБСТ***

# Асрори номвожаи «Наврӯз»

***Дар бораи пайдоиши номвожаи «Наврӯз» ва маъниву тафсири он ақидаву назарҳо хеле зиёданд, ҳамчунин, дар хусуси таъриху пайдоиш, расму ойини он манобеи фаровони илмиву адабӣ мавҷуд аст. Аксари сарчашмаҳои илмиву адабӣ бар онанд, ки вожаи «Наврӯз» аз калимаҳои «нав» ва «рӯз» иборат буда, чун «рӯзи нав», «соли нав» маънидод мешавад.***

Устод Соҳибназар Муродӣ дар асараш “Бадахшон дар таърих” Наврӯзро “растохези табиат”, “ҳамзоди инсон” номидааст. Ба ривояте, Наврӯз рӯзи тоҷи шоҳӣ ба сар ниҳодани “Яма” (Ҷамшед) буда, ки сулолаи Пешдодиён аз ӯ шуруъ мегардад. Вақте офтоб баъди як сол ба бурҷи ҳамал мерасад, онро оғози соли нави хуршедӣ меноманд ва дар ин вақт шабу рӯз баробар мешаванд. Аз сӯйи дигар, азбаре асои зарнишон ва Ҷам дорои иқтидор гардид ва сесад зимистон аз салтанати вай гузашт…”. Яъне, аз сабаби афзудани инсону ҳайвон замин тангӣ кард ва Ҷамшед бо нигини заррин заминро бисуд ва асои зарнишон бар он бикашид ва замин доман густарду фарох гашт. Оқибат Ҷам аз доман барчидани зимистон мужда дод: “...ва мардумон дар интизори фаро расидани он вақт бесаброна лаҳзашуморӣ



ски ориёиёни қадим солро фақат ба фасли тобистону зимистон ҷудо мекарданд, пас Наврӯз оғози фасли тобистон, оғози ҳукмронии равшанию нур ва ба охир омадани торикию зулмот ҳисоб меёбад, аз ин рӯ, ориёиён даромади нуру рушноиро ҷашн мегирифтанд.

Дар «Авасто» дар бораи Наврӯз навиштаанд: “Он гоҳ ман - Аҳуромаздо ба Ҷам ду абзор додам, яке нигини зар ва дигамекарданд. Он рӯз фаро расид: сапеда дамид ва хуршед бо гардунаи заррини худ дар паҳнои осмон хиромид ва “Наврӯз” фаро расид”. Бо омадани Наврӯз як давраи дарози маъюсиву ноумедии мардум охир омад ва мардум ин фархундаҷашнро бино ниҳоданд. Ба андешаи муаллиф, Наврӯз се андешаи мазҳабии ориёӣ – «ойини меҳрӣ», «зарвонӣ», «маздоясноӣ»-ро бозгӯ мекунад. Аз рӯйи маълумоти бархе сарчашмаҳо, пайдоиши Наврӯз ба давраи подшоҳии Ҷамшед рост меояд, ки он 5690 сол пеш аз мелод будааст. Мутобиқи ривоёти “Авасто”, аз сабаби дароз будани зимистон, ки ба 10 моҳ тӯл мекашид ва тобистон ҳамагӣ ду моҳ буда, баъдан фасли гармо ба 7 моҳ расида, сармо 5 моҳ давом мекардааст.

Дар такя ба ривоятҳо ва устураҳои таърихӣ вобаста ба Наврӯз рӯйдоду воқеаҳои аҷоибе ба амал омадаанд: дар Наврӯз киштии Нӯҳ (а) аз туфони бало раҳид; дар рӯзи Наврӯз Ҳазрати Мусои Калимуллоҳ (а) аз боргоҳи Аллоҳ ваҳӣ гирифтааст; Ҳазрати Исо (а) дар ин рӯз мартабаи паёмбарӣ дарёфтааст; Ҳазрати Сулаймон (а) ангуштарии худро, ки ҳашамату ҳукумати ӯ буд ва девҳо онро дуздида буданд, пас аз чаҳор рӯз дар Наврӯз онро боз ба даст овард; дар ин рӯз Зардушт ҳангоми сисолагиаш дини беҳинро ошкор кард ва он рӯз Наврӯз буд; бино ба ривояте аз Имом Ҷаъфари Содиқ, Наврӯз рӯзест, ки Ҷабраил бар Ҳазрати расули акрам (с) нозил шуд ва ҳам рӯзест, ки Ҳазрати Иброҳим (а) бутҳоро бишикаст. Ё худ офариниши олами ҳастӣ дар ҳамин рӯз поён ёфтааст. Шикасти Бевросп ё Заҳҳокро ба ин рӯз пайванд медонанд.

Наврӯз чун номвожа ва ҷашн ривоётҳу қиссаҳои ҷолибе дорад, ки ҳамаи онҳоро бозгӯ намудан аз имкон дур аст, вале аслан он ҳам аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳам аз дидгоҳи маънавӣ мероси бебаҳои мардуми ориёинажод мебошад, ки ҳанӯз ҳам вижагиҳо ва мояҳои ахлоқиву омӯзандаи худро аз даст надодааст.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,***
***“Омӯзгор”***

# Ҷашни қадими ориёӣ

***Таҷлили Наврӯз дар аҳди давлати Ҳахоманишиён ба ҳукми анъана давомада буд. Дар он замон Ҳахоманишиён рӯзи Наврӯзро басо неку қадр мекарданд. Шоҳон дар ин давр мардуми одиро пазирои намуда, аз кору пайкор ва аз арзу доди онҳо аз наздик бохабар мешуданд ва ба табақаҳои нодор дасти мадад дароз мекарданд. Мардуми Эронзамин замонҳое, ки дар тахти фармонбардорӣ қарор доштанд, расму русуми наврӯзиро фаромӯш накарданд ва ин оинро аз насл ба насл ба мерос гузоштанд.***

*Шунидам як қисса аз бостон,*
*Ки гуфтанд он мардуми ростон.*
*Чу Ҷамшед дар тахти шоҳӣ нишаст,*
*Худогоҳ буду яздонпараст.*

Иди Наврӯз дар таърих ва фарҳанги мардуми ориёинажод, аз ҷумла, тоҷикон мақоми махсус дорад. Арзишҳои фарҳангии ниёгони мо тавассути китоби «Авасто» то ба имрӯз ба мо боқӣ мондааст. Бахусус, арабҳо баъди забт намудани давлати Форс барои нест кардан ё аз байн бурдани иди Наврӯз кӯшишҳо намуда бошанд ҳам, мардуми ориёинажод, аз ҷумла, тоҷикон расму ойинҳои миллати хешро аз даст надоданд.

Наврӯз зодаи тамаддуни мардуми ориёинажод аст, аммо солиёни зиёд аст, ки мавриди таваҷҷуҳи кишварҳову миллатҳои мухталиф гашта, дар фарҳангу оини онҳо нуфуз кардааст, зеро бозгӯйи ниёзи орзую омоли бани башар аст.

Ҷашни Наврӯз, ки зодаи хирад, андеша, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури гузаштагони бузурги мо мебошад, дар замири худ ҷавҳари некӣ, накукорӣ, бахшишу меҳрубонӣ, покизагии руҳонӣ ва ҷисмонӣ, созандагию бунёдкориро дорад. Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, орзую армон, расму ойин, ҷаҳоншиносии миллатамон буда, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳангии миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст. Боиси ифтихор ва сарфарозии мардуми мост, ки Наврӯз ҳамчун иди баҳор, эҳёи табиат ва фарорасии соли нав ба таърихи бисёр халқу миллатҳои ҷаҳон ворид гашта, ҳаёти онҳоро рангу таровати тоза бахшидааст.

Солҳои охир ҷашни Наврӯз дар ҷумҳурӣ аз воҳурии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиён оғоз ёфта, тантанаҳои ҷашнӣ 4 рӯз идома меёбанд.

***Гулноз МАҲКАМОВА,***
***Меҳрафрӯзи ҶУМЪАМУРОД,***
***кормандони Осорхонаи маорифи АТТ***

**Бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамоиш доир шуд.**

*Кору пайкори одам ҳеҷу бемаънист, агар бо андеша обистан нест.*
*Николай Чернишевский*

«Омӯзгор» №12-13, 20 марти соли 2024

ҶАШНВОРА

***Чӣ қадар фараҳбору нишотбахш аст, чӣ қадар хушбахтию хушрӯзист ба соҳил расидани шиновар, эҳсоси тобиши офтоб кардани сармозада, пой аз завлона берун кашидани маҳбус, ба қуллаи мурод қадам ниҳодани кӯҳнавард, бархурдор аз дидор гардидани чашми интизор ва ба коми дил расидани ошиқи беқарор... Лаззату сурури ҳамин гуна ҳолатро дорад шунидани паёми фарорасии баҳор, баҳори нозанину сабзоин.***

# Омад баҳори хуррам!



Нишотеро, ки аз нидои «баҳор омад!» тамоми ҳастии одамон, дилҳои мардумонро фаро мегирад, сахт душвор аст бо қудрати вожаҳо ифода кардан! Ин нидоро ҳамасола ҳамагон аз нахустрӯзе, ки ба панҷаи азиятовари сармо гирифтор мешаванд, пазмон мегарданду интизорӣ мекашанд. Паёми «баҳор омад!» гӯиё кори Масеҳо мекунад; ба ҷисми маҳвгашта ҷон мебахшад, кори киштии Нуҳ мекунад; ҳамаро наҷот медиҳад; кори истиқлолро мекунад; мардумро ба муҳити ободу озод мерасонад…

Замони кӯдакӣ мо – бачаҳои шӯху шанг ва чусту чолоку ҳушёру бедор бо эҳсоси аввалин нишонаҳои тағйири табиат ва дарки гуворои гармию нармӣ ҷониби пуштаҳои песабарф мешитофтему гули бахман – нахустпадидаи баҳорро пайдо мекардем ва шитобон, афтону хезон ба деҳа бармегаштему хона ба хона гаштаву деҳаро ба сар бардошта, паём мерасондем:

*Баҳор омад ба пирӯзӣ,*
*Бубин гулҳои наврӯзӣ,*
*Бидеҳ, хола, ба мо рӯзӣ,*
*Баҳори нав муборак бод!*

Ва холаҳои соҳибхона ангеза аз нишоти мо дарёфта, ба сони гулҳои баҳорӣ мешукуфтанду бар асари паёми фараҳнисору деринтизори «баҳор омад!» гӯиё саршор аз саховату ҳиммат мешуданду ҳар шираворе, ки доштанд, ба домани мо мерехтанд, гулҳои дастамонро мебӯиданду мебӯсиданду ба дида мекашиданд.

Деҳа, ки барои мо, кӯдакони дунёнадида, худ дунё буд, пуропур аз шодмонию фараҳмандӣ мешуд, ба боғистоне табдил меёфт гӯиё, ки булбулонаш суруди «баҳор омад!» мехонданд.

Маълум, ки аз оғози офариниш чаҳонро чаҳор фасл фаро гирифта ва зеботарини онҳо баҳор будаву эътироф шуда ва то имрӯз инчунин монда. Салтанати арӯси фасли сол- баҳор бо гардиши айём ҳамеша эҳёву барқарор мешавад. Ва аз оғоз фараҳбахши дилҳо будааст баҳори оламоро, зеро мо аз эҷодиёти шифоҳии халқ нидо аз умқи асрҳо мешунавем:

*Баҳор омад, баҳор омад!*
*Баҳори файзбор омад!*
*Гули савсан қатор омад!*
*Ба деҳқон вақти кор омад!*

Эҷоди мардумӣ дар саргаҳи адабиёти бадеӣ қарор дорад, хеле ва хеле бостонист ва ба ин гуна дармеёбем, ки чӣ таърихи дерине дорад нидои пурэҳсосу сурурангези «баҳор омад!». Дар адабиёти хаттии мо низ нидои «баҳор омад!» баланду равшан ва пурғулғула ба гӯш мерасад. Қофиласолори адабиёти ҷаҳон ва ориёнажодон, устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун нобиғаэҷодкор ва шоире шӯридадилу мафтуни зебоӣ дилбастагие бағоят самимӣ ба баҳор ҳамчун олиҳаи зебоӣ ва ба нидои «баҳор омад!» доштааст. Баҳорияи беназиру дилпазири ин шоири забардаст ба баҳорпараст махз бо нидои «омад баҳор!» ҳусни оғоз пазируфтааст:

*Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,*
*Бо сад ҳазор нуздату ороиши аҷиб.*
*Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,*
*Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз пайи машиб.*

Магар бо омадани фархундаайёме, ки хуснрез асту сад ҳазор (!) нузҳат (покизагию шодмонӣ) дастовез дораду пирро ҷавон, гетиро сарсабз мекунад, хомӯшу лоуболу хастаҷон мондан имконпазир аст? Ҳаргиз! Беихтиёр нидо аз қаъри дил бармехезад: баҳор омад, баҳор! Дар баҳорияҳое, ки пас аз Одамушшуаро гуфта шудаанд, нидои «омад баҳор!» ба гунаи акси садои устод Рӯдакӣ шунида мешавад. Инак, барчидае кучак аз ин гуна ашъори шуарои баҳорситойи тоҷик.

Фирдавсии суханофарин гуфта:

*Баҳор омаду хок шуд чун биҳишт,*
*Ба рӯи замин мар ҳаво лола кишт,*

Ин ду байт аз хирмани ашъори Манучеҳрии Домғонист:

*Омад баҳори хурраму овард хуррамӣ*
*В-аз фарри навбаҳор шуд ороста замӣ.*
***
*Рафт сармову баҳор омад чун товусе,*
*Ба сӯи равза берун омад ҳар маҳбусе.*

Фаррухии Сиистонӣ шодмона суруда:

*Навбаҳор омаду бишкуфт ба як бор ҷаҳон,*
*Ба сар афканд замин, ҳар чи гуҳар дошт ниҳон.*

Ин даъват аз Саъдии Шерозист – шоири баландкалом:

*Бӯи баҳор омад, бинол, эй булбули ширинinfас*

Байте даромехта бо шодмонӣ аз Ҳофизи малакутӣ:

*Расид мужда, ки омад баҳору сабза дамид,*
*Вазифа гар бирасад, масрифаш гул асту набид.*

Ин байтро яқинан Ҷалолиддини Балхӣ бо ҷӯши илҳому ҳисси баланд гуфта:

*Баҳор омад, баҳор омад, баҳори мушкбор омад,*
*Нигор омад, нигор омад, нигори гулузор омад!*

Нидои «омад баҳор!»-и Саййидои Насафӣ, бо он ки нишот дар ниҳод дорад, қадаре ҳам оҳанги фалсафӣ гирифта:

*Омад баҳору сайри гулистон ғанимат аст,*
*Базми висоли гунчаи хандон ғанимат аст.*
*Бо қомати хамида равам сӯи бӯстон,*
*Наззораи бунафшаю райҳон ғанимат аст.*

Анъанаи паёмоварӣ бо нидои «баҳор омад!» аз адабиёти ниёкон ба адабиёти муосир кӯчид ва ба шодипароканию сурурофаринӣ дар шеър идома бахшид. Ин нидои дилчаспу гуворо дар осори аксар шоирони аҳди пасошӯравию даврони Истиқлоли Тоҷикистон ҷойгохе шоиста дарёфтааст. Шеъри «Баҳория»-и устод Мирзо Турсунзода ин гуна оғози фараҳангез дорад:

*Баҳор омад, чаман гулпӯш омад,*
*Дили мо, бачагон, дар ҷӯш омад.*

Паёми устод Боқӣ Раҳимзода чун оби ҷонбахш аз чашмаи мусаффо берун омада:

*Омад ба гулшани бахт фасли баҳор, бишнав,*
*Овози кабкҳоро аз кӯҳсор бишнав!*

Чун устод Лоиқ шоире бо эҳсоси ҷӯшону хурӯшон асту дилдодаи зебоӣ, дар ашъори ӯ паёмнидои «омад баҳор!» зиёд истифода шуда:

*Баҳор омад, дарахтон гул кушоданд,*
*Чу хубон уқдаи кокул кушоданд.*
***
*Баҳор омаду домани теппаҳо сабз аст,*
*Тарона сабз, сухан сабз, муддао сабз аст.*
***
*Баҳор омаду ман сабзҷонӣ мехоҳам,*
*Чу сабза сабзии бахти ҷаҳонӣ мехоҳам.*

Як шеъри устоди волосухан Бозор Собир «Баҳор омад» ном гирифтааст ва ин пора аз он шеър аст:

*Баҳор омад:*
*Бояд бо дарахтон буд,*
*Бо дарахтон аз замин рӯид…*
*Баҳор омад, баҳор омад,*
*Чароғи лолаҳо равшан,*
*Чароғи дидаҳо равшан.*

Нидои пайкрасону ҷаззобу дилошӯби «баҳор омад!» ҳамоно аз мухтавои ашъори шоирони тоҷик ба лаҳни гуворо берун меояд ва эҳёи табиатро тарғиб мекунаду ба хурду калон, пиру ҷавон фараху шодмонӣ мебахшад, ҳамагонро ба ҳаракату ҷаҳду ҷадал даъват месозаду хушдор медиҳад:

*Табиат сарбасар гулпӯш бошад,*
*Замони бодаву оғӯш бошад,*
*Ҳама дар гардишу дар ҷӯш бошад,*
*Надорад дил, касе хомӯш бошад!*

**Абдурауф МУРОДӢ,**
**«Омӯзгор»**

НАВРӮЗИ ДАБИСТОН

# Маҳфили наврӯзӣ ҳам тарбиятгар аст

***Яке аз ҳадафҳои асосии машғулиятҳо дар мактаб тарбияи комилу ҳаматарафаи хонандагон мебошад. Барои татбиқи босамари ин ҳадаф омӯзгорон аз воситаҳои зиёд истифода мебаранд, вале албатта, воситаи асосӣ дарс аст. Ҳар дарси омӯзгор дар баробари ба таълими ин ё он мавзӯъ махсус буданаш, ҳамеша ҷиҳати тарбиявӣ дорад.***

Ба ифодаи маъруф, таълиму тарбия тавъаманд ва ҳамдигарро комил мекунанд. Қисмате аз донишмандон ҳатто ба тарбия бартарӣ медиҳанд ва таъкид мекунанд, ки шогирди беадаб дар омӯзиш ҳаргиз муваффақ буда наметавонад. Ин маънӣ дар қитъаи зерини Камолиддини Биноӣ ба таври хеле барҷастаю ибратбахшу ҳадафгир тавсиф ёфтааст:

*Толиби илмро адаб бояд,*
*Бо адаб саъй дар талаб бояд.*
*Дар талаб ҳар касе, ки беадаб аст,*
*Гар ба мақсуди худ расад, аҷаб аст!*

Дар самти тарбия дар дабистонҳо воситаҳои зиёди ёрирасон ба дарс мавҷуданд, аз ҷумла, маҳфилҳо, ҷашнвораҳо, саёҳатҳо, вохӯриҳо. Дар ин миён оростани маҳфилҳои идона моҳияти бештаре дорад, зеро ба онҳо таваҷҷуҳи хонандагон зиёдтар аст. Ҳамасола дар таълимгоҳҳо ба ифтихори ҷашни Наврӯз маҳфилҳои бошукӯҳу хотирмон ва рангину пурмуҳтаво ороста мешаванд. Маҳфили наврӯзӣ бо зебоию завқбахшӣ ва гуногунии таркибаш фарқ мекунад. Тавассути ин маҳфил дар хонандагон ҳисси зебоипарастию табиатдӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва ифтихор аз анъанаҳои ниёгон тарбият карда мешавад. Маҳфили наврӯзӣ, ҳамчунин, мусоидат ба он мекунад, ки хонандагон аз ҷаҳони маънавии ниёгон ва суннатҳои халқи азизи худ ҳар чи бештар маълумот дошта бошанд.

Иштироки волидон, меҳмонон ва аҳли санъату адаб таъсирнокии маҳфилро ва масъулияту ҳавасмандии шогирдонро афзунтар мекунад. Маъмулан дар дабистонҳо маҳфили наврӯзӣ тибқи нақшаю барномаи махсус ва фарогир баргузор мешавад. Ба ифтихори ҷашни Наврӯз қабл аз баргузории маҳфили умумимактабӣ омӯзгорони тамоми фанҳо вобаста ба муҳтавои фан чанд лаҳзаи дарсашонро ба тавзеҳу ситоиши Наврӯз мебахшанд. Синфхонаҳо, долонҳо ва саҳни мактаб бо шиорҳо дар васфи баҳору Наврӯз ва суратҳои манзаравӣ ороста мешаванд. Чанд намунаи шиорҳо:

*Омада Наврӯз ҳам аз бомдод,*
*Омаданаш фарруху фархунда бод!*
***
*Эй баҳори сабзу тар, шод омадӣ,*
*Эй ҷамоли баҳру бар, шод омадӣ!*
***
*Дӯстон, ҷашни дилафрӯз муборак бошад!*
***
*Наврӯз шуду ҷумла ҷаҳон гашт муаттар!*

Дар барномаи маҳфили наврӯзӣ ба нақша гирифтани лаҳзаҳои зерин муфид хоҳад буд: маърӯзаи мухтасар дар бораи таърихи Наврӯз, бузургон дар ситоиши Наврӯз, Наврӯз дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ситоиши ҷашни фархундаи Наврӯз аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷаҳонӣ шудани Наврӯз, анъанаҳои наврӯзӣ, байтбарак дар мавзуи баҳору Наврӯз, табрикоти наврӯзӣ, озмунҳои адабию фарҳангӣ… Оростани саҳначаҳо дар иртибот ба муҳтавои ҷашни Наврӯз, ки дар онҳо хонандагон нақшофаринӣ мекунанд, маҳфилро бештар шавқовару муассир хоҳад кард.

Наврӯз барҷастатарин ва зеботарину дилпазиртарин анъанаи ниёгони мост, ки хушбахтона, аз қаъри асрҳо бо ҳама таровату низокаташ то замони мо расидааст. Муҳим аст, ки наслҳои наврасшогирдони мо дар бораи он ҳар чи бештар ва комилтар маълумот дошта бошанд.

**Майгуна ЭВАЗОВА,**
**омӯзгори мактаби**
**№54-и шаҳри Ҳисор**

НАЗМ

# Наврӯзӣ

*Ҷашни фархундаи айём хуш аст,*
*Фасли сабзофару хушном хуш аст.*
*Олам аз мақдами Наврӯз шукуфт,*
*Маскани ёри гуландом хуш аст.*
***
*Шаҳи идҳои дунё ҷашни Наврӯз,*
*Мунаввармоҳи эҳё ҷашни Наврӯз.*
*Ба мардум оварад бахту саодат,*
*Пур аз эҳсону эҳдо ҷашни Наврӯз.*
***
*Ҷаҳонсозу ҷаҳонорост Наврӯз,*
*Куҳанҷашни ҷавони мост Наврӯз.*
*Ҷаҳонро шуҳраш тасхир бинмуд,*
*Биёвард, он чи дил мехост, Наврӯз.*

**Саъдулло ҲАЙДАРОВ,**
**устоди ДМТ**

**Дар шаҳри Бӯстон оид ба тарғиби либоси миллӣ таҳти унвони «Тоҷикона мепӯшем!» ҳамоиш доир гардид.**

ШУКӮҲИ ҶАШН

# Анъанаи бостонӣ

***Наврӯз иди қадимтарини мардуми ориёинажод ва хоса, эронитаборону тоҷикон аст. Таърихи пайдоиши он аз даврai таърихии асотири пешдодиён, замони Зардушт ва аз он ҳам муқаддамтар буда, соли нав аз ин иди таърихию аҷдодии миллиамон ибтидо мегирад. Аҷдодони гузаштаи мо ду фасли солро медонистанд: фасли тобистон ва зимистон. Сол аз тобистон оғоз ёфта, Наврӯз низ чун иди соли нав таҷлил карда мешудааст. Мувофиқи солшумориҳои авастоӣ , Наврӯз дар замони ҷорӣ будани солшумории астрономӣ бо сабаби кам будани рӯзҳои моҳ ба давраҳои гуногун рост меомадааст .***

Ривояте ҳаст, ки дар даврони ҳукмронии Сосониён Наврӯз дар шонздаҳуми моҳи румӣ (моҳи июн), яъне аввали тобистон ҷашн гирифта мешудааст.

Дар бораи ба вақти мизони баҳор овардани иди Наврӯз дар замони салтанати хилофати араб кӯшишҳои бисёре карда бошанд ҳам, рӯзи Наврӯзро аниқ карда натавонистанд. Дар даврони ҳукмронии Маликшоҳи Салчуқӣ вазорате вуҷуд дошт,ки олимони нуҷум бо роҳбарии Умари Хайём ислоҳоти тақвим мегузарониданд.

Ислоҳоти дар асоси мушоҳидаҳои дақиқи илмӣ ва ҳисобу китоби аниқ гузаронидаи Умари Хайём дар асари ӯ «Зиҷи Маликшоҳӣ», ки дар таърих бо номи «Тақвими Ҷалолӣ» маъруф аст, ҷамъбаст карда мешавад.

Доир бо чӣ тавр гузаронидани иди Наврӯз дар аҳди Сосониён нақле маъруф аст, ки дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём низ оварда шудааст. Бомдоди рӯзи Наврӯз шоҳаншоҳ хилъати зебое ба бар карда, ба дарбор танҳо ҳозир мешудааст. Пас аз ӯ ба дарбор шахсе ворид мешудааст, ки дар давоми соли гузашта бо кору амал ва ё ягон хислати некаш дар байни омма чун шахси некпай шинохта мешудааст. Ин марди муборакқадами хушсухан бо иҷозат ба назди шоҳ медаромадааст. Мард дар даст ҷоми заррини пурмай ва дар даруни ҷом ангуштарини нигинаш аз ёқут назди шоҳ меояд. Дар дасти дигар як даста навдаи сабз, шамшеру тиру камон дар китф, давоту қалам дар бағал аспи хуберо этак карда, бо чеҳраи хандон интизори сухани подшоҳ меистад. Шоҳ аз ӯ мепурсад:

- Эй мард, кистӣ, аз куҷо омадӣ, ба куҷо равонӣ ва чӣ ном дорию мақсадат чист?

- Шоҳо, ман Хуҷаста ном дорам ва аз ҷониби Худо меоям. Соли нав ҳамроҳи ман ба даргоҳат қадам гузошт. Шоҳо, ба ҷашни Наврӯз дар моҳи фарвардин ба раият ва ғуломон озодӣ бубахш. Дар тахти заррин



шод бош, аз ҷоми Ҷамшед май бинӯш, расми ниёгонро нигоҳ дор! Ростиро пеша кун. Сарат чун ин ниҳол сабз, танат чун навдаи он ҷавон, аспат комгору пешсаф , теғат алайҳи душманон рӯшан, бозат дар шикор гиро ва нияту кору амалат чун тир рост бодо, кишварат чун ангуштарин дар атрофи ангуштонат муттаҳид, худат чун ёқути он дурахшанда бош.

Ин суханҳоро ба забон оварда, мард лаби ноне мешиканад ва ҷомро бо дасти шоҳаншоҳ дода, динору симу зар пеши тахт мениҳад. Баъд аз он марде дар табақ ҳама лавозимоти анъанавии наврӯзӣ меорад, Шоҳ аз тахт фаромада, ба вазирону наздикон аз чизҳои дар табақ буда, ҳадия медод ва эълон мекард, ки ҷашни Наврӯз оғоз шуд.

Боз ривояте маълум аст, ки гӯё Искандари Макдунӣ пас аз забти Эрон ва кушта шудани шоҳаншоҳ Доро хостааст, бо анъанаҳои эронӣ ҷашни Наврӯзро дар тахти Ҷамшед гузаронад, худаш дар тахти шоҳи нишаста, анъанаҳои гузаштаро ба ҷо биорад. Аммо мардум он Наврӯз ба ҷои шодӣ мотам доштанду он рӯзро Искандари ҷаҳонгир ба хок бурд.

Дар байни давлати Сосониён одате маъруф буд, ки подшоҳон дар рӯзи аввали Наврӯз ба наздикони худ меҳрубонӣ карда, тухфаҳо медоданд, рӯзи дуюм бо деҳқонон ва сокинони оташкадаҳо, рӯзи сеюм бо саворон, рӯзи чаҳорум бо аҳли хонаводаю наздикони худ, ниҳоят рӯзи панҷум бо писарон ва фарзандони худ меҳрубонӣ карда, рӯзи шашум аз рӯйи расмият худ ид меоростанд. Дар ин рӯз ғайр аз шахсоне, ки худи подшоҳ мехост, каси дигар ҳуқуқи дар маҷлиси вай иштирок карданро надошт.

Дар тамоми рӯзҳои наврӯзӣ навозандагон ва сароянdagони хоси дарбор дар хизмат буданд, ки ин як суннати иди Наврӯз буд. Инчунин, об пошидан ба рӯи якдигар яке аз анъанаҳои иди Наврӯзи даврони гузашта будааст, то кишвар сероб бошаду соли пешомад файзбор. Шабҳои наврӯзӣ дар маҳаллаҳои аҳолинишин оташ меафрӯхтанд ва дар атрофи он ба Худо шукрона ва ба нури дурахшони оташ саҷдаҳо мекарданд. Орзу мекарданд, ки сол равшан шаваду гармӣ афзун гардад.

Одати дигари Наврӯзи қадим он буд, ки шахсони доро ба мардум, махсусан, ба кӯдакон шакар ва ширинӣ ҳадя мекарданд. Сабаби ҳадяи шакарро дар он медиданд, ки мувофиқи ривоятҳо, найшакар дар Эрон рӯзи Наврӯз ёфт шуда буд. Бахшидани шириниҳо рамзи дар соли оянда ширин гузаштани зиндагии мардум буд.

***Иззатулло РАҲИМОВ,***
***сармутахассиси ДҶТИБКСМ***

# Наврӯзи диёр зебост

***Наврӯзи фархундапай бо паёмҳои нек ва қадамҳои хуҷаста фаро мерасад. Дар асарҳои Абуҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ – «Таъриху-р-русул ва-л-мулук», «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ, Ибни Асир «Комилут-т-таворих», Абубакри Наршахӣ _ «Таърихи Бухоро», дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём вобаста ба Наврӯз маълумоти муфассал баён гардидааст. Абуалии Балъамӣ ҷашн гирифтани Наврӯзро аз ҷониби Ҷамшед чунин инъикос кардааст: «Ва чунин рӯзе, ки ба подшоҳӣ расид, рӯзи ҳурмузд буд аз фарвардин. Пас он рӯз Наврӯз кардан то кунун суннат гашт. Ва ҳафтсад сол биншаст, ки андар ин рӯзгор рӯзе дарди сараш нахост ва душмане бар вай берун наёмад ва ранҷе ва ғаме надид».***

Мардуми Шарқ дар гузашта ранги сафедро ҳамчун рамзи покиву беолоишӣ, сулҳу оромиш, осмони соф ва кушоиши кор шуморида, дар интихоби ғизову ашё ва либосу ороиши хона ба он афзалият медоданд. Девори хонаҳоро қабл аз фарорасии соли нав сафед мекарданд, ҳангоми табдили сол либосҳои сафед ба бар мекашиданд. Рӯйи суфраи наврӯзӣ шакар, шир, ҷурғот ва хӯрокҳои аз ширу биринҷ пухта мегузоштанд.

Ин ҷашни қадима, ки рамзи муҳаббату зебоӣ, сафову покӣ ва саховату некист, саршавии фаъолияти кишту кори кишоварзон, иди баҳору ҷавонӣ, дӯстиву рафоқати халқҳо ба ҳисоб рафта, бо шукӯҳу шаҳомати хоса дар қаламрави кишвари зебоманзарамон таҷлил мегардад. Наврӯз иди қадимаи халқи тоҷик буда, таърихи беш аз 6 - ҳазорсола дорад.

Бо пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2009 бо тасдиқи ЮНЕСКО Наврӯзи фархунда ба Феҳристи мероси фарҳангии ҷаҳон шомил ва соли 2010 Ҷашни байналмилалӣ эълон гардид, ки аз нуфузу эътибор ва арзиши ҷаҳонии он дарак медиҳад. Дар сарчашмаҳои таърихӣ оид ба Наврӯз маълумоти гуногун баён шудааст. Абубакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» Наврӯзро ҳамчун оғози соли суғдӣ ва оғози соли деҳқонону кишоварзон меҳисобад: «Наврӯз соли ҷадиди муғон, эҳтимолан дар



тақвимҳои форсӣ ва суғдӣ яке буда, баъд ба муддати панҷ рӯз тафовут пайдо кардааст, соли ҷадиди даҳоқин рӯзи аввали фарвардин ва соли ҷадиди муғон рӯзи шашум мебошад».

Яъне, Наврӯз дар замони Сомониён аввали фарвардин рӯзи 21-уми март ҳамчун рӯзи оғози соли деҳқонон маънидод мешавад, ки аз Наврӯзи муғон, ки ба рӯзи шашуми фарвардин рост меомад, бо хусусиятҳои мазҳабиву ақидавии худ фарқ мекард. Наврӯзро мизони сол меноманд, зеро он ҳангоме фаро мерасад ва замоне ҷашн гирифта мешавад, ки соатҳои шабу рӯз баробар мегарданд. Дар рӯзҳои Наврӯзи дилрабо тамоми мардум нишоту шодмонӣ мекунанд.

Таҳлил, омӯзиш ва тадқиқи таърихи Наврӯзи оламафрӯз дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик аҳамияти калони илмию маърифатӣ дорад ва саҳифаҳои заррини Ватанро пурмуҳтаво мегардонад.

***Сафар ЭРКАЕВ,***
***устоди ДДХ ба номи***
***академик Б. Ғафуров***

***Наврӯз лаҳзае фаро мерасад, ки офтоб аз хати устуво (экватор) убур мекунад ва шабу рӯз баробар мешавад. Ин вобаста ба ҳисобҳои астрономӣ ба давраи аз 20 то 21-уми март рост меояд. Омодагӣ ба таҷлили Наврӯз дар давлатҳои ҳавзаи Наврӯз ҳафтаҳо пеш аз оғози ҷашни баҳорӣ, аз тоза намудани хонаҳо оғоз мешавад. То ин муддат гандум, ҷав, мош ё наскро дар табақҳо месабзонанд.***

# Парастиши ҳаёти шоиста

Вақте ки сабза мерӯяд, табақро рӯйи дастархони «ҳафт син» мегузоранд, ки меҳвари ҷашни Наврӯз аст. Ба он шаш ашёи дигари рамзӣ ҳамроҳ мекунанд, ки бо ҳарфи форсии «син» оғоз мешавад. Рақами ҳафтро дар оини зардуштӣ шумораи муқаддас медонанд. Чаро ҳафт? Рақами ҳафт дар забони форсии бостон «Амрдод» ном дорад. Амрдод ба маънои ҷовидонӣ буд ва азбаски ин шумора ифодагари зиндагӣ ва ҷовидонӣ низ буд, ҳафт ашёро рамзи он интихоб кардаанд.

Тибқи ривоятҳои мардуми Эронзамин, Аму Наврӯз, ки бо номи Бобои Наврӯз низ маъруф аст, як қаҳрамони афсонавӣ аст, ки аз фолклори эронӣ сарчашма мегирад. Гӯё вай ҳамасола дар оғози баҳор ҳамроҳи ҳамсафараш Ҳоҷӣ Фирӯз (Наврӯзро сарояндаҳои кӯчагӣ, маъруф ба Ҳоҷӣ Фирӯз эълон мекунанд) хушиву хуррамӣ меоварад.

Шоми сешанбеи охирини пеш аз Наврӯз дар деҳаҳои Эрони имрӯза, махсусан, дар минтақаҳои мансуб ба оини зардуштӣ расми «Чаҳоршанбеи сурӣ» (дар Тоҷикистон «Аловпарак»)-ро, ки рамзи сӯхтани ҳама чизҳои соли гузашта боқӣ мондаву нодаркор аст, ҷашн мегиранд. «Чаҳоршанбеи сурӣ» яке аз оинҳои қадимии Наврӯз буда, то ҳанӯз дар бархе аз манотиқи Тоҷикистон риоя мешавад. Яке аз оинҳои дигари наврӯзӣ (поёни ҷашни Наврӯз дар рӯзи сездаҳуми моҳ) «Сездаҳ бадар» ё дар баъзе минтақа «Рӯзи табиат» ном дорад. Дар ин рӯз тамоми мардуми шаҳр ба кӯҳу пушта рафта, дар байни гулҳову марғзорҳо истироҳат мекарданд. Дар он рӯз, ки бо номи Эзиди Тиштар - оварандаи борон номгузорӣ шудааст ва рӯзи муқаддас маҳсуб мегашт, мардум, бахусус, аз моҳӣ ва сабзавот хӯрок омода мекарданд. Дар давоми ҳамин рӯз сабзавоти суфраи идонаи Наврӯзро ба унвони ҳадия ба Аноҳито ба об меандохтанд, то сол аз аввал то охир дар кишвар сарсабзу хуррам боқӣ монад.

Асли мақсади тамоми анъанаҳои наврӯзӣ - парастиши ҳаёти шоиста дар домони табиат ва Модар - Замин аст.

***У. ҶАЛОЛОВ,***
***корманди илмии Осорхонаи ҷумҳуриявии***
***таърихию кишваршиносии***
***ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Панҷакент***

**Дар ноҳияи Ховалинг дар мавзуи «Наврӯз — омили ваҳдати миллатҳо» ҳамоиш доир шуд.**

*Пӯзиши ботакаббур таҳқире дигар аст.*
*Гилберт Честертон*

«Омӯзгор»
№12-13, 20 марти соли 2024

АСРОРИ ТАБИАТ

**_Тоҷикистони азизи мо кишвари кӯҳистон буда, дорои табиат ва сарватҳои табиии бой ва рангоранг мебошад. Алалхусус, олами набототи он рангин аст. Тибқи маълумоти набототшиносон, дар қаламрави ҷумҳурӣ қариб 5 ҳазор намуди рустаниҳои гулдор ба қайд гирифта шудаанд. Дар байни онҳо 800 намуди рустаниҳои эндемикӣ (хоси Тоҷикистон) муқаррар гардидааст._**

# Сиёҳгӯш – гули зебои навбаҳорон

Яке аз гулҳои нодир ва камёфти табиати Тоҷикистон гули сиёҳгӯш аст. Ин гули зебои баҳорӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ бо номҳои сиёяҳгӯш, сиёгӯш ва гули қаламқош маъруф аст. Мувофиқи таҳқиқоти олимони набототшинос А. И. Введенский ва Т. И. Рябова, дар ҷаҳон 57 намуди гули сиёҳгӯш мерӯяд. Тибқи таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик М. Бобоев ва Ф. Шарифов дар ҳудуди Тоҷикистон 14 намуди гули сиёҳгӯш вомехӯрад. Дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон намудҳои сиёҳгӯши тоҷикӣ, бухороӣ, балҷувонӣ, Попов, нозукреша, Розенбах, Николая ва амсоли инҳо мерӯянд.



Сиёҳгӯш гиёҳи бисёрсолаи пиёзакдор буда, ба оилаи савсаниҳо таалluқ дорад. Тавассути пиёзак ва тухм афзоиш мекунад. Баландии пояи сиёҳгӯш ба 15-25 см расида, дар он аз 1 то 4 гул ҷойгир аст. Баргҳои он досшакл, ранги гулҳояш бунафш ва гулобӣ мебошанд.

Сиёҳгӯш гиёҳи нодир, камёфт ва осебпазир буда, ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардидааст.

Сабабҳои нобудшавии сиёҳгӯш асосан ба таъсири омилҳои инсонӣ (бераҳмона чидани гулҳо бо решаашон кишт шудани маҳалли рушдгоҳи ин рустанӣ ва чаронидани чорво) алоқаманд мебошад. Ба ин раванд шояд то андозае омилҳои табиӣ (гармшавии иқлим) ҳам таъсиргузор бошад. Аз ин рӯ, бахри ҳифзу афзун намудан ин гиёҳи зебои навбаҳорон тадбирҳои зеринро бояд роҳандозӣ намуд:

1. Таъсис додани парваришгоҳи хурди ботаникӣ дар маҳалҳои рушди сиёҳгӯш, ташвиқу тарғиби набототи нодиру камёфт тавассути ахбори умум ва расонаҳои хабарӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ, бо роҳи сунъӣ парвариш кардани сиёҳгӯш дар боғҳои ботаникӣ. Ҳоло дар боғҳои ботаникии шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб сиёҳгӯшро парвариш карда, таҳқиқот мегузаронанд.

Дар ин бобат таҷрибаи олимони боғи ботаникии шаҳри Кӯлоб ибратбахш аст. Бо сарварии доктори илмҳои биологӣ М. Бобоев дар ин боғ 5 намуди сиёҳгӯш мутобиқ гардонидашуда, таҳқиқоти физиологию фенологӣ роҳандозӣ мегарданд. Кори илмии корманди боғи ботаникии шаҳри Кӯлоб, муҳаққиқи ҷавон Ф. Шарифов маҳз ба сиёҳгӯш бахшида шудааст ва дастовардҳои назаррас ҳам дорад.

Аз дигар кишварҳо гулҳои гуногунро ба Тоҷикистон ворид месозем ва онҳоро парвариш мекунем. Ин хуб аст, аммо гули сиёҳгӯш аз онҳо камӣ надорад ва ҳатто бартарӣ дорад. Бо ин мақсад гули сиёҳгӯшро дар боғҳои ботаникии шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд ва Хоруғ парвариш намуда, баъдан барои кишт пешниҳод кардан мумкин аст.

**_Ҷумъахон БАРОТОВ,_**
**_дотсенти кафедраи география ва сайёҳии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои география_**

ЛИБОСИ МИЛЛӢ

# Чакан – мероси фарҳангӣ

**_Баъди талошҳои панҷсолаи Тоҷикистон 29 ноябри соли 2018 дар ҷаласаи солонаи Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО – Идораи илму фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид, ки дар Маврикий баргузор гардид, чакан ба рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил карда шуд._**

Чакан як навъи гулдӯзии маъмул дар Тоҷикистон буда, он дар сомонаи ЮНЕСКО чунин муаррифӣ шудааст: «чакан як навъи гулдӯзии миллӣ дар матоъҳои пахтагӣ ва абрешимӣ аст, ки бештар дар байни занону духтарони тоҷик ривоҷ ёфтааст. Дар вилояти Хатлони Тоҷикистон чакан як ҷузъи муҳимми либоси арӯсу домод ба шумор меравад. Дар ин ҷо домодҳо тоқии худро бо гулдӯзиҳои чакан оро медиҳанд ва занону духтарон дар рӯзҳои тӯй ва иду маросим куртаву поҷомаи чакан ба тан мекунанд. Санъати чакан аз насл ба насл бо шеваи устод-шогирд ба мерос мондааст».



Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри тарғибу ташвиқи чакан дар тамоми чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, таҷлили ҷашнҳои байналмилалии Наврӯз, Меҳргон, рӯзҳои Истиқлоли давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, ин матоъро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ин маъракаҳои мазкур манзури ҳазорҳо нафар тамошобинони ватанӣ ва хориҷӣ мегардонад. Яке аз равандҳои ҷаҳонишавии чакан ин ташкили намоишҳои либоси миллӣ дар сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар хориҷа, ҷамъиятҳои тоҷикони бурунмарзӣ, ҷамъиятҳои дӯстии байни тоҷикону миллатҳои дигар ба шумор меравад.

Баҳри баланд бардоштани ифтихори миллӣ, арҷгузорӣ ба фарҳанги воло, тарбияи зебопарастӣ, тарғибу ташвиқи либосҳои миллӣ, ба касбомӯзӣ ҷалб кардани занону духтарон ҳамасола дар шаҳри Хуҷанд фестивалу озмунҳо баргузор мегардад.

Хушбахтона, солҳои охир, ба шарофати тарроҳони муосири тоҷик, либосҳои миллӣ ҷолибтар шуданд ва дар бозорҳои кишварамон либосҳои миллиро бо нархи дастрас интихоб кардан мумкин аст.

Имрӯз зани тоҷик метавонад бо ифтихор кишвари худро дар арсаи байналмилалӣ бо либоси миллӣ муаррифӣ кунад.

**_Ш.САИДОВА,_**
**_омӯзгори Донишкадаи политехникии ДТТ дар шаҳри Хуҷанд_**

МУЛОҲИЗА

# Зебоипарастӣ – оинаи инсон

**_Зебоӣ ва зебоипарастӣ – мафҳумҳои барои ҳар як шахси бомаърифат шинос ва мақбулу дилчасп аст. Баъзеҳо дар зери мафҳуми зебоӣ, агар нисбат ба шахс-инсон бошад, онеро тасаввур менамоянд, ки чеҳраи зебо ва либоси гаронбаҳо дошта бошад, ё бо забони хориҷӣ сухан гӯяд._**

Аслан, ин тавр набояд бошад. Зебоӣ дар риояи беҳтарин фазилатҳои неки одамӣ ифода мешавад. Зебоӣ, чунонки дар қадимтарин асари ниёгонамон «Авасто» омадааст, «рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек» мебошад. Яъне, шахсеро зебо ва зебоипараст гуфтан мумкин аст, ки ӯ дорои ақлу хиради комил, меҳру муҳаббат ва садоқати бепоён нисбат ба атрофиёну муҳит, Ватан ва муқаддасоти он дошта бошад. Ниёгони мо дар осори бою гаронбаҳои худ оид ба ин мавзуъ андешаҳои муфид баён намудаанд.

Масалан, Саъдии Шерозӣ дар ин хусус мегӯяд:

*Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,*
*На ҳамин либоси зебост нишони одамият.*
*Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,*
*Чӣ миёни нақши девору миёни одамият*

Чи хеле ки аз мазмуни ғазал бармеояд, зебоӣ дар либоси зебо нест ва танҳо дар доштани чашм, гӯш, даҳону бинӣ нест, зеро ҳайвонҳо ҳам чашму гӯшу даҳону бинӣ доранд. Балки зебоӣ дар одобу ахлоқ аст. «Ҳусн ҳусн нест, одоб ҳусн аст»,-мегӯянд мардум. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мефармояд:

*«Хоҷа, дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст».*

Ба ин гуна, зебоипарастӣ, аслан, вобаста аст ба хислатҳои ҳамидае, мисли ростӣ, накукорӣ, дӯстӣ, ҳалимӣ, поквиҷдонӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, меҳрпарастӣ ва монанди инҳо.



Шахси зебопараст бояд ба муҳит ва ҳаводиси рӯзгор бо ақлу хирад назар андозад. Дар тасаввури ҳар кадоми мо бояд ояндаи дурахшон, шукуфоӣ, ободонӣ, истиқлоли комил, сериву пурӣ, тинҷиву оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ дар мақоми аввал бошад. Дар маҷмуъ, зоҳиру ботин ва сурату сирати мо бояд зебо бошад. Он вакт мо метавонем бо ҷаҳонбинӣ ва тафаккури зебо ва бо зебоипарастӣ ифтихор дошта бошем. Саъдии Шерозӣ мефармояд:

*То мард сухан нагуфта бошад,*
*Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад*

Яъне, вақте ки шахс сухан мегӯяд, аз сухангӯӣ ва фикррониaш зебоии ботиниашро фаҳмидан мумкин аст. Шахсе, ки бо забони зебову ширину гуворо сухан мегӯяд, ин худ як нишонаи зебоии ботиниву маънавии вай аст.

Ба ҳамин тариқ, зебоӣ ва зебоипарастии шахсро, пеш аз ҳама, тавассути тарзи баён ва рафтору гуфтору кирдораш муайян кардан мумкин аст. Мо бояд зебоии асилро аз зебоии сохта фарқ карда тавонем. Мо худамон бояд зебоӣ офарем, ба суруду мусиқӣ дил бандем, санъатдӯст ва бомаърифат бошем.

**_Зебинисо ҒАЙБУЛЛОЗОДА,_**
**_омӯзгори математикаи литсейи касбии хизмат ва туризм дар шаҳри Душанбе_**

ЭҶОД



# Биё, Наврӯз!

*Наврӯзи Аҷам боз о, офоқ мунаввар кун,*
*Дидори ҷамолатро бар мо ту муяссар кун,*
*Гулҳои тарабафзо рустанд ба дашту кӯҳ,*
*Бо наргису садбаргат як шаҳр муаттар кун.*
*Боз о, ҳамаи мардум муштоқи ҷамоли туст,*
*Бо ҳусну ҷамоли хеш ҳар қалб мусаххар кун.*
*Боз ову мадорам деҳ, ҳам шӯру шарорам деҳ,*
*Дар арсаи ин дунё моро ту музаффар кун.*

**_Саидмурод РАСУЛӢ_**

# Марҳабо, Наврӯз!

*Бигзашт соли харгӯш,*
*Омада соли паланг.*
*Фасли баҳорон расид*
*Олам гардида қашанг.*
*Гулрез шуда саҳро,*
*Гул дар хору гул дар санг.*
*Суруди парандагон*
*Дилнавозу хушоҳанг.*
*Наврӯз даррасида*
*Бо навои дафу чанг.*
*Мардум ба боғ оянд*
*Дигар аз муҳити танг.*

*Дунёст пурҳарорат*
*Бо басо ҷилваю ранг.*
*Атроф гашта зебо,*
*Дилҷӯй гашта даҳчанд.*
*Тозарух аст дунё,*
*Аз дилҳо рабояд занг.*
*Биё ба давраи мо*
*Як лаҳза макун диранг.*
*Марҳабо, Наврӯзи мо,*
*Ба ин диёри қашанг!*

**_Абулҳай САИДҚОСИМ,_**
**_шаҳри Панҷакент_**

**Байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе Олимпиадаи IV даставӣ баргузор гардид.**

ҲАМОВОЗӢ

# Набояд бетараф бошем

**Чанд мулоҳиза дар ҳошияи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолону намояндагони ҷомеа ва ходимони дин**

***Оростани мулоқоту воҳӯриҳо бо фаъолони маданӣ, қишри зиёӣ ва ходимони дин дар меҳвари барномаи кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст ва чанд соли пеш, дақиқтараш 12 майи соли 2018 бо ҳузури фаъолону намояндагони ҷомеа ва ходимони дин суҳбати хуби ихтисосӣ анҷом дода буданд.***

Дар мулоқоти охир, ки 9 марти соли ҷорӣ бо ҳузури доираи васеъи роҳбарони ниҳодҳои давлатӣ, намояндагони ҷомеаи маданӣ ва ходимони дини ҷумҳурӣ доир гардид, Сарвари давлат атрофи муҳимтарин масъала, муаммо, уқда ва мушкилоти имрӯзӣ, ки ғолибан бар асари нуфузу ҳузури фарогири хурофоту таассубу ифротгароии динӣ-мазҳабӣ иттифоқ афтодаанд, суҳбати ҷолиби ихтисосӣ анҷом доданд. Муҳимтар аз ҳама, ин мулоқот ба лиҳози сатҳи ҳадафмандӣ, дарки ҳассосиёти имрӯзӣ, низоми бархурдҳои тамаддунӣ, вазъ ва дурнамои бозиҳои геополитикӣ, муҳиммияти мавзуъ, доираи иттилоотӣ-таҳлилӣ, қиёсгирии мантиқӣ, фарохии ҷаҳоншиносӣ, фарогирии мундариҷавӣ-мухтавоӣ, таъсирнокии сиёсӣ-мафкуравӣ ва дидгоҳи миллӣ-дунявӣ хеле фарккунанда буд. Бардошту таассуроти хешро аз мулоқоти Сарвари давлат бо фаъолону намояндагони ҷомеа ва ходимони дин мухтасаран ироа медорем:

**Якум.** Маҷмуаи масъалаҳои мубраму муҳимми сиёсӣ, мафкуравӣ, динӣ-ақидатӣ, тарбиятӣ-ибодӣ, ҳувиятӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва мадаииеро, ки дар суханронии Сарвари давлат матраҳ гардиданд, метавон ба таври зайл гурӯҳбандӣ кард: 1) масоили сиёсӣ-мафкуравӣ; 2) масоили динӣ-ибодӣ; 3) масоили маърифатию фарҳангӣ; 4) масоили ҷаҳонбинӣ-ҷаҳоншиносӣ.

Ба назари мо, ҳар мавзуъ ва масъалае, ки дар мулоқоти ахирии Сарвари давлат матраҳ гардид, асосан дар доираи гурӯҳбандии чаҳоргонаи болоӣ мунсаҷим шудаанд. Албатта, ин навъи гурӯҳбандӣ як пешниҳод аст ва онро метавон такмил кард ва доираи масоилро фаротар намуд.

**Дувум.** Хатти марказӣ ва меҳварии суханронии Сарвари давлат дар доираи мавқеияти давлатӣ ва манофеи миллӣ чарх мезад. Ин аст, ки ҳамеша оғозу анҷоми суханрониҳояшонро ба масоили ташхиси авзои сиёсӣ-мафкуравии минтақавию ҷаҳонӣ, сатҳи бархурдҳои тунди тамаддунӣ, раванди бесобиқаи бегонашавию худбохтагӣ, осебпазирии насли наврасу ҷавони ҷомеаи тоҷик иртибот дода, аз раҳбарияти ниҳодҳои давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ, қишри зиёӣ, фаъолони маданӣ ва ходимони динии кишвар даъват ба амал меоваранд, ки дар роҳи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тақвияти шуури сиёсӣ, боло бурдани сатҳи ҳувиятӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва амнияту суботи ҷамъиятӣ саҳми муносиб бигузоранд. Сарвари давлат дар мулоқоти ахирӣ ба бетарафию бепарвоии институтҳои иҷтимоӣ, қишри зиёӣ ва фаъолони сиёсию ҷамъиятӣ ишораи ҷиддӣ намуда, аз ҷумла, тазаккур доданд, ки бетарафию саҳлангории зиёиёну фаъолони маданӣ боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва мусибату фоҷеаи миллӣ гардид.

**Сеюм.** Истифодаи дуруст аз афкори динӣ-шаръӣ, ибодати отифӣ, хидмати мазҳабӣ тавассути ибодати ростин, тақвияти ҳувияти миллӣ, ифтихор аз нажоди ориёӣ ва эҳтиром ба арзишҳои дунявӣ дар саргаҳи суханронии Сарвари давлат қарор дошт ва минҳайси кулминатсияи суханронӣ ин қавли Сарвари давлат толорро ба ваҷд овард: “Ман аввал тоҷикам, пасон мусулмон”. Дар ин қавли миллӣ-давлатӣ барнома-стратегияи Сарвари давлат қарор гирифтааст ва аз ин ҷумлаи калидӣ, ки аз ҳадафи стратегии Сарвари давлат сарчашма мегирад, метавон консепсияи нави тарбияти миллӣ дуруст кард ва насли наврасу ҷавонро дар руҳияи миллатшиносию ҳувиятсозӣ тарбия намуд.

**Чаҳорум.** Авомфиребӣ, авомзадагӣ, хурофотпарастӣ ва ҷаҳолатписандӣ, ки тайи понздаҳ-бист соли ахир ба тавri густурда паҳн гардида, ҷомеаи моро сироят карда, масуният-иммунитети ҳувиятӣ, нажодӣ, миллӣ ва дунявии



моро заиф сохтааст, мавриди гуфтугӯ ва суҳбати ихтисосии Сарвари давлат қарор гирифта, ба сифати мушкили рақами яки миллӣ дар мулоқот матраҳ гардид. Аз ин лиҳоз, ҳамгироӣ ва иттиҳоду ҳамбастагии сохторҳои давлатӣ бо ниҳоду институтҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Иттифоқи ходимони театрӣ, Иттифоқи композиторон, Иттифоқи синамогарон, Иттифоқи рассомон ва амсоли инҳо) роҳро барои маҳор кардани бӯҳрони ҳувиятӣ, мушкилоти фикрӣ ва таҳдиду чолиши имрӯзӣ ҳамвор месозад. Аз тарафи дигар, Сарвари давлат дар мулоқот масъалаи дуюмдараҷа донистани сохтори сиёсӣ-мафкуравӣ ва блоки идеологии давлатиро ба миён гузошта, аз масъулин ва дастандаркорони пружаҳои давлатӣ талаб намуданд, ки умури сиёсӣ-мафкуравиро дар мадди аввал қарор диҳанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, агар вазифаи муовини идеологӣ дар иерархия-дараҷабандии мансабӣ ба мақоми муовини аввали раиси вилоят, раисони шаҳру навоҳӣ баргардонида шавад, беҳтар аст.

**Панҷум.** Мусаллам аст, ки манзалати давлат, пеш аз ҳама, ба сатҳи мафкурасозии он бастагӣ дорад ва мафкурасозӣ кору умури ниҳодҳои махсуси давлатӣ ва илмӣ-академӣ мебошад. Бинобар ин, сари таҳким ва тақвият бахшидани умури сиёсӣ-мафкуравӣ ҷиддӣ таваҷҷуҳ бояд кард ва нафароне ба ин мансаб ҷалб карда шаванд, ки пеш аз ҳама, мавқеи давлатӣ, тафаккури илмӣ ва дидгоҳи миллӣ дошта бошанд. Ба ин маъно, масъалаи тарбияи кадрҳои миллӣ бо тафаккури илмию дунявӣ пеш меояд, ки сари он ҷиддӣ таваҷҷуҳ бояд кард. Дар ин замина, аз ҳисоби насли ҷавону миёнсол ва ҳатто солманди ҷомеа нафаронеро бояд ҷустуҷӯву интихоб кард, ки ба умури сиёсӣ-мафкуравӣ ва манофеи миллӣ ҷиддӣ муносибат намоянд.

**Шашум.** Дар мулоқот бештар сари ходимони дин тамаркуз сурат гирифт ва мухотаби Сарвари давлат бештар ходимони динии кишвар буданд. Бинобар ин, дар баробари пружаҳои сиёсӣ-мафкуравие, ки солҳост аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ роҳандозӣ гардида, насли наврасу ҷавонро ҳадаф қарор дода, мағзшӯӣ намуда, ба зомбӣ ва манқурти тамомайёр табдил медиҳанд, барнома-пружаҳои омӯзишӣ, илмӣ, маданӣ, синамоӣ ва ҳунарии худро бояд роҳандозӣ намоем, то ин ки ба сифати алтернатива-гузинаҳои муассир пеши роҳи ҷолишу таҳдидҳои ифротгароӣ ва тундравии динӣ-мазҳабиро бигиранд.

**Ҳафтум.** Сарвари давлат дар мулоқот атрофи умури динӣ-ибодӣ махсус таваҷҷуҳ намуда, аз қишри динӣ-мазҳабӣ тақозо намуданд, ки дар хидмати дину мардум бошанд, на дар хидмати нафсу андӯхтани дороиву сарват. Аз ин ҷо тарбияи ходимони диние, ки ғуруру ифтихори миллӣ доранд, масъалаи калидист, ки сари он мебояд андеша кард ва дар ин замина роҳкорҳои зарурӣ амалӣ сохт. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки қисмати зиёди ходимони дин (ва аз ҷумла, баъзе мудир-омилони сиёсӣ, илмӣ, маданӣ, адабӣ ва ҳунарии ҷумҳурӣ) ҳувияти диниро бар ҳувияти миллӣ тарҷеҳ медиҳанд ва ба ҳама масоил аз нигоҳи маҳдуди мазҳабӣ таваҷҷуҳ мекунанд.

**Ҳаштум.** Хулоса, Сарвари давлат дар мулоқот аз силсилаи мушкилот ва нигарониҳое, ки ба ояндаи миллату давлат таъсири манфӣ мерасонанд, ёдовар шуда, аз мавқеияти миллию давлатӣ ба кулли масоил ва мушкилоту чолишҳои бездорандаи рушду тараққӣ таваҷҷуҳ намуданд. Бовар дорем, ки баъди мулоқот ҷомеаи маданӣ, фаъолони иҷтимоӣ ва ходимони динии кишвар аз пайи иҷрои вазифа ва рисолати аслии худ – бедории фикрӣ, боло бурдани сатҳи ҳувиятӣ, тақвияти руҳияи миллӣ ва таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ-дунявии насли наврасу ҷавон ва умуман, омма мешаванд ва дар роҳи хидмати воқеӣ ба халқи азизи тоҷику тоҷикистонӣ қадамҳои устувор бармедоранд.

*Нозим НУРЗОДА,*
*пажуҳишгар*

АФКОР

# Ватандӯстӣ ва истиқлоли сиёсӣ

***Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи нави худшиносиву хештаншиносӣ ва дарки масъалаҳои инсонмеҳварии истиқлолу озодӣ оғоз гардид. Истиқлоли давлатӣ барои иваз гардидани шуури иҷтимоиву маънавӣ такони ҷиддие гардид, аммо тағйири вазъи иҷтимоиву сиёсӣ, ҷанги дохилӣ ва буҳрони иқтисодӣ, ки паёмадҳои ноxуш дошт, барои инкишофи мутаъдили шуури иҷтимоӣ монеаҳои зиёде эҷод кард.***

Маҳз истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи таҳкими худшиносии миллӣ, рушди мафкураи миллӣ, такомулу таҳаввули андеша ва идеологияи ягонаи миллати тоҷик ва ҳамзамон, вуруди фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон ба ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон мусоидат кард. Дар ниҳоят ҷаҳон Тоҷикистонро ба ҳайси давлати соҳибистиқлоли дорои тамаддуни ҳазорсола дар харитаи сиёсӣ ва ҷуғрофии олам эътироф намуданд.

Барои миллати сарбаланди тоҷик ва умуман, тоҷикистониён, истиқлоли сиёсӣ, ки бузургтарин дастовард мебошад, дар фароварди асри 20 насиб гардид, ки ба шарофати он тавонист дар зеҳни аҳли ҷомеаи Тоҷикистон, хосатан, насли ҷавон, шуури миллиро тақвият бахшида, шароити мусоидро барои дарки шинохти тамомияти арзӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва эҳтиром ба арзишҳои милливу инсонӣ ташаккул диҳад.

Мафҳуми истиқлол ба маънои мустақилӣ, соҳибихтиёрӣ, озодӣ ва комилҳуқуқии кишвар дар идораи сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии худ тафсир гардидааст.

Агар мо раванди зуҳур ва таърихи ташаккули истиқлоли миллатамонро амиқан баррасӣ намоем, равшан хоҳем дид, ки роҳ ба сӯи истиқлол душвору тӯлонӣ, пур аз шебу фароз ва саршор аз муборизаву иштибоҳот ва равандҳои ихтилофомезу зиддиятнок будааст. Вале дар ниҳоди миллати мо омилҳи бунёдии эҳёи тадриҷии истиқлолу озодӣ ҳамеша вуҷуд дошт, ки асолату ҳувияти устувор ва амалан шикастнопазири таърихӣ, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузурги созандаи иҷтимоӣ, фарҳангу маънавиёти ғанӣ ва ғайра дар асл шоҳсутунҳои ҳаёти фаъол ва таърихии миллати мо будаанд.

Ормони истиқлол фарзандони мубориз, ватандӯст ва донишманди миллатро ҳамвора ба нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ, талқину таҳкими оини давлатдорӣ таъмини пайванди ногусастании наслҳо ва ниҳоят ҳифзи истиқлоли Ватан ва пойдории тамаддуни аҷдодӣ раҳнамоӣ карда, дар давраҳои мушкили зиндагӣ ба онҳо неруву тавон бахшидааст.

Бо шаҳодати таърих, тоҷикон борҳо бо душманон ва истилогароне рӯ ба рӯ шудаанд, ки нерумандтарин қудрати замони худ будаанд, вале онҳо бо ҷасорату матонат, фидокории бемислу монанд, зиракию фаросати фитрӣ, тадриҷан ба даст овардани идораи мулк ва оини давлатдорӣ миёни абарқудратони давронро шикастаанд.

*Зарафшон ШОДИЕВ,*
*омӯзгори МТМУ №20-и*
*ноҳияи Айнӣ*

*Аз чашм ба дил роҳест, ки ба ақл барнамехӯрад.*

*Гилберт Честертон*



ДОВТАЛАБ – 2024

# Муроҷиатномаи махсуси

## Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба алоқамандони имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024

***Мақсад аз ин муроҷиатномаи ҳамасолаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба довталабон ва алоқамандони имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (ИМД) пешгирӣ аз ҳама гуна амалҳои номатлуби марбут ба ИМД, ҳамчунин, таъкиди довталабон барои дуруст амал кардани онҳо дар давраҳои бақайдгирӣ ва имтиҳонҳо аст.***




Аҳли ҷомеа огоҳ аст, ки шаффофияту адолат муҳимтарин усули кори марказ аст, аз ин рӯ, таъмини онро дар ҳамаи раванду марҳалаҳои ИМД марказ кафолат медиҳад. Вобаста ба ин, дониш ва малакаю маҳорати ҳар яке аз довталабон воқеӣ (объективона) арзёбӣ гардида, ҳеҷ гоҳ ба дахолати инсонӣ (аз берун), тақаллуб ва амалҳои ба ин монанд дар ИМД роҳ дода намешавад.

Гарчанде ки марказ барои пешгирӣ аз ҳар гуна амалҳои номатлуб дар раванди ИМД бо камоли масъулият тамоми тадбирҳои заруриро меандешад, эҳтимоли рух додани амалҳои ғаразнок ва авомфиребию ваъдаҳои бардурӯғ аз ҷониби баъзе шахсони қаллоб дар бобати дохил кардани довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ вуҷуд дорад. Довталабон ва падару модарон бояд ҳушёру огоҳ бошанд ва фирефтаи чунин қаллобоне нашаванд, ки бо мақсади ба даст овардани маблағи муфт ба онҳо ваъдаи кумак карданро барои дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкада ва коллеҷҳо медиҳанд.

Мо борҳо таъкид кардаем, ки ҳеҷ кас ва ҳеҷ чизе ба натиҷаҳои аз имтиҳонҳо бадастовардаи довталабон ягон таъсире расонида наметавонад. Бинобар ин, аз ҳамаи алоқамандони низоми ИМД ва аҳли ҷомеа хоҳишмандем, ки нисбат ба масъалаи пешгирӣ аз амалҳои қаллобии марбут ба ИМД ва паҳн шудани фикру андешаи беасос нисбат ба фаъолияти марказ дар байни ҷомеа бетараф набошанд. Ба қаллобоне, ки бо ниятҳои нопок шумо ва ё ҳар каси дигареро бовар кунонданӣ мешаванд, ки гӯё, барои довталабро ба мактаби дилхоҳаш дохил кардан ёрӣ расонда метавонанд, ҳатто агар онҳо, воқеан, ба марказ алоқамандие дошта бошанд ҳам, ҳаргиз бовар накунед! Чунин қавлу ваъдаҳо ба ҷуз фиреби маҳз дигар чизе буда наметавонад!

Дар ҳолати бо чунин ҳолат рӯ ба рӯ гардидан, яъне, аз касе дар мардумфиребию қаллобӣ гумонбар шудан, бояд ҳатман ва таъҷилан ба марказ ва ниҳодҳои дахлдори давлатӣ муроҷиат карда шавад. Марказ омода аст, ки оид ба ҳар масъалаю номафҳумие вобаста ба чунин ҳолатҳо муроҷиати шаҳрвандонро бишунавад ва барои ҳалли он ё равшанӣ андохтан дар он тамоми чораҳои заруриро биандешад.

Аз сабти номи довталабон то коркарди варақаҳои ҷавобҳо, ҷамъбасти имтиҳонҳо, арзёбии кори довталабон ва тақсимоти онҳо ба муассисаҳои таълимӣ – ҳамаи раванду марҳалаҳои ИМД бо истифодаи воситаю технологияҳои замонавӣ ва тавассути барномаҳои компютерӣ сурат гирифта, тибқи тартибу қоидаҳои муқаррааргардида баргузор шудани имтиҳонҳоро таъмин месозанд. Бехатарию махфияти иттилоот низ бо риояи тамоми ҷузъиёташ таъмин мешавад. Рафти имтиҳонҳо дар ҳамаи синфхонаҳои имтиҳонӣ бо камераҳои назорати видеоӣ сабт ва мушоҳида мегардад, ки ҳамасола довталабон, падару модарон, омӯзгорон, фаъолони ҷамъиятӣ, намояндагони расонаҳои хабарӣ ва алоқамандони дигари ИМД бевосита худ шоҳиди чунин ташкили кор дар марказҳои имтиҳонӣ мешаванд. Ҳар шахси солимақл дарк мекунад, ки бо ин ҳама шароит ва тартибу талабот имкони ёрӣ расонидани касе ба довталаб вуҷуд надорад.

Агар довталабон аз имкониятҳои барояшон фароҳамовардаи марказ ҳадафмандонаю дуруст истифода кунанд, имкони амалҳои номатлуб аз ҷониби қаллобону мардумфиребон ба вуҷуд нахоҳад омад. Дар ин маврид, иттилооти зарурӣ ва тартибу қоидаҳои муқарраршуда, бахусус, шумораи холҳои бадастовардаи худ ва ба чанд бал баробар будани онҳоро донистани довталаб зарур аст. Азбаски тақсимоти довталаб ба муассисаи таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои интихобкардааш дар асоси бали соҳибшудааш сурат мегирад, довталаб, пеш аз ҳама, бояд варақаи ҷавобҳоро аз кабинети инфиродӣ ва ҷавобҳои дурусти саволҳои масъалаҳои тести дар имтиҳонҳо истифодашударо аз сомонаи марказ дастрас карда, холҳои аз ҳар субтест бадастовардаашро мустақилона ҳисоб намояд. Аз рӯйи ин холҳо баъдан миқдори балҳоро бо истифода аз ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ва балҳо, ки пас аз эълони натиҷаҳо дар сомонаи марказ ҷой дода мешавад, муайян кардан мумкин аст.

Бояд донист, ки дар баробари дониши арзанда доштан донистани тартибу қоидаҳои дахлдор барои бақайдгирӣ ва имтиҳонот, аз ҷумла, дуруст ва дурандешона интихоб кардани ихтисосу муассисаҳо бо дарназардошти донишу маҳорат ва имконоти худ ва риояи ин шарту қоидаҳо барои ҳар як довталаб зарур аст. Барои ин ҳадафмандона аз дастури иттилоотию методии «Роҳнамои довталаб» корбарӣ бояд кард. Бо маълумоти муфассал дар бораи ИМД ва маводи дигари зарурӣ, ки вобаста ба ҳар як раванду марҳалаи ин имтиҳонҳо дар сомонаи марказ ҷойгир карда мешавад, бояд шинос шуд. Марказ дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ саҳифаҳои худро дорад, ки боздид кардан аз онҳо ва мутолиаи матлабҳои дар онҳо нашршаванда ба манфиати довталаб аст.

Аз маҷмуаи саволу масъалаҳои таҳиякардаи марказ истифода кардан низ барои тайёр шудани довталабон ба ин имтиҳонот қисман кумак мекунад. Бояд қайд кард, ки дар ҳар яке аз субтестҳои имтиҳонҳои воқеӣ (ИМД) соли ҷорӣ низ қариб 40%-и саволу масъалаҳо аз ҳамин маҷмуаҳо такроран истифода мешаванд. Истифода аз хидматрасонии “Худро бисанҷ” низ барои тайёр шудани довталаб ба имтиҳонҳо воситаи ёрирасон аст. Аммо танҳо ба ин хидматрасонӣ маҷмуаҳо маҳдуд шудану такя кардан маънои пурра омода шудани довталабонро ба ИМД надорад. Барои тайёрии комил ба имтиҳонҳо барномаи таълимӣ ва мавзуъҳоро аз ҳамаи китобҳои дарсии дахлдор бояд пурра омӯхту азхуд кард.

Аз довталабон ва алоқамандони ИМД даъват мекунем, ки дар ҳолати шоҳиди қаллобию фиреб шудан ё кӯшиши ба амалҳои номатлуб даст задани шахсе дар робита ба ИМД бетараф набошанд ва **бо телефонҳои 224-53-68 ё 224-53-73 ба марказ хабар диҳанд.**

Барои супоридани имтиҳонҳо ба ҳамаи шумо комёбӣ мехоҳем, довталабони гиромӣ!

***Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

НИЗОМ

# Сифати таҳсилот – масъалаи мубрами рӯз

***Яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, ки дар меҳвари соҳаи маорифи ҷумҳурӣ қарор дорад, дарёфт ва пешниҳоди роҳҳои мухталифи баланд бардоштани сифати таҳсилот ба шумор меравад.***

Бинобар ин, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани он ба дуруст ба роҳ мондани фаъолияти китобхонаҳо, таълимоти адабиёти тахассусӣ, ҷалби донишҷӯён ба мутолиаи китобҳои бадеию дарсӣ ва беҳтар намудани фаъолияти китобхонаҳои электронӣ алоқамандӣ дорад.

Ҳамчунин, бо мақсади дар сатҳи зарурӣ қарор доштани маҳорату малакаи касбии омӯзгорони ҷавон, дуруст истифода бурдани воситаҳои техникӣ ва таъмини китобҳои дарсӣ корҳои зиёдеро бояд ба анҷом расонид.

Тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, ба омилҳои нишондиҳандаи сатҳу сифати таҳсилот таъмини пурраи китобҳои дарсӣ, маводи иловагии таълим, шаклу методҳои таълим, заминаҳои моддӣ - техникӣ ва махсусан, ҳайати пурқуввати кадрӣ дохил мешаванд. Аммо бояд зикр намуд, ки агар омӯзгор дониши пурра ва ҳаматарафаи касбӣ ва маҳорати баланди дарсгузарӣ надошта бошад, дар бораи баланд бардоштани сифати таҳсилоти донишҷӯён ҳоҷати сухан гуфтан ҳам намемонад.

Барои ноил гардидан ба сифати баланди таҳсилот омилҳоеро, аз қабили омода намудани омӯзгорони касбии соҳиблаёқат, ҳавасмандгардонии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани музди меҳнати омӯзгорон, дастрасии пурраи ҳар як шогирд ба китобҳои зарурӣ, беҳтар намудани сифати китобҳои дарсӣ ва таҷдиди назар намудани меъёрҳои сатҳу сифати донишазхудкунии донишҷӯён хеле муҳиму зарурӣ ба шумор меравад. Мавриди зикр аст, ки агар омилҳои номбурда роҳи ҳалли худро наёбанд, беҳтар гардидани сифати таҳсилот муҳол аст.

Ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, пеш аз ҳама, муаллим масъул аст. Ӯ вазифадор аст, ки мавзуи дарсиро худаш ба дараҷаи аъло донад. Баъдан, бо истифода аз роҳу усулҳои наву муосир ва якҷо бо шогирдон, онро ҳаллу фасл намояд.

Омӯзгорро лозим аст, ки арзёбии мавзуъро аз мадди назар набояд дур созад. Ба фикри мо, яке аз роҳҳои ба амал баровардани арзёбӣ аз мавзуъ, ин ба воситаи саволҳо мустаҳкам намудан ва хулосабарорӣ аз дарс мебошад. Ба ғайр аз ин, шогирд бояд донад, ки омӯзиши ин мавзуъ ба ӯ чӣ манфиат дорад. Чаро вай бояд маҳз мавзуи мазкурро аз худ намояд.

Ба шогирд дастрас намудани ин паҳлуи мавзуъ вазифаи омӯзгор аст. Танҳо омӯзгор ба шогирд аҳамияти омӯзиши мавзуъро фаҳмонда метавонаду халос.

Набояд фаромӯш кард, ки дар шароити таълими низоми кредитии таҳсилот яке аз омилҳои дигар, баланд бардоштани сатҳу сифати дониши шогирдон, ба таври мақсаднок ташкил намудани корҳои мустақилона бо роҳбарии омӯзгор (КМРО, минбаъд корҳои мустақилона) мебошад. Корҳои мустақилона бо мақсади ташаккул додани тафаккури эҷодии донишҷӯён дар заминаи мавзуи гузаштаи назариявӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Аммо самаранокии он, то кадом андоза мақсаднок, пурмазмун ва дастраси шогирдон гардонидани мавзуи дарс, пеш аз ҳама, ба дониш, маҳорат ва малакаи касбии омӯзгор вобастагии зич дорад.

Омили дигари баланд бардоштани сифати таҳсилот, паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони варзида мебошад. Агар мо иштироки омӯзгорони ҷавонро пайваста ба дарсҳои чунин омӯзгорон таъмин намоем, бовар дорем, ки ба мақсадҳои худ ноил хоҳем гашт.

***Одина ОДИНАЗОДА,***
***Абдулқосим РАҲИМОВ,***
***кормандони бахши идоракунии сифати таҳсилоти коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

**Дар Донишгоҳи SOAS–и шаҳри Лондон нимпайкараи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузошта шуд.**

Ш

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting ['ɪntrɪstɪŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədɪ AmE: ˈsætər͵deɪ]* |
| **Шарқ** | восток | *East [i:st]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeɪm]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [ə'ʃeɪmd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [ə'gri:mənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city ['sɪtɪ] , town [taun]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen ['sɪtɪz(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion ['laɪən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem ['pəuɪm]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔ:θ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swi:t]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [gla:s]* |
| **Шоир** | поэт | *poet ['pəuɪt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

Э

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution ['kɔ:ʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [ni:d]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pə'hæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rɪ'spekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krɪ'eɪt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration ['deklə'reɪʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [ə'naunsmənt]* |

Я

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [ju:'naɪtɪd]* |
| **Якзайл** | однообразно | uniformly [junifo:mli] |
| **Якчанд** | несколько | *several ['sev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [tə'geðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday ['sʌndɪ]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [a:mz], weapon ['wepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan ['ɔ:f(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aɪs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [fri:z]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator[rɪ'frɪʤəreɪtə]*, fridge *[frɪʤ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream ['aɪs'kri:m]* |





# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ
## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

**Душанбе**
**2022**



| | | |
|---|---|---|
| **Имзо; имзо кардан; имзо гузоштан; ба имзо расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsɪgnətʃə]; to sign [tu saɪn]; to be signed [tu bi: saɪnd]* |
| **Ислоҳ кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kəˈrekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ɪndɪˈpend(ə)nt], Independence [ɪndɪˈpend(ə)ns]* |

К

| | | |
|---|---|---|
| **Кабир** | великий | *great [greit]* |
| **Кабуд** | синий | *blue [blu:]* |
| **Кабӯтар** | голубь | *pigeon [ˈpɪdʒɪn], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [ki:]* |
| **Калон** | большой | *big [big], huge [hju:dʒ], large [la:dʒ]; old [əʊld]; great [greit]* |
| **Канор, кунҷ** | край, уголь | *edge [edʒ], border [ˈbɔ:rdər],corner [ˈkɔ:rnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sik], ill [il]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspɪt(ə)l]* |
| **Касб** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n],* job *[ʤɒb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkɪt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bu:k]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaɪbrerɪ]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrɪ]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfɪs],institution [ˌɪnstɪˈtu:ʃn]* |
| **Курта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜ:t]* |
| **Кӯдак** | ребёнок | *child [ʧaɪld], kid [kɪd] infant [ˈɪnf(ə)nt]* |
| **Кӯл** | озеро | *lake [leik]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [hɛlp], assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Кӯдакистон, муассисаи томактабӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkɪndəˌga:d (ə)n]* |

Қ

| | | |
|---|---|---|
| **Қабулгоҳ** | приёмная | *reception [rɪˈsepʃ(ə)n]* |
| **Қайчӣ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Қалам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Қаламрав** | территория | *territory [ˈterɪt(ə)rɪ]* |
| **Қалъа** | крепость | *citadel [ˈsɪtəd(ə)l]* |
| **Қанд** | конфета | *sweets [swi:ts], candy [ˈkændɪ]* |
| **Қарор** | решение | *decision [dɪˈsɪʒ(ə)n], resolution [rezəˈlu:ʃ(ə)n]* |
| **Қатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Қафас** | клетка | *cage [keɪdʒ]* |
| **Қиматбаҳо** | драгоценный | *voluable [vǽljuəbl]* |
| **Қолин** | ковер | *carpet [ˈka:pɪt]* |
| **Қонун** | закон | *law [lɔ:]* |
| **Қошуқ** | ложка | *spoon [spu:n]* |
| **Қудрат, қувватбахш** | сила, мощь | *power [ˈpaʊə]* |
| **Қуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лагер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ларзидан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeɪk], to shiver [ʃɪvə]* anekdot |
| **Латифа** | анекдот | *joke [dʒəʊk]* |
| **Лаҳза** | момент | *instant [ˈɪnst(ə)nt], moment [ˈməʊm(ə)nt]* |
| **Лаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaɪəlekt]* |
| **Либос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Либосдӯзӣ** | шитьё одежды | *sewing clothes [ˈsəʊɪŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Либоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfɪʃ(ə)l ˈkləʊðɪŋ]* |
| **Либосовезак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəʊt ˈhæŋə]* |
| **Лижа** | лыжи | *ski [ski:]* |
| **Лижаронӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈski:ɪŋ]* |
| **Лимӯ** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Лола** | тюльпан | *tulip [ˈtu:lɪp]* |
| **Луғат** | словарь | *dictionary [ˈdɪkʃ(ə)n(ə)rɪ]* |
| **Лӯбиё** | фасоль | *bean [bi:n]* |

М

| | | |
|---|---|---|
| **Мавод** | материал | *material [məˈtɪrɪəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [sku:l]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlæn(d)skeɪp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeɪʃ(ə)n]* |

***Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.***

## РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иктисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои "Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ"-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавку рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон такозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми бомаънфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˈfemənɪn]* |
| **Занг** | звонок | *bell [bel]* |
| **Занг задан** | звонить, сделать телефонный звонок | *to make a phone call [tu meik ə fəʊn kɔ:l], to call [tu kɔ:l] , to phone [tu fəʊn]* |
| **Зарар** | вред, ущерб; потеря | *harm [ha:m], damage [ˈdæmɪdʒ], injury [ˈɪn(d)ʒ(ə)rɪ]; loss [lɒs]* |
| **Зарб** | умножение (мат.) | *multiplication (math.) [ˌmʌltɪplɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Зард** | жёлтый | *yellow[ˈjeləʊ]* |
| **Зарур (зарурият)** | необходимо (необходимость) | *necessary ['nesəs(ə)rɪ], (necessity [nɪˈsesɪtɪ])* |
| **Зарф** | посуда, столовые приборы; наречие (грамм.) | *dish [dɪʃ], dishes [dɪʃiz], tableware [ˈteɪb(ə)lweə]; adverb (gram.) [ˈædvɜ:b]* |

### И

| | | |
|---|---|---|
| **Истироҳат** | отдых | *rest [rest], relaxation [ˌri:lækˈseɪʃn]* |
| **Истироҳат кардан** | отдыхать | *to rest [tu rest], to relax [tu rɪˈlæks];* |
| **Истироҳатгоҳ** | место для отдыха или релаксации | *place to rest or relax [pleis tu rest ɔ: rɪˈlæks]* |
| **Итоат** | послушание, подчинение | *obedience [əˈbi:dɪəns], submission [səbˈmɪʃ(ə)n]* |
| **Иттилоотӣ** | информаци-онный | *Informational [ˌɪnfərˈmeɪʃənl]* |
| **Ихтисос** | специальность | *speciality [ˌspeʃiˈælɪtɪ]* |
| **Иҷро кардан** | исполнять, выполнять | *to execute [tu ˈeksɪkju:t], to fulfil [tu fʊlˈfil], to carry out [tu ˈkærɪæʊt]* |
| **Иҷозатномаи сафар, раводид** | разрешение на въезд, виза | *visa [ˈvi:zə]* |
| **Иҷозат додан** | разрешать | *to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt];* |
| **Иҷозат, иҷозат пурсидан** | разрешение, спросить разрешение | *permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tua:sk pərˈmɪʃn];* |
| **Илтимос** | пожалуйста | *please [pli:z]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Маош** | заработная плата | *salary [ˈsælərɪ], wages [ˈweɪdʒɪz]* |
| **Мардум** | люди | *people [ˈpi:p(ə)l]* |
| **Маҷлис** | собрание, совещание | *meeting [ˈmi:tɪŋ]* |
| **Меҳмон** | гость | *guest [gest]* |
| **Меҳмонхона** | гостиная, гостиница | *living room [ˈlɪvɪŋ ru:m], hotel [həʊˈtel]* |
| **Меҳнат** | труд, работа | *labour ['lei.bə],work [wɜ:k]* |
| **Миллат** | нация, националь-ность | *nation [ˈneɪʃ(ə)n], nationality [næʃəˈnælɪtɪ]* |
| **Минтақа** | местность, регион | *area [ˈeərɪə], region [ˈri:dʒ(ə)n]* |
| **Модаркалон** | бабушка | *grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]* |
| **Мулоқот, вохӯрӣ** | встреча | *meeting [ˈmi:tɪŋ]* |
| **Муошират** | общение, коммуникация | *communication[kəˌmju:nɪˈkeɪʃn]* |

### Н

| | | |
|---|---|---|
| **Набера** | внук, внучка | *grandchild [ˈgræn(d)tʃæɪld]* |
| **Нав** | новый | *new [nju:]* |
| **Навбатдор** | дежурный | *duty [ˈdju:tɪ]* |
| **Намак** | соль | *salt [sɔ:lt]* |
| **Нарх** | цена | *price [praɪs], cost [kɒst]* |
| **Насаб** | фамилия | *surname [ˈsɜ:neɪm]* |
| **Нафар** | человек, персона | *person [ˈpɜ:sn]* |
| **Нашр** | публикация | *publication [ˌpʌblɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Нигоҳ доштан** | хранить, удерживать | *to keep [ ki:p], to hold [ həʊld]* |
| **Нишастан** | сидеть | *to sit [sit]* |
| **Нишонӣ** | адрес | *address [əˈdres]* |
| **Нодуруст** | неправильный | *false [fɔ:ls], incorrect [ɪnkəˈrekt]* |
| **Нӯшидан** | пить | *to drink [drɪŋk]* |
| **Нотарс** | храбрый | *brave [breɪv]* |
| **Намоянда** | представитель | *representative [reprɪˈzentətɪv]* |

### О

| | | |
|---|---|---|
| **Об** | вода | *water [ˈwɔ:tə]* |
| **Обу ҳаво** | погода | *weather [ˈweðə]* |
| **Овоз** | голос | *sound [saʊnd], noise [nɔɪz]* |
| **Оғоз** | начало | *beginning [bɪˈgɪnɪŋ], start [sta:t]* |
| **Одам** | человек | *man [mæn], person [ˈpɜ:sn]* |
| **Одат** | привычка | *custom [ˈkʌstəm]* |
| **Одоб** | воспитанность | *courtesy [ˈkɜ:rtəsɪ]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Ҳақ** | истина, правда | *right [raɪt], privilege ['prɪvɪlɪdʒ]* |
| **Ҳаққи хизмат** | заработная плата, оклад | *wages [weiʤ]* |
| **Ҳақиқат** | правда | *truth[tru:θ], reality [rɪ'ælɪtɪ]* true *[tru]* |
| **Ҳама** | весь, вся, всё | *all[ɔ:l], everyone['evrɪwʌn], everything ['evrɪθɪŋ]* |
| **Ҳамкор** | коллега, сотрудник | *colleague ['kɔli:g], coworker ['kəʊ'wɜ:kə]* |
| **Ҳамкорӣ** | сотрудничество | *cooperation [kəʊˌɒpə'reɪʃn]* |
| **Ҳамоҳангсоз** | координатор | *co-ordinator [kəʊ'ɔ:dɪneɪtə]* |
| **Ҳамроҳ** | вместе, спутник | *together[tə'geðə], travelling companion ['træv(ə)lɪŋkəm'pænɪən]* |

### Ҷ

| | | |
|---|---|---|
| **Чӯб** | палка, древесина | *wood[wud]* |
| **Чӯпон** | пастух | *shepherd ['ʃepəd]* |
| **Чутка** | щётка | *brush [brʌʃ]* |
| **Чӯҷа** | цыплёнок | *chick [ʧik]* |

### Ҷ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷавоб** | ответ | *answer ['a:nsə]* |
| **Ҷавон** | молодой | *young [jʌŋ]* |
| **Ҷавонӣ** | молодость | *youth [juθ]* |
| **Ҷадвал** | линейка | *ruler ['ru:lər]* |
| **Ҷамъ** | совокупность, сумма, итог | total *[toutl]* |
| **Ҷамъият** | общество | *society [sə'saɪətɪ]* |
| **Ҷанг** | война | *war [wɔ:]* |
| **Ҷануб** | юг | South *[sauθ]* |
| **Ҷонишин** | заместитель директора | *deputy director ['depjutɪ d(a)ɪ'rektə]* |
| **Ҷонибдор** | сторонник | *supporter [sə'pɔ:tə]* |
| **Ҷорӣ** | текущий | *folowing ['fɔləuɪŋ]* |
| **Ҷорӯб** | веник | *broom [bru(:)m]* |
| **Ҷумҳурӣ** | республика | *republic [rɪ'pʌblɪk]* |
| **Ҷуворӣ** | кукуруза | *corn [kɔ:n]* |
| **Ҷумъа** | пятница | Friday *['fraɪdɪ]* |

А

| Тоҷикӣ | РУСӢ | АНГЛИСӢ (овонавишт) |
|---|---|---|
| **Адабиёт** | литература | *literature ['lɪt(ə)rəʧə]* |
| **Адад** | число | *number ['nʌmbə]* |
| **Адолат** | справедливость | *justice ['ʤʌstɪs]* |
| **Азиз** | уважаемый | *dear [dɪə], precious ['preʃəs], esteemed [ɪ'sti:md]* |
| **Ақл** | ум, разум | *intelligence [ɪn'telɪʤ(ə)ns], intellect mind ['ɪntɪlekt maɪnd]* |
| **Алов (оташ)** | огонь | *fire ['faɪə]* |
| **Алаф** | трава | *grass [gra:s], herb UK: [hɜ:b], US: [ɝ:b], fodder ['fɔdə]* |
| **Аскар** | солдат | *soldier ['səulʤə]* |
| **Атроф** | вокруг | *around [ə'raʊnd]* |
| **Афсона** | сказка | *fairy-tale ['fe(ə)rɪteɪl], story ['stɔ:rɪ], tale [teɪl]* |
| **Ахбор** | новость | *news [nju:z]* |
| **Ахлоқ** | мораль | *morals ['mɔrəlz]* |
| **Аҳолӣ** | население | *population ['pɔpju'leɪʃ(ə)n]* |
| **Аломат** | знак | *sign [saɪn], mark [ma:k], omen, ['əumən]* |
| **Амният** | безопасность | *security [sɪ'kju(ə)rɪtɪ]* |
| **Анъана** | традиция | *tradition [trə'dɪʃn]* |

Б

| | | |
|---|---|---|
| **Бад** | плохой | *bad [bæd]* |
| **Бадан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Баён** | выражение мыслей | *expression of thoughts [ɪk'spreʃ(ə)n ɔvθɔ:ts]* |
| **Базм, тӯй** | вечеринка, общественный прием, связанный со свадьбами и т.д. | *party ['pa:rtɪ], public reception associated with weddings ['pʌblɪk rɪ'sepʃ(ə)n ə'səuʃieitid wɪð 'wedɪŋz]* |
| **Байналмилалӣ** | международный | *international ['ɪntə'næʃ(ə)nəl]* |
| **Байнишаҳрӣ** | междугородний | *between cities [bɪ'twi:n 'sɪtɪz]* |
| **Баромадан** | подняться | *to rise [raɪz]* |
| **Баромадгоҳ** | выход | *exit ['egzɪt]* |
| **Барф** | снег | *snow [snəu]* |
| **Бахт** | счастье | *happiness ['hæpɪnəs]* |
| **Бахшидан** | простить | *to forgive[tu: fə'gɪv], let off ['let 'ɔf]* |
| **Баҳор** | весна | *spring [sprɪŋ]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *['remɪdɪ]* |
| **Духтар** | девочка | *girl[gɜ:l]* |
| **Дуст, рафиқ** | друг, товарищ | *friend[frend]* |

Ё

| | | |
|---|---|---|
| **Ёд гирифтан** | научиться | *to learn [tu lɜ:n]* |
| **Ёдгории меъморӣ** | памятник архитектуры | *a monument of architecture ['mɒnjʊm(ə)nt əv 'a:kɪ'tekʧə]* |
| **Ёд доштан, ба ёд омадан** | вспомнить | *to remember [turɪ'membə]* |
| **Ёздаҳ** | одиннадцать | *eleven [ɪ'lev(ə)n]* |
| **Ёрдам** | помощь | *help, [help] assistance [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёридиҳанда** | вспомога-тельный | *auxiliary [ɔ:g'zɪlɪərɪ]* |
| **Ёрдам кардан** | помогать | *to help [tu help]* |
| **Ёрдамчӣ** | помощник | *assistant[ə'sɪst(ə)nt]* |
| **Ёрии таъчилӣ** | скорая помощь | *ambulance ['æmbjʊl(ə)ns],emergency assistance [ɪ'mɜ:ʤ (ə)nsɪ] [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёсуман** | жасмин | *jasmine ['ʤæzmɪn]* |
| **Ёфтан** | найти | *to find [tu faɪnd]* |

Ж

| | | |
|---|---|---|
| **Жола** | град | *hail [heɪl]* |
| **Жола боридан** | выпадение града | *hail fallout [heɪl 'fɔ:laʊt] it is haliog* |
| **Журнал** | журнал | *magazine [maga'zen] journal['ʤɜ:n(ə)l]* |

З

| | | |
|---|---|---|
| **Забон** | язык | *language, ['læŋgwɪʤ] tongue [tʌŋ]* |
| **Забони давлатӣ** | государственный язык | *state language [steit 'læŋgwɪʤ], official language [ə'fɪʃ(ə)l 'læŋgwɪʤ]* |
| **Задан (зан)** | бить, ударить | *to hit [tu hɪt], to strike [tu straɪk]* |
| **Замин** | земля, вселенная | *soil [sɔɪl], earth [ɜ:θ], ground [graund], land [lænd]* |
| **Замон** | время, период, эпоха | *time [taɪm], period, ['pɪ(ə)rɪəd], epoch ['i:pɒk], era ['ɪrə]* |
| **Замонавӣ** | современный | *modern[mɔdn]* |
| **Зан** | жена, женщина | *wife [waɪf], woman ['wʊmən]* |
| **Занона** | по-женски, женский | *female ['fi:meɪl], feminine* |





| | | |
|---|---|---|
| **Озмун** | конкурс | *competition [ˌka:mpə'tɪʃn]* |
| **Озодӣ** | свобода | *freedom ['fri:dəm]* |
| **Оила** | семья | *family ['fæməlɪ]* |
| **Оина** | зеркало | *mirror ['mɪrə]* |
| **Олам** | мир | *world [wɜ:ld]* |
| **Омадан** | приходить | *to come [to kʌm]* |
| **Ошхона** | кухня | *Kitchen ['kɪtʃɪn], national café ['næʃ(ə)n(ə)l 'kæfeɪ]* |
| **Ошно** | друг, приятель | *friend [frend]* |

П

| | | |
|---|---|---|
| **Пагоҳ** | завтра | *tomorrow[tə'mɔrəu]* |
| **Пагоҳирӯзӣ** | утро | *morning ['mɔ:nɪŋ]* |
| **Падар** | отец, папа | *father ['fa:ðə]* |
| **Пазируфтан (пазир)** | принимать, одобрять | *entertain [ˌentər'teɪn], to receive [tu: rɪ'si:v]* |
| **Панҷа** | пальцы | *fingers ['fɪŋgəz]* |
| **Пахта** | хлопок | *(n) cotton ['kɔtn]* |
| **Пешвоз гирифтан** | встречать | *to meet [ tu: mi:t]* |
| **Пешниҳод кардан** | представление, выдвижение | *suggestion [sə'ʤesʧ(ə)n], proposal [prə'pəuz(ə)l]* |
| **Пешонӣ** | лоб | *forehead ['fɔrɪd]* |
| **Пиёда** | пешком | *on foot [ɔn fut], walk [wɔk]* |
| **Пиёз** | лук | *onion ['ʌnjən]* |
| **Писар** | сын, мальчик | *son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Пойафзол** | обувь | *shoes [ʃu:z]* |
| **Пурсамар** | эффективный, плодотворный | *effective [ɪ'fektɪv],fruitful ['fru:tf(ə)l]* |
| **Пӯшидан (пӯш)** | закрыть | *to close [ tu kləus]* |

Р

| | | |
|---|---|---|
| **Равия** | направление, тренд | *direction [də'rekʃn], trend [trend]* |
| **Рақам** | номер | *number ['nʌmbə]* |
| **Рақс** | танец | *dance [da:ns]* |
| **Ранг** | цвет, краски | *colour ['kʌlə]* |
| **Расм** | картина | *picture ['pɪkʧə]* |
| **Рафтан (рав)** | идти, иди | *to go [ tu: gəu]* |
| **Рафтор** | поведение | *behaviour [bɪ'heɪvɪə]* |
| **Рафтуомад** | посещение, поездка | *visit ['vɪzɪt]* |
| **Раҳнамо** | руководство | *guide [gaɪd]* |
| **Роҳбар** | лидер, начальник | *leader ['li:də]* |
| **Рухсатӣ** | отпуск | *holiday ['hɔlɪdɪ],Vacation* |





| | | |
|---|---|---|
| **Феъл** | глагол | *verb [vɜ:b]* |
| **Фикр** | мысль, мнение | *think ['θɪŋk], opinion [ə'pɪnjən]* |
| **Фурудгоҳ** | аэропорт | *airport ['eəpɔ:t]* |
| **Фурӯш** | продажа | *sale [seɪl]* |
| **Фурӯшгоҳ** | магазин | *department store[dɪ'pa:tmənt stɔ:], shop [ʃɔp]* |
| **Фурӯхтан** | продавать | *to sell[ tu sel]* |

Х

| | | |
|---|---|---|
| **Хабар** | весть, новость | *information['ɪnfə'meɪʃ(ə)n], news [nju:z]* |
| **Халқ** | народ | *people['pi:p(ə)l]* |
| **Харидан** | купить | *to buy [ tu:baɪ]* |
| **Харита** | карта | *map[mæp]* |
| **Хатм** | окончание | *graduation ['grædʒu'eɪʃ(ə)n]* |
| **Хатм кардан** | окончить | *to graduate [tu 'grædʒʊeɪt]* |
| **Хестан** | вставать, подниматься | *to get up [ tu get ʌp], to stand up[ tustænd ʌp]* |
| **Хизмат** | служба, услуга | *service ['sɜ:vɪs]* |
| **Хоб** | сон | *dream [dri:m] sleep[sli:p]* |
| **Хомӯш** | тихий | *silent['saɪlənt]* |
| **Хона** | дом | *house[haus], home [həum], apartment [ə'pa:tmənt], room [ru(:)m]* |
| **Хондан (хон)** | читать, учиться, молиться | *to read[ tu: ri:d], to study [ tu: ['stʌdɪ]; to pray [ tu:preɪ]* |
| **Хотира** | память | *memory ['mem(ə)rɪ]* |
| **Хоҳар** | сестра | *sister ['sɪstə]* |
| **Хунук** | холод | *cold [kəuld]* |
| **Хуш омадед** | добро пожаловать | *welcome ['welkəm]* |

Ҳ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳавз** | пруд, водоём, бассейн | *pond [ pɔnd],pool [pu:l], swimming pool['swɪmɪŋpu:l]* |
| **Ҳавлӣ** | двор | *house[haus], garden [ga:dn], yard[ja:d]* |
| **Ҳаво** | погода, воздух | *weather['weðə], air[eə]* |
| **Ҳавопаймо** | самолёт | *aeroplane ['e(ə)rəplem]* |
| **Ҳайвон** | животное | *animal ['ænɪm(ə)l]* |
| **Ҳайкал** | памятник, статуя | *monument ['ma:njʊmənt], statue['stæʧu:]* |
| **Ҳайрат** | недоумение, удивление, изумление | *Perplexity [pə'pleksɪtɪ]; amazement [ə'meɪzmənt], astonishment [ə'stɔnɪʃmənt], surprise [sə'praɪz]* |

| | | |
|---|---|---|
| **Бача** | ребёнок, мальчик | *child[ʧaɪld], son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Бачагона** | детский | *childish [ˈtʃaɪldɪʃ], children's ['ʧildrənz], for a child [fɔ:(r) əʧaɪld]* |
| **Башардӯстона** | Гуманистический | *humanitarian [hju:'mænɪ'te(ə) rɪən]* |
| **Беморхона** | больница | *hospital ['hɔspɪtl]* |

### В

| | | |
|---|---|---|
| **Вай** | он, она, оно, его, её | *he [hi:], she [ʃi:], it; [ɪt him [hɪm], her [hɜ:]* |
| **Варақ** | лист | *leaf [li:f]* |
| **Варзиш** | спорт | *sport [spɔ:t]* |
| **Варзишгар** | спортсмен | *sportsman ['spɔ:tsmæn]* |
| **Васл** | связь | *relations [rɪˈleɪʃənz]* |
| **Ватан** | родина | *homeland ['həumlənd], motherland ['mʌðəlænd]* |
| **Ватанӣ** | отечественный | *domestic [dəˈmestɪk], native [ˈneɪtɪv], Patriotic [pætri'ɔtik]* |
| **Ваҳдат** | единство | *unity ['ju:nɪtɪ] reconciliation ['rekənsɪlɪ'eɪʃ(ə)n* |
| **Ваъда** | обещание | *promise ['prɔmɪs]* |
| **Вилоят** | область, край | *region ['ri:ʤ(ə)n], province ['prɔvɪns]* |
| **Вобаста** | зависимый | *dependent [dɪˈpendənt], related [rɪ'leɪtɪd]* |
| **Воқеа** | событие | *event, [ɪ'vent] incident ['ɪnsɪd(ə)nt]* |
| **Воқеъ будан** | быть расположенным | *to be located[tə'bi: [ləu'keɪtid] , to be situated [tə'bi: 'sɪtueɪtid]* |
| **Волидайн** | родители | *parents ['pe(ə)rənts]* |
| **Вохӯрдан** | встретить | *to meet with smb[tu mi:t wɪð smb]* |
| **Вохӯрӣ кардан** | встречаться | *to greet [tu gri:t], to shake hands [tu ʃeɪk hændz]* |

### Г

| | | |
|---|---|---|
| **Газета** | газета | *newspaper ['nju:s'peɪpə]* |
| **Галстук** | галстук | *tie [taɪ]* |
| **Гап задан** | разговаривать | *to speak [tu spi:k]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Гардан** | шея | *neck[nek]* |
| **Гарданбанд** | ожерелье | *necklace ['neklɪs]* |
| **Гарм (сӯзон)** | теплий (жаркий) | *hot [hɔt],warm [wɔ:m]* |
| **Гард** | пыль | *dust [dʌst]* |
| **Гирду атроф** | окресности, пригород | *suburbs [ˈsʌbɜ:bz]* |
| **Гирифтан (гир)** | взять | *to take [tu teɪk]* |
| **Гиря кардан** | плакать | *to cry [tu kraɪ]* |
| **Гул** | цветок | *flower ['flauə]* |
| **Гулдон** | ваза | *vase [va:z]* |
| **Гӯянда** | говорящий, произносящий | *narrator [nə'reɪtə], speaker ['spi:kə]* |
| **Гӯсфанд** | овца, баран | *sheep [ʃi:p]* |
| **Гӯшт** | мясо | *meat [mi:t]* |

### Ғ

| | | |
|---|---|---|
| **Ғайрирасмӣ** | неофициальный | *unofficial ['ʌnə'fiʃ(ə)l]* |
| **Ғарб** | запад | *west [west]* |
| **Ғижак (асбоби мусиқӣ)** | скрипка | *violin ['vaɪə'lɪn ]* |
| **Ғунҷидан (гунҷ)** | помещаться | *place [pleɪs], to contain [tu kən'teɪn]* |
| **Ғубор** | пасмурный | *cloudy [kloudē]* |

### Д

| | | |
|---|---|---|
| **Давлат** | государство | *state [steɪt], country ['kʌntrɪ]* |
| **Давра** | круг, круговорот | *circle [ˈsɜ:rkl], rotation [rəu'teɪʃ(ə)n]* |
| **Давр задан** | прогуляться | *to go around [tu gəu ə'raund] a walk [əwɔ:k]* |
| **Дараҷа** | степень | *degree [dɪ'gri:]* |
| **Даркор** | необходимый, нужный | *necessary ['nesəs(ə)rɪ],needed [ni:did]* |
| **Дароз** | длинный | *long [lɔŋ]* |
| **Дароз кашидан** | полежать | *to lie down [tu laɪ daun]* |
| **Дафтар** | тетрадь | *note-book [nəut buk]* |
| **Девор** | стена | *wall [wɔ:l]* |
| **Деҳа** | деревня | *village ['vɪlɪʤ]* |
| **Диққат** | внимание | *attention [ə'tenʃ(ə)n]* |
| **Дил** | сердце | *heart [ha:t]* |
| **Дирӯз** | вчерашний день | *yesterday ['jestədɪ]* |
| **Даво** | лекарство | *medicine, ['meds(ə)n] remedy* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[vəˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Рӯй, рӯ** | лицо | *face [feɪs]* |
| **Рӯз** | день | *day [deɪ]* |
| **Рӯзи корӣ** | рабочий день | *working day ['wɜ:kɪŋdeɪ]* |
| **Рӯзнома** | дневник, газета | *school record book [sku:l ˈrekɔ:dbʊk], newspaper ['nju:s'peɪpə]* |

### С

| | | |
|---|---|---|
| **Савол** | вопрос | *question ['kwesʧ(ə)n]* |
| **Саёҳат кардан** | путешествовать | *to travel [ tu 'træv(ə)l]* |
| **Сайёҳ** | турист | *tourist ['tu(ə)rɪst]* |
| **Санҷиш** | тест | *quiz [kwɪz], test [test]* |
| **Санъат** | искусство | *art [a:t]* |
| **Сар** | голова | *head [hed]* |
| **Сару либос** | одежда | *clothes [kləu(ð)z]* |
| **Сартарошхона** | парикмахерская | *barber ['ba:bə]* |
| **Сарҳад** | граница | *border ['bɔ:də]* |
| **Саҳифа** | страница | *page [peɪʤ]* |
| **Синф** | класс | *class[kla:s]* |
| **Сохтмон** | строительство | *construction [kən'strʌkʃ(ə)n]* |
| **Сулҳ** | мир | *peace [pi:s]* |
| **Суруд** | песня | *song [sɔŋ]* |
| **Сурх** | красный | *red [red]* |
| **Сӯзан** | игла | *needle [ni:dl]* |

### Т

| | | |
|---|---|---|
| **Табассум** | улыбка | *smile [smaɪl]* |
| **Табиат** | природа | *nature ['neɪʧə]* |
| **Табиб** | врач | *doctor [ˈda:ktər], physician [fɪ'zɪʃ(ə)n]* |
| **Табрик** | поздравление | *congratulations [kən'grætju'leɪʃ(ə)n]* |
| **Таклиф кардан** | пригласить | *to invite [ tu ɪnˈvaɪt ]* |
| **Такрор** | повтор | *repetition ['repɪ'tɪʃ(ə)n]* |
| **Такрор кардан** | повторить | *to repeat [ turɪ'pi:t]* |
| **Тамошо** | смотреть, зрелище | *watch [wa:tʃ],see [si:];spectacle ['spektək(ə)l]* |
| **Тан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Тару тоза** | свежий | *fresh [freʃ]* |
| **Тарафдор** | сторонник | *supporter [sə'pɔ:tə]* |
| **Тарбия** | воспитание | *upbringing [ˈʌpbrɪŋɪŋ],education* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˌedʒʊˈkeɪʃn]* |
| **Тарозу** | весы | *scales [skeɪlz]* |
| **Тарҷума** | перевод | *translation [træns'leɪʃn]* |
| **Таҳсил** | учёба | *studies ['stʌdɪs],learning [ˈlɜ:rnɪŋ]* |
| **Таҳсил кардан** | учиться | *to study [ tu 'stʌdɪ]* |
| **Таҷриба** | опыт | *experience [ɪk'spɪ(ə)rɪəns]* |
| **Таътил** | каникулы | *holiday ['hɔlɪdɪ], vacation [və'keɪʃ(ə)n](for students)* |
| **Тоза** | чистый | *clean [kli:n]* |

### У

| | | |
|---|---|---|
| **Узр** | извинение, прощение | *apology [ə'pɔləʤɪ], excuse [ɪk'skju:s]* |
| **Уқёнус** | океан | *ocean ['əuʃ(ə)n]* |
| **Улум** | науки | *sciences ['saɪəns]* |
| **Умр** | жизнь | *life [laɪf]* |
| **Умр дидан** | жить | *to live [ tu lɪv ]* |
| **Умуман** | вообще, в целом | *in general [ ɪn 'ʤen(ə)rəl], overall ['əuvə'rɔ:l]* |
| **Умумӣ** | общий | *general['ʤen(ə)rəl], public ['pʌblɪk]* |
| **Урф** | обычай, обряды | *customs ['kʌstəmz], habits ['hæbɪt]* |
| **Усто** | мастер | *master ['ma:stə], foreman ['fɔ:mən], skilled workman [skɪldwɜ:kmən]* |
| **Устохона** | мастерская | *workshop ['wɜ:kʃɔp]* |
| **Устод** | учитель, наставник | *teacher ['ti:ʧə],mentor [ˈmentɔ:r]* |
| **Устувор** | прочный, устойчивый | *steady['stedɪ], firm[fɜ:m]* |
| **Устухон** | кость | *bone [bəun]* |
| **Уҳда** | объязательство | *duty ['dju:tɪ], responsibility [rɪ'spɔnsə'bɪlɪtɪ], task [ta:sk], job [dʒɒb]* |
| **Ӯ** | он, она | *he [hi:], she [ʃi:]* |

### Ф

| | | |
|---|---|---|
| **Фаҳмидан** | понимать | *to understand[tu 'ʌndə'stænd]* |
| **Фаҳмондан** | объяснить | *to explain [tuɪk'spleɪn]* |
| **Фардо** | завтра | *tomorrow [tə'mɔrəu]* |
| **Фарёд** | крик, возглас | *cry [kraɪ], shout[ʃaut], yell [jel]* |
| **Фарзанд** | ребёнок | *child [ʧaɪld]* |
| **Фаромадан** | спускаться, сходить | *to go down [ tugəu daun], to get off [ tu getɔf]* |
| **Фарҳанг** | культура | *culture ['kʌlʧə]* |
| **Фарш** | пол, покрытие | *floor [flɔ:]* |
| **Фасл** | сезон, время года | *season['si:z(ə)n]* |

*Бидуни заҳмат зиндагӣ наметавонад шоду ширин бошад.*
*Антон Чехов*



АЗ НАЗАРИЯ БА АМАЛ

# Таҷрибаомӯзии педагогӣ ва нақши он дар фаъолияти донишҷӯ

***Таҷрибаомӯзӣ яке аз роҳҳои омода намудани мутахассисон ба фаъолияти касбии оянда мебошад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба раванди таҷрибаомӯзӣ ва иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар раванди он муҳим арзёбӣ мегардад. Таҷрибаомӯзӣ як қисми барномаи таълими донишҷӯён буда, ҳадафи он аз худ намудани малакаҳои амалӣ, инчунин, татбиқи донишҳои назариявии гирифташуда мебошад.***



Таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тибқи Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ҳадафи он пеш аз ҳама, аз худ намудани сифатҳои касбии шахсияти омӯзгори оянда, пайдо кардани муҳаббат нисбат ба ихтисоси омӯзгорӣ, ташаккули маҳорату малакаҳои касбӣ, ташкили хуби корҳои таълимӣ – тарбиявӣ ва ба ин васила, аз худ намудани усулҳои муосири таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии умумӣ мебошад.

Ҳамасола дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то оғози таҷрибаомӯзии педагогӣ садорати факултетҳо, кафедраҳои тахассусӣ ва намояндагони кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраи психология семинару конфронсҳо баргузор менамоянд, ки донишҷӯён тибқи муқаррарот бо вазифаҳо, мазмун, мундариҷа ва тартиби баргузории таҷрибаомӯзӣ шинос карда мешаванд

Маълум аст, ки тибқи Низомномаи намунавии таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаомӯзиипедагогӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, инчунин, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус гузаронида мешавад. Дар навбати худ, муассисаҳои таълимӣ тибқи қарордод бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои гузаштани таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён шароит ва замина таъмин менамоянд.

Вазифа ва ҳадафҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ аз инҳо иборат аст:

- мутобиқшавии донишҷӯён ба фаъолияти омӯзгорӣ;
- шиносоии донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ;
- ҷустуҷӯ намудани роҳҳои мувофиқ барои инкишофи хонандагон;
-гузаронидани ташхис ва мониторинги сифати таҳсилот дар синфҳои вобасташуда;
- ба даст овардани сифатҳои касбии омӯзгори оянда, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд;
- аз худ намудани технологияи нави таълим.

Донишҷӯён ҳангоми таҷрибаомӯзӣ ба сатҳи ибтидоии хусусиятҳои касбии омӯзгорӣ шинос шуда, дар раванди иштирок ба дарсҳои омӯзгорони таҷрибадор малакаи касбиро аз худ намуда, дар фаъолияти минбаъда онро истифода менамоянд. Таҷрибаомӯз муваззаф карда мешавад, ки ҳангоми таҷрибаомӯзӣ омодагии педагогӣ, психологӣ ва тахассусӣ дошта бошад. Дар муддати таҷрибаомӯзӣ муассисаҳои таълимӣ мувazзафанд, ки барои донишҷӯён-таҷрибаомӯзон шароити авалияро ташкил намуда, таҷрибаомӯзонро ба раванди корҳои таълимию тарбиявӣ ҷалб намуда, онҳоро дар синфҳо ва зергурӯҳҳо вобаста намоянд ва ҳамзамон, онҳо метавонанд ба ҳайси ёвари омӯзгор (ассистент) ё худ ёрдамчии роҳбари синф фаъолият намоянд.

Агар дар муассисаи таълимӣ раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад, дар натиҷа заминаи малакаву маҳорати омӯзгории онҳо ба тадриҷ устувор мегардад. Вобаста ба раванди таҷрибаомӯзии факултетҳои равияи омӯзгории донишгоҳ, аз ҷумла, факултетҳои математика, биология, химия, физика, таърих, забонҳои Осиё ва Аврупо, филологияи тоҷик ва рус таҳти роҳбарии омӯзгорони кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, кафедраи психология ва кафедраҳои марбутаи факултетҳои равияи омӯзгории донишгоҳ дар МТМУ № 43, 55, 65, 70, 71, 93, 100, 123, литсейи 4, гимназияи ба номи Асадулло Ғуломов, литсейи назди филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, литсейи назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, як қатор муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат, ноҳияҳои Варзобу Рӯдакӣ дар синфҳои русию тоҷикӣ аз таҷрибаомӯзӣ гузашта, дарсҳои намунавӣ ташкилу баргузор намуда, маҳорати касбии худро такмил доданд.

**Аз ҷониби донишҷӯён - таҷрибаомӯзон гузаронидани дарсҳои мустақилона дар марҳалаи ниҳоии таҷрибаомӯзӣ муҳим буда, таҷрибаомӯз имкон дорад, ки мустақилона дониш, малака, маҳорат ва салоҳияти касбии бадастовардаашро дар раванди дарс истифода барад.**

Аз натиҷаи иштирок дар дарсҳо бармеояд, ки таҷрибаомӯзон дар дарсҳои худ аз усулҳои фаъоли таълим, усул ва методҳои интерактивӣ ба таври васеъ истифода намуда, бо ёрии роҳбарони синф ва омӯзгорон чорабиниҳои беруназсинфӣ дар мавзуъҳои мухталиф гузаронида, бо таҷрибаи педагогии омӯзгорон аз наздик шинос шуданд.

Маълум аст, ки донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзӣ маҳорат ва қобилияти касбӣ пайдо мекунанд, ки барои фаъолиятиояндаи онҳо муҳим мебошад. Инчунин, аз ҷониби донишҷӯён-таҷрибаомӯзон гузаронидани дарсҳои мустақилона дар марҳилаи ниҳоии таҷрибаомӯзӣ муҳим буда, таҷрибаомӯз имкон дорад, ки мустақилона дониш, малака, маҳорат ва салоҳияти касбии ба дастовардаашро дар раванди дарс истифода барад.

Дар анҷом донишҷӯён - таҷрибаомӯзон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро ба кафедраҳои марбута (педагогика, психология ва методикаи таълим) дар муҳлати муқарраргашта пешниҳод намоянд, ки он нақшаи тақвимӣ аз рӯйи ихтисос барои соли таҳсил, дафтари конспекти машғулияти дарсҳо, конспекти муфассали як соати дарси санҷишӣ (намунавӣ) аз рӯйи ихтисос, таҳлили муфассали як соат дарси санҷишӣ (намунавӣ)-и донишҷӯ-таҷрибаомӯз аз рӯйи ихтисос, дафтари таҳлили машғулиятҳои дарсии донишҷӯёни таҷрибаомӯз ва омӯзгорони фаннӣ, нақшаи тақвимии кори тарбиявии роҳбари синф барои соли таҳсил, намунаи конспекти як соати тарбиявӣ, тавсифномаи психологӣ, рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, ҳисоботи муфассали донишҷӯ оид ба фаъолияти таҷрибаомӯзии педагогӣ, тавсифномаи муассиса оид ба фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯ иборат аст.

Раванди таҷрибаомӯзӣ ва натиҷаи он дар ҷаласаҳои кафедраҳои марбута, аз ҷумла, педагогика ва шурои методии кафедра мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, хулосаи умумӣ коркард ва тавсияҳои дахлдор ба фаъолиятиояндаи онҳо пешниҳод карда мешавад.

Аз ин рӯ, кафедраҳои дахлдорро зарур аст, ки ба масъалаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, дастурамалу тавсияҳои методиро барои таҷрибаомӯзии донишҷӯён коркард намоянд.

Муҳтавои таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯёнро мундариҷа ва самтҳои асосии фаъолияти педагогӣ ташкил медиҳад, аз ин рӯ, муассисаи таълимиро зарур аст, ки барои донишҷӯён - таҷрибаомӯзон имкониятҳои умумиро ташкил намуда, роҳҳои баланд бардоштани шавқу ҳаваси онҳоро ба фаъолияти омӯзгорӣ таъмин намоянд.

*Латофат НАЗИРӢ,*
*устоди кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ*

ПЕШРАФТ

# Маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ

***Ду сол муқаддам зимни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Маркази таҳсилоти иловагии шаҳри Гулистонро мавриди истифода қарор доданд. Ин нахустин бино аст, ки дар давраи соҳибистиқлолии кишвар барои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бунёд гардид. Он бо тамоми шароити таълим ва ҳунаромӯзӣ таъмин мебошад.***

Бинои мазкур аз 3 ошёна, 13 синфхона, маҷлисгоҳ ва толори хониш иборат мебошад. Муассисаи тозабунёд дорои маркази гармидиҳӣ буда, имкон дорад 500 нафар хонандаро дар ду баст тибқи ҷадвали баргузории маҳфилҳо ба касбомузӣ ҷалб намояд.

Баҳри ҷалби ҳар чи бештари хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Гулистон фориғ аз дарс ба касбомӯзиву ҳунаромӯзӣ дар марказ маҳфилҳои «Барномасозӣ», «Технологияи иттилоотӣ», «Робототехникӣ», «Забони русӣ», «Забони англисӣ», «Забони олмонӣ», «Рассомӣ», «Фурӯғи субҳи донои китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат», «Рӯзгордорӣ», «Дӯзандагӣ - бурандагӣ», «Атласу адрасбофӣ», «Бофандагӣ» ва «Сӯзанидӯзӣ» ба таври ройгон роҳандозӣ гардидааст.

Барои хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Гулистон дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баъди хатми курсҳои омӯзишии семоҳа, шашмоҳа, сесола дар асоси барномаи таълимӣ шаҳодатномаи малакаи касбӣ дода мешавад. Бори аввал дар муассисаи мазкур фаъолияти маҳфилҳои инноватсионии замонавӣ, аз ҷумла, «Роботтехникӣ», «Барномасозӣ» ва «Пешсаф» ба роҳ монда шуд, ки ин маҳфилҳо барои рушди тафаккури техникии насли наврас равона карда шудаанд. Дар маҳфилҳо ғолибони озмунҳои байналмилалӣ дар риштаи барномасозӣ ва робототехникӣ ба хонандагон дарс мегӯянд ва ҷиҳати омода намудани онҳо ба олимпиадаҳои бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ корбарӣ менамоянд.




Китобхонаи муассиса бо китобҳои зарурӣ дар асоси талаботи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» таъмин гашта, барои омода намудани хонандагон ба ин озмун маҳфили доимамалкунанда роҳандозӣ карда шудааст.

Дар Маркази таҳсилоти иловагӣ 12 маҳфил аз рӯйи 5 равия - техникӣ, экологӣ, ҳунарҳои мардумӣ, фаннӣ ва бадеӣ амал мекунад.

Дар соли 2023 аз байни аъзои маҳфилҳои муассиса 20 нафар дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» иштирок намуда, то ба даври ниҳоии озмун роҳхат гирифтанд.

*Нуъмон РАҶАБЗОДА,*
*“Омӯзгор”*

**Дар ДДБ ба номи Н. Хусрав таҳти унвони «Аз тоҷик будани худ ифтихор дошта бошед!» ҳамоиш баргузор гардид.**

*Кори танҳо барои имрӯз беарзиш аст, кор барои оянда ҳам бояд бошад.*
*Антон Чехов*

«Омӯзгор»
№12-13, 20 марти
соли 2024

МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

# Донистани ҳуқуқ вазифаи ҳамагон аст



***Дар Паёми навини (28.12.2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти он дар ҳаёти мамлакат чунин таъкид гардид: «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии мамлакатамонро таъмин намоем, барои ҳар шаҳрванди ҷумҳурӣ шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона муҳайё созем».***

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид ва соли ҷорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юмин солгарди қабули он таҷлил мешавад. Дар ин замина Президенти Тоҷикистон дар Паём пешниҳод намуданд, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шавад.

Ҳадафи асосии ин ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона ба он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷаи кишварҳоест, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро интихоб намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қисми якуми моддаи 1-и Конститутсияи мамлакат давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон шудааст. Арзишҳои гуфташуда собит менамоянд, ки дар таърихи инсоният онҳо аз арзишҳо дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд беҳтар дониста мешаванд.

Маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи андешаҳои одамон дар бораи қонун, татбиқи он ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст.

Маърифати баланди ҳуқуқӣ риояи бошууронаи меъёрҳои қонун ва итоат ба қонунро дар назар дорад. Одамони дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок менамоянд. Мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона мебошад, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ эҳтиром гузошта мешавад.

**Яке аз роҳҳои таъмини сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ такмил додани раванди таълим, навсозии барномаҳои таълимӣ ва ҷорӣ намудани фанҳои нав мебошад.**

Муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имконот дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад.

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад.

Сиёсати давлатӣ дар сатҳи ташаккул ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ба якчанд принсип такя мекунад, аз ҷумла: афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; волоияти Конститутсия ва қонун; демократия; адолати иҷтимоӣ; илм; муттасилӣ; муттасилӣ ва универсалии тарбияи ҳуқуқӣ; мавҷудияти иттилооти ҳуқуқӣ; ягонагӣ ва муносибати дифференсиалӣ ба таълим ва маърифати ҳуқуқӣ.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати тайер кардани кадрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад. Яке аз роҳҳои таъмини сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ такмил додани раванди таълим, навсозии барномаҳои таълимӣ ва ҷорӣ намудани фанҳои нав мебошад. Инчунин, бояд тамоюлҳои нави рушди фанҳои илмии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, тамоюли тақвияти робитаҳои байнисоҳавӣ байни фанҳои анъанавӣ ва нав ва байни фанҳои ҳуқуқӣ ва ғайрирасмӣ ба назар гирифта шаванд.

Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ бевосита аз сатҳи таҳсилоти ҳуқуқӣ вобаста аст. Аз нуқтаи назари олимони ҳуқуқшинос, робитаи мустақими таълими ҳуқуқӣ ва омӯзиши ҳуқуқӣ бо баланд шудани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Таълими ҳуқуқӣ ва омӯзиши ҳуқуқӣ ба таври табиӣ алоқамананданд.

Ҳуқуқшиносон-омӯзгорон бовар доранд, ки маҷмуи донишҳо дар соҳаи ҳуқуқ ва тарбияи ҳуқуқӣ воситаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва омода кардани шахс ба муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, фаъолият оид ба таълими ҳуқуқӣ раванди ҳуқуқии педагогӣ аст.

Яке аз ҷанбаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии насли наврас тарғиби арзишҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ мебошад. Арзишҳои ҳуқуқӣ арзишҳоянд, ки дар қонун комилан ё қисман таҷассум ёфтаанд. Ба чунин арзишҳо озодӣ, адолат, баробарӣ, кумаки мутақобила, яъне арзишҳое дохил мешаванд, ки дар доираи чорчӯбаи қонун ва ахлоқ амал менамоянд. Дар айни замон муҳимтарин арзишҳои демократӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон озодӣ, ҳуқуқи инсон ва сулҳу суботи давлат мебошанд. Арзишҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ дар шароити волоияти қонун бо мазмуни нав пур шудаанд, зеро падидаи ҳуқуқӣ вобаста ба тағйирёбии шароити иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологӣ метавонад рушд ёбад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар шароити муосир ташаккул ёфтааст, қодир аст кафили арзишҳои ҳуқуқии демократӣ бошад.

***Парвиз БЕРДОВ,***
***муаллими калони кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе***

ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ

# Раҳнамо ба сӯйи ободкориҳо

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ қайд намуданд, ки соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид.***




Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, рушди иқтисодиёти кишвар ва ба содирот муваффақ шудан пайваста чораҷӯйӣ менамояд.

Таъмини сулҳу субот ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва таҳкими кафолати амнияти шаҳрвандон имкон фароҳам оварinternal, ки на танҳо ба рушди ташкилоти ғайридавлатӣ, балки ба фаъол гардонидани созмонҳои маъмулии демократии ҷамъияти шаҳрвандӣ мусоидат намоянд. Шуроҳои маҳаллӣ дар ҳалли мушкилоти бенавоӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, таъмин бо кор, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардум, ҳифзи тандурустӣ ва ғайраҳо таъсири басо пурсамар мерасонанд.

Бо ибтикори Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои вусъатбахшии корҳои бунёдкориву созандагӣ, ободу зебогардонии ҳамаи гӯшаву канори мамлакат ва дар навбати аввал, таъмин намудани рушди ҳамаҷонибаи деҳоти кишвар, ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ гузаронидани озмунҳои шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, деҳа, маҳалли аҳолинишин ва хонаи беҳтарин тадбирҳои муҳиму манфиатбахш роҳандозӣ карда шуданд.

Соли 2024 дар таърихи давлатдории миллии мо бо ҳузури чанд рӯйдоди муҳим ва нодир, ки яке аз онҳо таҷлили 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб меёбад, нақши муҳим хоҳад бозид. Аз ин рӯ, яке аз нуктаҳои меҳварие, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат дар иртибот ба ин рӯйдоди бузурги таърихӣ таъкид гашт, эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ба шумор меравад. Таъкиди хоса ба масъалаи қабули Конститутсия, ки воқеан, таҷрибаи нодири қонунэҷодкунии Тоҷикистони соҳибистиқлоли моро бар пояи арзишҳои миллӣ ибтидо бахшидааст, бозгӯи он аст, ки дар марҳалаи нави таърихӣ ин ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ ва сарчашмаи низоми қонунгузории миллии Тоҷикистон тавонист мақоми сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвари моро дар арсаи байналмилал баланд бардорад. Эълони соли 2024 ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ ба раванди ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, такмили низоми қонунгузорӣ, сатҳу муҳтавои қонунҳои ба шароити нави таърихии таҳаввулоти Тоҷикистон мутобиқ нақши муассир хоҳад гузошт.

***Рухшона ҲОМИДОВА,***
***магистранти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**Дар ДДХ ба номи М. Назаршоев таҳти унвони «Пиряхҳои Тоҷикистон– сарчашмаи оби ошомиданӣ ва ҳифзи онҳо» омӯзиш баргузор шуд.**

МУЛОҲИЗА

# Кафили сифати таҳсилот

***Ҳоло дар кишварҳои ҷаҳон рақамӣ намудани тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, махсусан иқтисод ҷараён дорад. Ин воситаи нави техникӣ робитаи одамонро дар ҷаҳон тақвият бахшидааст.***



Дарвоқеъ, технология бахши муҳимми зиндагии башарият гардидааст ва ягон соҳаи рӯзгорро бидуни он наметавон тасаввур намуд. Бо дарназардошти муҳимияти технологияи навин, Ҳукумати мамлакат ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои ҳамрадифи кишварҳои пешрафта гардидани ҷумҳурӣ шароити заруриро фароҳам овардааст. Мусаллаҳ будан бо саводи компютерӣ яке аз масъалаҳои умда ва мубрам дар соҳаи маориф ба шумор меравад, чунки дар қарни бисту як тамоми корҳо маҳз ба воситаи компютер роҳандозӣ гардида, донистани он барои ҳамагон, махсусан, кормандон ва масъулони соҳаи маориф, мисли обу ҳаво зарур мебошад.

Ин раванд дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ васеъ ба роҳ монда шудааст. Устодону профессорони донишгоҳ дарсҳои худро бо истифода аз воситаҳои электронии таълим ба роҳ мондаанд, ки ба сарфаи вақт ва ҳам истифодаи маводи гуногун мусоидат менамояд. Роҳбарияти муассиса бо мақсади беҳтар гардондани сифати таълим бо харидории бештари воситаҳои техникӣ ҳамасола кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Боиси хушист, ки имрӯз аксари насли ҷавон ва калонсоли ҷомеа аз шабакаи умумиҷаҳонии интернет истифода мебаранд, ки ин система бидуни компютер наметавонад фаъолият намояд. Аксари омӯзгорон ва донишҷӯён истифодаи интернетро медонанд ва барои гирифтани маълумоти наву тоза оид ба фанни таълимии худ аз он мадад меҷӯянд. Дар ин замина омӯзгорони фанҳои гуногун метавонанд барои истифодаи воситаҳои аёнӣ ҳар гуна тест ва саволу ҷавобҳо аз интернет ҳамчун маводи зарурӣ дастрас намоянд. Ҳаминро ҳам бояд хотиррасон кард, ки аксари маълумотҳои хубу муҳим бо забони русӣ ва англисӣ ҳастанд, аммо дар солҳои охир бо сабаби фаъол гардидани сомонаҳои тоҷикӣ бо забони тоҷикӣ ҳам иттилоотро дастрас намудан мумкин аст. Омӯзгорони фанҳои дақиқ низ метавонанд аз тестҳои санҷишӣ, саволу ҷавобҳо, бозиҳои мантиқӣ истифода карда, дарсҳои худро шавқовару рангин баргузор намоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ маориф зина ба зина пеш рафта, ба фазои таҳсилоти байналмилалӣ ворид мешавад. Барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати шогирдони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва азхуд кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда мешавад. Мусаллам аст, ки Тоҷикистон сол то сол барои дар қатори кишварҳои пешрафта қарор гирифтан кӯшиш менамояд. Аз ин ҷост, ки ҳадафи чоруми миллӣ саноатикунонии босуръати кишвар эълон гардид. Албатта, бе истифода аз техника ва технологияи ҳозиразамон наметавон ба иҷрои нақшаҳои дарпешистода ноил шуд. Бинобар ин, кӯшиш ба харҷ додан даркор аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои бамиёнгузошта аз воситаҳои техникии муосир самаранок истифода намоем, зеро ин амсол талаботи замон аст.

***Ҷаъфар ҚОДИРОВ,***
***устоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

ШЕВАИ ТАДРИС

# Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар дарс

***Дар замони муосир омӯзиши ҳар як фанро бе истифодаи технологияи иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, чунки талаботи замон ва талаботи имрӯзаи омӯзандагони илм тақозо менамояд, ки корҳои дер иҷрошавандаю дилгиркунандаро дар мӯҳлати кӯтоҳ иҷро намоянд.***

Татбиқи технологияҳои муосир дар раванди таълим яке аз зинаҳои асосии иттилоотонии муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2023) зикр намуданд, ки: «Ҳукумат барои таъмин намудани пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла, шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад».

Аз ин рӯ, мо дар даврони ҷаҳонишавӣ, рушди илму техника ва воситаҳои ахбори умум, воситаҳои пешрафтаи алоқа, муборизаи иттилоотӣ ва тағйироти ҷиддӣ зиндагӣ дорем. Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим низ бояд хуб ба роҳ монда шавад. Ин усул моро водор месозад, ки дар ҷараёни ҳар як машғулият технологияи навро истифода барем. Барои ноил шудан ба сифати баланди таълим шароити мусоид фароҳам овардан лозим аст. Техника ва технологияи иттилоотӣ, махсусан, шабакаи интернет барои ҷаҳонбинии хонандагон нақши муҳим мебозад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (мултимедия, видеотасвирҳо, тахтаҳои электронӣ ва ғайра) имконият медиҳад, ки раванди дарс аёнӣ шавад, дараҷаи фаҳмо будани он афзояд. Хонандагон дар чунин шакли гузариши дарс ҳам мебинанд, ҳам мешунаванд ва ҳам менависанд, ки ин барои ҳарчи зудтар аз худ намудани мавзуъ натиҷаовар мебошад.

Технологияи иттилоотӣ ҳамчун маводи ёрирасон барои аз худ намудани мавзуъҳои нав барои омӯзгорон хеле муфид аст. Махсусан, барои омӯзгорони фанҳои техникӣ. Тавассути технологияи иттилоотӣ метавон донишҷӯён ва хонандагонро бо мавҷудоти зиндаи табиат ошно сохт. Технологияи иттилоотӣ дар ҳамбастагӣ бо методҳои маъмулии таълим имкон медиҳад, ки омӯзгор маҳорати таҳқиқиву малакаи эҷодиро дар ниҳоди донишҷӯён ва хонандагон бедор намояд ва муҳити солими психологиро таъмин созад.




Омӯзиши технологияи иттилоотӣ дар гузаронидани машғулиятҳо қадамест, ки дар бедор намудани майлу рағбат ба донишомӯзӣ ва кӯшиши бедор намудани мақсади омӯзиш дар хонандагон саҳми арзанда дорад.

Яке аз афзалиятҳои муҳимми истифодаи компютер дар дарсҳои амаливу лабораторӣ имконияти истифодаи он дар ҳалли масъалаҳост. Дар дарсҳои амалӣ устод дар баробари истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни дарс бо истифода аз забонҳои алгоритмӣ, яъне забонҳои барномасозӣ, барномаи ҳалли масъаларо бояд дар компютер сохта нишон диҳад. Дар ин раванд донишҷӯ ҳам роҳҳои ҳалли масъала ва ҳам роҳҳои таҳиякунии барномаҳои ҳалли масъалаҳои гуногунро аз худ менамояд. Истифодаи тахтаи электронӣ дар ин самт бисёр қулай буда, имконият медиҳад, ки донишҷӯён ба таври муайян раванди гузаштани дарсҳо ва ҳалли амалии масъалаҳоро аз ибтидо то интиҳо мушоҳида намоянд. Ин ҷиҳатҳои психологӣ – педагогӣ дошта, рағбати донишандӯзонро нисбат ба омӯзиши фанҳои тахассусӣ ва дигар фанҳо меафзояд.

Истифодаи технологияи иттилоотӣ – коммуникативӣ: компютер, камера, фитаҳо, дастгоҳҳои видеоӣ ва шунавоӣ, ки дар аксари муассисаҳои таълимӣ ба раванди таълим дохил гардидаанд, ҷараёни таълимро фаъол ва мустақил мегардонанд. Дар ин ҷараён аз омӯзгор танҳо таҷрибаи кофии техникӣ, маҳорат ва интихоби дурусти яке аз васоили техникӣ дар дарсҳо талаб карда мешавад. Роҳҳои истифодабарии тахтаҳои электронӣ пас аз ошноӣ бо компютер ва истифодаи он мақоми хоса дорад, нақши фаъол мебозад. Хонандагон бояд донанд, ки тахтаи электронӣ – экрани калон, муъҷизоти технологӣ буда, он тавассути компютер ва проектор фаъол мегардад. Ҳангоми доир намудани чорабиниҳо, аз қабили конференсияи хонандагон, семинару машваратҳо, мизи мудаввар ва ғайра метавон аз тахтаи электронӣ пурсамар ва бомақсад истифода намуд. Раванди корӣ ва фаъолсозии ин таҷҳизот аз он иборат аст, ки маводи лозима дар компютер ҷой дода шуда, тавассути дархост аз компютер ба проектор равона карда мешавад. Сипас аз ҷониби проектор ин мавод ба тахтаи электронӣ равона ва пахш мегардад. Омӯзгорон хуб медонанд, ки маводи лозима дар компютер пурра сабт шуда, пас он ба проектор интиқол меёбад. Хонандагон бояд ин ҷараёнро хуб донанд ва дар доирсозии чунин чорабиниҳо худашон дастгоҳҳоро идора карда тавонанд.

Машҳуртарин сервиси шабакаи байналмилалӣ, ки иттилооту коммуникатсияро интиқолу пахш менамояд, ин Интернет ва почтаи электронӣ аст. Хонандагон пас аз ошноӣ бо дастгоҳҳои фаннӣ, тарзи истифодаи компютер, инчунин, метавонанд бо шабакаи интернет пайваст шуда, дар омӯзиши ҳар фанне, ки шавқу рағбаташон ба он зиёд аст, маводи иловагӣ дастрас намоянд. Албатта, вазифаи ҳар омӯзгори фаннӣ ва коллективҳои педагогӣ иборат аз он аст, ки ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии истифодаи интернет ва почтаи электрониро ба хонандагон фаҳмонанду шарҳу тафсил диҳанд.

Ҳадафи асосии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди машғулиятҳо он аст, ки мо ҷавонони болаёқатро дар соҳаи технология пайдо намуда, фаъолгардонии раванди таълимиро бо истифодаи технологияи замонавӣ ба роҳ монем.

***Мадинахон САТТОРОВА,***
***омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Гулистон***

*Кӯтаҳбаёнӣ хоҳари истеъдод аст.*
*Антон Чехов*

«Омӯзгор»
№12-13, 20 марти
соли 2024

ЗАБОНОМӮЗӢ

***Тадқиқи ибораҳои феълӣ дар забонҳои англисӣ таърихи дуру дароз дорад. Чи дар забоншиносии умумӣ ва чи дар забоншиносии ҷузъӣ, аз ибтидо масъалаи омӯхтани ибораҳои феълӣ дар ҳар ду забони муқоисашаванда дар маркази диққати олимон қарор дошт.***

# Ибораҳои феълии забони англисӣ

Ибораҳои феълии синтаксисиро на фақат аз рӯи сохт, инчунин, аз рӯи маъно ҳам таҳқиқ мекунанд. Моҳияти грамматикии ибораҳои феълӣ махз дар ягонагии сохту маънои он зоҳир мегардад. Ташкили ибораҳои феълӣ на танҳо ба хусусияти морфологии ҷузъи асосӣ ва ҷузъи тобеъ, инчунин, ба




хусусияти луғавии онҳо пайвастагии қавӣ дорад. Хусусияти луғавию грамматикии ҷузъҳо яке аз омилҳои асосии сохта шудани ибора мебошад. Дар ташкили ибора, на фақат сохти морфологии калимаҳо, ки барои муносибат пайдо кардан воситаи муайяни алоқаи синтаксисӣ талаб мекунад, маънои луғавии калимаҳо низ мақоми бузург дорад. Ибораҳои феълӣ дар забони англисӣ дар нутқи ҳаррӯзаи соҳибзабонон зиёд дида мешаванд. Баъзе калимаҳои сода ҳангоми илова кардани пешояндҳо ва зарфҳо маъноҳои гуногун медиҳанд, ки ин қариб дар забони тоҷикӣ дида намешавад. Масалан:

1. **Get along/on** - Умр ба сар бурдан, соз будан, ба муваффақият ноил шудан.
2. **Get about** - Паҳн / пароканда шудан, беҳтар шудан.
3. **Get off** - Баромадан, берун омадан, ба роҳ баромадан, берун шудан.
4. **Let down** - Ба поён овардан ва ё ба поён бурдан, фиреб додан, дучори вазъи ногувор кардан.
5. **Let off** - Сар додан, ҷавоб додан, озод кардан.
6. **Put out** - Баровардан, дароз кардан, хомӯш кардан, нороҳат кардан.
7. **Put on** - Либос пӯшидан, изофа кардан.
8. **Put up with** - Тоб овардан, бардошт кардан, таҳаммул кардан.

Таъкид кардан лозим, ки ибора ва калимаи мураккаб аз рӯйи маъно ва вазифа монанд шаванд ҳам, дар байни онҳо аломати баробарӣ гузоштан мумкин нест.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ибораҳои феълии забони англисӣ бо пешоянду пасоянд ва зарф дар он аст, ки дар забони тоҷикӣ ҳангоми гирифтани ин воситаҳои грамматикӣ ибора метавонад маънои худро нигоҳ дорад ва дарки он хеле осон мебошад, вале ин дар забони англисӣ тамоман дигар аст. Ҳангоми иштироки чунин воситаҳои грамматикӣ ибораҳо маъноҳои худро гум карда, маъноҳои мухталифро нишон медиҳанд, ки фаҳмиданашон бидуни фарҳангҳои дузабона хеле душвор буда, боз баъзеи инҳо маъноҳои ибораҳои рехтаро нишон медиҳанд. Чунончи:

**Take the piss out of** - Касеро масхара кардан.
**Strike sparks out of** - Иттилои муҳим даровардан.
**Speak highly of** - Сутудан, таъриф кардан.
**Sit down strike, stay in strike** - Корпартоии итолиёвӣ.
**Fall short of accepted standartds** Ба меъёрҳои қабулшуда мувофиқат накардан.
**Much under the standard of** - Пайрави касе будан.
**Make a stand for somebody or something** - Ба тарафдории касе ва ё чизе сухан кардан.
**To take / get the right sow by the ear** - Ба чизе / шахси даркорӣ ҳуҷум кардан, ба ҳадаф расидан.

Ибораҳои рехта дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хеле сершумор буда, доираи омӯзишашон ҳам фарох мебошад. Ин намуди ибораҳо, мушобеҳ ба гурӯҳи зарбулмасалҳоянд.

Таваҷҷуҳи забоншиносон ба ибораҳои феълӣ торафт меафзоянд. Дар солҳои охир ба вуҷуд омадани миқдори зиёди асарҳо, мақолаҳо ва навиштани асарҳои илмӣ оид ба ибораҳои феълӣ дар забонҳои гуногун далели гуфтаҳост.

*Диловар САЪДУЛЛОЕВ,*
*омӯзгори МТМУ №8 -и*
*ноҳияи Данғара*

ТАЪЛИМ

# Бозӣ ва инкишофи зеҳнии кӯдак

***Таърихи пайдоиши бозиҳо тӯлонию ҷолиб аст. Аввалин бозии компютерӣ, ки онро инсон ба вуҷуд овард «Tennis for two» - теннис барои ду нафар номгузорӣ шуда буд. Бозии мазкур соли 1967 аз тарафи барномасози олмонӣ Ралф Байер сохта шуда, аз таҷриба хуб гузашта буд. Имрӯз дар олам миллионҳо намуди бозӣ вуҷуд дорад.***

Ба вуҷуд овардани ягон намуди бозӣ дар рафти дарс ба қобилияти омӯзгор вобаста буда, ташкили он (яъне бозие, ки ба дарс мувофиқ аст) дарси омӯзгорро интизор шудани хонандагонро ба вуҷуд меорад. Ҳангоми ташкили бозӣ хоҳ нохоҳ дарс ба хонанда писанд меояд. Ҳатто хонандае, ки нисбат ба дигарон дараҷаи азхудкунии суст дорад, мехоҳад дар бозӣ пешсаф бошад. Ба воситаи бозӣ мо метавонем диққат ҳамаи хонандагонро ба дарс ҷалб намоем, мақсадхое, ки пеш аз ташкили дарс гузошта будем, ноил гардем, муваффақ шавем, табассуми зебои кӯдаконро дар лаб бинем…



Барои мисол, бозии ивазкунии ҷойи ашё, бозии зудёбак, бозиҳо бо имову ишора, бозии «Ҳа» ё «Не», бозии «Чароғаки роҳнамо» ва ғайраҳо ҳамчун намуна меорем.

Аз рӯйи хусусиёти равандӣ педагогӣ гурӯҳҳои зерини бозиҳо ҷудо карда мешаванд:

А) Тарбиявӣ, назоратӣ
Б) Маърифатӣ, тарбиявӣ-инкишофӣ;
В) Репродуктивӣ, созандагӣ;
Г) Коммуникативӣ, диагностикӣ ва ғ.

Бозиҳо лаёқату диққат ва маҳорати кӯдаконро инкишоф медиҳанд. Олимон иброз медоранд, ки кӯдакон пас аз бозӣ кардан, зудтар мехонанд, чизҳои хондаашонро тезтар аз худ мекунанд, асбобу анҷоми худро ҳифз карданро меомӯзанд, аз ичрои вазифаҳои мураккаб зуд баромаданро меомӯзанд ва аз пайи дарёфти роҳи ҳалли мушкилот мешаванд.

Баҳогузорӣ дар рафти бозӣ бо чандин роҳ ба амал бароварда мешавад, аммо аз ҳама баҳои муҳим аз уҳдаи бозӣ баромадани кӯдак аст. Яъне, агар кӯдак ҳамон бозиеро, ки шумо фаҳмонидед, пеш аз оғоз кардан бечунучаро иҷро кард, ба баҳои арзанда сазовор мегардад. Ҳар як бозӣ дорои қоидаи ба худ хоси баҳогузорӣ аст, барои мисол: дар бозии «Ҳа» ё «Не» - омӯзгор ба кӯдак савол медиҳад, дар ҷавоб бояд кӯдак калимаҳои «Ҳа» ё «Не»-ро истифода набарад. Ё дар бозии ивазкунии ҷойи ашёҳо – дар рӯйи миз омӯзгор лавозимоти дарсиро алоҳида мегузорад, кӯдак чашми худро ба муддати бист сония мепӯшад ва омӯзгор ҷойи якчанд ашёро иваз мекунад. Вобаста ба фаъолнокӣ, ҷавобҳои дуруст, холҳои зиёд ва дигар унсурҳо ба кӯдак баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

*Умедбахт ҲОҶИБЕКОВ,*
*директори муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии «Афсона»,*
*ноҳияи Зафаробод*

МАЪРИФАТ

# Ҷавҳари хирад

Китоб махсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок гардидани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандонию суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ месозад. Ба шарофати китоб инсон донишвар мешавад. Фақат дониш аст, ки метавонад ҳамзамон бо дарки ҳақиқат, роҳкушои мушкилот ва воситаи барканор кардани сабабҳое бошад, ки дар ҳаёти ҷомеа монеа ба вуҷуд меоранд.



Тоҷикон баъди ба дунё омадани кӯдак дар зери болинаш китоб мегузоранд, то ӯ соҳиби саводи кофӣ гардад. Инчунин, дар пештоқи хонаҳо гузоштани китоб расми деринаи мардуми сарбаланди мост. Яъне, рӯй овардан ба китоб соҳиб шудан ба олами маънавиёт аст. Зеро соҳибхирад ва муваффақ гардидан дар зиндагӣ, доштани сатҳи ҷаҳонбинии васеъ махз дар натиҷаи мутолиаи китоб ба даст меояд.

Мутаассифона, баъзе волидон ба забономӯзӣ ва таълиму тарбияи фарзандонашон, аз ҷумла, ба фароҳам овардани шароити мусоид ба китобхонии онҳо диққат намедиҳанд. Бештари онҳо ба қонеъ намудани талаботи нафсии фарзандон дода шуда, ба харидории китоб, ҷалби фарзандон ба китобхонӣ, ҳавасманд гардондани онҳо ба озмунҳо беаҳамиятӣ зоҳир мекунанд. Таълиму тарбияи фарзанд муҳимтарин вазифаи падару модар аст. Дар муҳити хонавода шахсияти кӯдак рушд мекунад. Аз ин сабаб, волидайни бомаърифат бояд ба рушди маърифати ҳуқуқии фарзандони худ пайваста аҳамият диҳанд. Вақтҳои охир дур шудани хонандагону донишҷӯён аз китобхона ба мушоҳида мерасад. Имрӯз фурсате фаро расидааст, ки бо истифода аз имкониятҳо ва шароити мусоид ҳар як фарди бедордил ҷиҳати саҳмгузор будан ба пешрафти ҷомеа, шуруъ аз оила то кӯдакистону мактаб ва мактабҳои олӣ, барои таълиму тарбияи насли нав диққати ҳамаҷониба равона созад.

*Мунзифа ПӮЛОТОВА,*
*мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров,*
*дотсент*

Дар ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тақсимоти пешакии хатмкунандагони равияи омӯзгорӣ гузаронида шуд.

МУШКИЛОТ

# Барномаи давлатӣ иҷро намешавад? Чаро?

***Шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб дар асоси нақшаи чорабиниҳо вобаста ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №114 «Дар бораи Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» корҳои муайянеро ба сомон расонидааст.***



Дар давоми солҳои 2021-2023 дар муассисаҳои таълимии шаҳр тибқи нақша бояд 3 адад озмоишгоҳ ва 98 адад кабинети фаннии муҷаҳҳази таълимӣ ташкил карда мешуд. Ҷиҳати амалишавии барномаи мазкур бо ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ дар назди муассисаи таълимии №46 1 кабинети технологияи иттилоотӣ ва 1 кабинети физика таъсис дода шуд. Ҳамчунин, дар назди муассисаҳои таълимии №43 ва №19 2 кабинети технологияи иттилоотӣ, 2 кабинети технологияи меҳнат (писарона ва духтарона), 1 кабинети технологияи иттилоотӣ ташкил шуд, ки иҷрои нақшаро дар соли 2021 21% таъмин намуд. Дар соли 2022 бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти Кӯлоб 1 кабинети физика, 2 кабинети математика ва 12 кабинети технологияи иттилоотӣ таъсис дода шудааст, ки иҷрои нақшаро 41% таъмин намуд. Дар соли 2023 дар назди муассисаҳои таълимӣ 3 озмоишгоҳи фанҳои химия, физика ва биология таъсис дода шуд.

Дар давоми соли гузашта 16 кабинети фаннӣ мавриди истифода қарор гирифт. Бояд зикр намуд, ки дар давоми соли 2021-2023 бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 адад кабинети муҷаҳҳази фанҳои физика, химия, биология, математика, суруд ва мусиқӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шудааст. Дар соли таҳсили 2023-2024 харидории 30 адад кабинети фаннии муҷаҳҳази таълимӣ ба нақша гирифта шудааст ва то имрӯз бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 адад кабинети муҷаҳҳази фанни физика, 2 адад химия, биология, суруд ва мусиқӣ дар назди муассисаҳои таълимии №№1,3,14,20 ва 51 ташкил карда шудааст. Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Восеъ давоми солҳои 2021-2025 тибқи нақша бояд 3 адад кабинет - озмоишгоҳи муҷаҳҳази таълимӣ ва 217 адад кабинет фаннии муҷаҳҳази таълимӣ таъсис дода шавад. Мутаассифона, то имрӯз аз тарафи раёсати молия барои амалӣ намудани бандҳои барномаи мазкур ягонхел маблағ ҷудо нагардидааст. Қобили қайд аст, ки дар муассисаҳои таълимии ноҳия иҷрои барномаи мазкурро танҳо бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибкорони маҳаллӣ амалӣ намуда истодаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Фархор давоми солҳои 2021-2025 тибқи нақша бояд 3 адад озмоишгоҳи муҷаҳҳази таълимӣ ва 217 адад кабинети фаннии муҷаҳҳази таълимӣ таъсис дада мешуд. Дар соли 2021 дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия озмоишгоҳҳои фаннӣ ва кабинети таълимӣ аз фанҳои дақиқ (физика, химия, биология, география, математика, технологияи информатсионӣ ва экология) таҷҳизонида шуданд. Давоми соли 2022 дар ноҳияи Фархор 8 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ташкил карда шудааст. Бо маблағгузории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таълимии №№2,10 ва 4 кабинетҳои физика, химия, биология ва технологияи информатсионӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамони техникӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ таъмин карда шудаанд.

Аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ барои харидорӣ намудани воситаҳои навини техникӣ ба муассисаҳои таълимии ноҳия соли таҳсили 2022-2023 ягон сомонӣ маблағ ҷудо нагардидааст. Дар татбиқ намудани ҳадафҳои барнома соҳибкорони маҳаллӣ намунаи ибратанд. Аз тарафи хатмкунандагони мактаби №4 бо маблағи 25000 сомонӣ ба муассиса 1 адад тахтаи электронӣ ва 10 адад компютер харидорӣ карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки нарасидани воситаҳои аёнӣ ва техникӣ аз ҷудо нагардидани маблағи зарурӣ дар қисми зиёди муассисаҳои таълимии ноҳия ба миён меояд. Ҳатто дар муассисаҳои таълимии №№22,25 ва 35 умуман ягон кабинети ҷиҳозонидаи таълимӣ вуҷуд надорад. Дар ноҳияи Ховалинг «Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» суст ба роҳ монда шудааст. Дар солҳои 2021-2023 дар муассисаҳои таълимии ноҳия бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 кабинети фанни физика, 2 кабинети фанни химия, 5 кабинети биология, 5 кабинети технологияи иттилоотӣ, 5 кабинети лингофонӣ ва 2 озмоишгоҳи фанни биология таъсис дода шудаасту халос.

Аз ин рӯ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлобро зарур аст, ки баҳри иҷрои барномаи давлатии мазкур тамоми заминаву шароити заруриро фароҳам оварда, камбудиву нуқсонҳои ҷойдоштаро ҳарчӣ зудтар бартараф созанд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

РОБИТАИ МАКТАБ ВА ОИЛА

# Корҳои тарбиявӣ ва сифати дониш

***Дар ниҳоди кӯдак парваридани ҳисси ҳурмату эҳтиром ба падару модар, устодон, атрофиён, дар бедор намудани шавқу завқ ба омӯхтани дониш, дарки Ватану ватандорӣ, эҳсоси раҳму шафқат ба маъюбону дармондагон натиҷаи мусбати корҳои тарбиявист. Имрӯз миёни баъзеҳо ақидае роиҷ аст, ки тарбия вазифаи падару модар буда, вазифаи мактаб танҳо таълим додан аст.***

Шояд ба як чизи одӣ диққат надодаем: хонандаеро, ки аз ҳурмату адаб дур аст, чӣ тавр метавон таълим дод? Дигар, на ҳамаи падару модар аз уҳдаи тарбия баромада метавонанд, масалан, одаме, ки худ чӣ будани тарбияро намедонад, чӣ хел фарзандашро тарбия мекунад? Ё фарде, ки аз саҳар то бегоҳ дар бозор ё дар кор аст, метавонад, ин корро анҷом диҳад? Афзалияти омӯзгор дар кори тарбиявӣ ин аст, ки ӯ педагогикаю психология ё худ илми тарбияро омӯхтааст. Аз ҷониби дигар, дар мактаб аввал ба хонанда одоби шину хез, рафтору кирдорро меомӯзанд, ки ин аллакай тарбия аст. Тарзи муносибат бо ҳамсинфон, одоби гуфтор бо омӯзгорон, рафтор дар кӯчаро ёд медиҳанд, ки ҷуз тарбия чизи дигаре нест.

Барои ҳамин вақте кӯдак ба остонаи мактаб қадами аввал мегузорад, нахуст ӯро ҳурмату адаб меомӯзанду баъд ба таълим мегузаранд. Масалан, ба бачае, ки ҳоло усули нишастан дар синфро надидаасту намедонад, чӣ тавр таълим додан мумкин? Аз ин рӯ, таълиму тарбия дар мактаб баробар пеш бурда мешаванд.

Ёд дорам, замони мактабхонии мо анъанае вуҷуд дошт: рӯзҳои муайян - пешину бегоҳ омӯзгорон хона ба хонаи хонандагон мегаштанд, то воқиф шаванд, ки шогирди онҳо ба чӣ кор машғул аст. Ҳамин тавр, муайян мегардид, ки кадоме аз хонандагон ба дарстайёркунӣ машғул асту кадоме не. Ин усул таъсири аҷибе дошт, хонандаи бадхон ҳам кӯшиш мекард, ки бегоҳиҳо китоб ба даст гирад, то дар назди омӯзгорон, бахусус, падару модараш дар хиҷолат наафтад. Дар зимн, миёни падару модар, омӯзгорон, хоса, роҳбарони синф доир ба масъалаҳои таълиму тарбия, одобу омӯзиши фарзандон суҳбату мубоҳисаҳо ба вуқуъ пайваста, муҳокимаҳо сурат мегирифтанд. Албатта, падару модар ҳам дар канор намемонданду ба хонишу одоби фарзандаш шавқманд мегаштанд, нофаҳмиҳо ҳам аз миён бардошта мешуданд. Ин анъана чунон таъсирбахш буд, ки падару модар ҳар ташрифи омӯзгоронро бесаброна интизор мешуданд ва аз омадурафти бисёрашон дигар онҳоро чун хеши наздик қабул мекарданду аз омаданашон сидқан хурсанд мешуданд.



Шояд дар замони мо ин усул дигар кор наояд, аммо ин усули тарбия ва таълим бисёр пурсамар ва натиҷабахш буд. Ба ҳадде нуфуз дошт, ки дар деҳа ва мактаб қариб ҳамаи мардум хонандаҳои аълохону бадхон, шогирдони хушрафтору бадрафторро ном ба ном медонистанд...

Бояд ҳама хуб донем, ки дар тарбия ва таълими дурусти хонанда мактабу падару модар бояд иртиботи наздик дошта бошанд, зеро "садо аз ду даст" мегӯянд. Сифати дониш ҳамон вақт беҳбудӣ меёбад, ки дар баробари дигар корҳои тарбиявӣ бо падару модар робитаи наздик пайдо кунем.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,***
***"Омӯзгор"***

САНҶИШИ ҚАЛАМ

# Омӯзгори нававар



Беш аз сӣ сол аст, ки Файзигул Давлатшоева дар мактаби зодгоҳаш-деҳаи Оби Шифои ноҳияи Рӯдакӣ омӯзгор аст ва ба шогирдон аз фанни технология дарс мегӯяд. Омӯзгори фаъолу тозакор ва навовар асту пайваста усулҳои самарабахши таълиму тарбияро истифода менамояд, ҷонибдору татбиқгари усули таълими босалоҳият мебошад. Мекӯшад, ки шогирдонаш аз хурдӣ ба касбу ҳунар дилбастагӣ пайдо кунанд, асосҳои пешаи писандидаашонро биомӯзанд. Омӯзгор Ф. Давлатшоева иштирокдори озмуни «Омӯзгори сол» дар соли равон мебошад. Ӯ моҳи августи соли гузашта дар ҳайати намояндагони Тоҷикистон дар Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Қазоқистон дар шаҳри Чимкент намунаҳои ҳунарҳои миллии тоҷиконро намоиш дод.

Файзигул Давлатшоева ба шеъру шоирӣ меҳру таваҷҷуҳи зиёд дорад ва фориғ аз машғулиятҳои расмиаш машқи шеър мекунад, навиштаҳояш ҷолибу дилчаспанд. Шеъри «Куртаи чакан» собитгари ин гуфтаи мост.

**КУРТАИ ЧАКАН**

*Бонуи зебо ба тан дорад чакан,*
*Дар миёни анҷуман дорад чакан.*
*Куртааш пайғом орад аз баҳор,*
*Бингарӣ, зардӯзиҳояш бешумор.*
*Ғарқи гул бону дар он гардидааст,*
*Чун ниҳоли гулфишон гардидааст.*
*Дар чакан ҳар нақш бошад дилпазир,*
*Нақшҳои пурҷилою беназир.*
*Духтари тоҷикро зебанда он,*
*Рамзи бахту хуррамии ҷовидон.*

***Қурбонбӣ ЁФТАКОВА,***
***омӯзгор, ноҳияи Рӯдакӣ***

**Дастовардҳои Тоҷикистон оид ба иҷрои Ҳадафҳои Рушди Устувор дар Женева муаррифӣ шуданд.**

21-УМИ МАРТ – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

# Аз оташу обу боду хокем

***Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон вобаста ба об мавриди дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифтаанд, ки ин амр дар афзудани обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим бозидааст.***



Зикри ин нукта ҳам бамаврид аст, ки дар рафти татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон шаҳри Душанбе маркази ҷаҳонӣ оид ба баррасии масъалаҳои марбут ба об эътироф гардидааст.

Кишвари мо тайи зиёда аз ду даҳсола масъалаҳои марбут ба обро дар сатҳи ҷаҳонӣ пеш мебарад. Бо ибтикори ҷониби Тоҷикистон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об қатънома қабул намуд. Ибтикори мазкур боис гардид, ки кишварҳои аз лиҳози ҷуғрофӣ, рушди иқтисодӣ ва фарҳангу забон гуногун ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои марбут ба об кӯшишҳои муштарак ба харҷ диҳанд. Маҳз ба шарофати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавзуи об ба рӯзномаи байналмилалии масъалаҳои ҳалталаб дохил гардид. Муҳим он аст, ки ин ташаббуси наҷиб аз ҷониби Роҳбари кишваре зоҳир гардид, ки собиқаи начандон тӯлонии узвият дар СММ-ро дорад.

Роҳбари давлат ба дастовардҳои дар ин самт ноилгардида иктифо накарда, ташаббускориро вобаста ба масоили об тавсеа бахшиданд. Мунтазам ва бо далелҳои асоснок ба самъи ҷомеаи ҷаҳонӣ расониданд, ки бар асари таъсири тағйирёбии иқлим имрӯз зиёда аз 50 дарсади аҳолии ҷаҳон бо мушкилии норасоии об рӯ ба рӯ гардида, биёбоншавӣ, афзудани офатҳои табиӣ вобаста ба об ва ғайраҳо, ки ба захираҳои обӣ ва сифати он таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ тадбирандешии бетаъхирро тақозо мекунанд.

Илова ба ибтикороти зикршуда, Пешвои миллат бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар низоми қонунгузории мамлакат низ ислоҳоти ҳуқуқӣ гузарониданд. Мавриди амал қарор гирифтани Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов», «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об», «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025», «Барномаи беҳсозии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020» ва «Барномаи давлатии аззудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027» самараи ислоҳоти мазкур мебошанд.

14-уми декабри соли 2022 рӯйдоде ба вуқӯъ пайваст, ки бори дигар дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи хос ва мақому манзалати беҳниҳоят баланд доштани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро собит кард. Манзур бо иттифоқи оро дастгирӣ ёфтани ташаббуси панҷуми Пешвои миллат вобаста ба масоили об мебошад. Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-ум қатъномаи соли 2025 - «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ қабул кард.

Ба шарофати ташаббусҳои Роҳбари мамлакати мо аҳли сайёра мутмаин шуданд, ки бояд вобаста ба об дидгоҳи наве дошта бошанд, то дурнамои рушди захираҳои онро инъикос намуда, ҳамзамон, ба таҳкими нақши захираҳои оби тоза дар рӯзномаи баъдинаи ҷаҳонӣ мусоидат кунанд.

*Амрохон ҚАЛАНДАРОВ,*
*омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб*

ОСОРИ БЕЗАВОЛ

***Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба ҳама мавзуъҳои замонааш диққат дода, онҳоро хеле хуб ҳаллу фасл намудааст. Яке аз мавзуъҳои меҳварии ин асари безавол ситоиши хирад ва мавқеи он дар ҳаёти ҷомеа мебошад.***

# «Шоҳнома» хирад аст

Шоир чун мутафаккири замони худ қудрати инсон ва рушду такомули ӯро дар омӯзиши илму дониш ва хиради азалии ӯ дониста, мегӯяд:

*Хирад раҳнамою хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.*

Шоир хирадро раҳнамои инсон ба сӯйи бахту саодат ва фардои дурахшон медонад ва меафзояд, ки хирад боиси саодатмандии инсон дар ҳарду олам мебошад.

Хирад дар тасвири шоир афсари подшоҳону шаҳриёрони ҳама давру замон буд ва ҳаст ва адлу адолати шоҳонро шоир дар хирадву дониши онҳо дида мегӯяд:

*Хирад афсари шаҳриёрон бувад,*
*Хирад зевари номдорон бувад.*

Ва ҷойи дигар шоир ба гуфтору ситоиши хирад гузашта, мефармояд:

*Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,*
*Хирад мояи зиндагонӣ шинос.*

Шоир панд медиҳад, ки бояд инсони комил ҳамеша нармгуфтору нармсухан ва дур аз ҳама амалҳои бад бошад:

*Хирадманд бошу беозор бош,*
*Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.*

Зеро ки инсони саркашу тундхӯ ва ҷоҳил ба ҷое нарасидааасту намерасад:

*Набардоштанд аз касе саркашӣ,*
*Ба тезиву тундиву бедонишӣ.*

Ҳакими тӯсӣ бар ҳама табақаи ҷамъият панд дода мегӯяд, ки инсон бояд пайваста аз пайи илму дониш бошад:

*Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,*
*Аз омӯхтан як замон нағнавӣ,*

Дар байти дигар шоир инсони бе илму донишро танқиду мазаммат намуда, менависад:

*Касе, к-ӯ хирадро надорад зи пеш,*
*Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.*

Шоир дар «Шоҳнома» хираду донишро ситоиш намуда, бад-он кӯшидааст, ки симоҳои қаҳрамонҳои асарашро ҳамаҷиҳата зебою хотирмон офарад. Симоҳои Рустам, Суҳроб, Исфандиёр, Сиёвуш, Тӯсу Баҳром ва дигар қаҳрамонҳои мусбати «Шоҳнома» ҳама дар баробари ватандӯсти асил буданашон боз мардони боилму дониш ва дорои хиради баланд мебошанд.

*М.ОРИФЗОДА,*
*мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ*

ТАНДУРУСТӢ

# Солимии бадан солимии зеҳн аст

**Дар раванди таълиму тарбия яке аз масъалаҳои муҳим дар замони муосир беҳдошти гигиенӣ ва саломатии мактабиён ба шумор меравад. Бо ин мақсад дар муассисаҳои таълимӣ барномаи махсус ва дастури «Тарзи ҳаёти солим» ба роҳ монда шудааст, ки омӯзгорон тибқи он ба хонандагон машғулиятҳои алоҳида мегузаронанд. Дар вокеъ, солимии хонандагони таълимгоҳҳо аз омилҳои зиёде вобастагӣ дорад ва пайваста ба варзиш ва тамрин машғул шудан яке аз ин омилҳост.**

Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ҳанӯз дар замони ҳукмронии сулолаи Сосониён ба масъалаи варзиш ва беҳдошти гигиениию обутоб додани бадан таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд. Дар дабистонҳо машғулиятҳои гуногуни варзишӣ, аз қабили камонварӣ, гурзпартоӣ, шиноварӣ, аспсаворӣ, тирандозӣ, гӯштин, чавгонбозӣ, давидан ба масофаҳои муайян ва ғайра омӯзонида мешуданд.

Қавию нерӯманд будани организмро дар масъалаи омӯзиши илмҳои гуногуни замон олимону донишмандони барҷастаи форсу тоҷик дар осори худ ба таври илмӣ шарҳу тавзеҳ додаанд. Аз ҷумла, Абуалӣ ибни Сино дар асари гаронмояи худ «Тадобири манзил» омилу хусусиятҳои тарбияро вобаста ба марҳалаҳои синнусолии фарзанд таҳлилу баррасӣ ва усули шеваҳои рушди ҷисмию руҳии ӯро баён намудааст. Заминаи асосии рушди солимии кӯдак, албатта, ғизои хуб ба ҳисоб меравад. Организми насли наврас ҳамарӯза ба хӯрокҳои болаззату серғизо ниёз дошта, неруи ақлонию зеҳнии ӯ аз ғизои хуб сарчашма мегирад.

Тозагии ҷисм, беҳдошти гигиенӣ бояд пайваста дар мадди назари волидон ва омӯзгорон қарор дошта бошад. Ба ин хотир, ҳам дар хона ва ҳам дар мактаб ба тарбияи бадан ва машқҳои пагоҳирӯзӣ машғул шудани хонандагон муҳим мебошад. Варзиш ба мустаҳкаму қавӣ гардидани ҷисм мусоидат карда, наврасро аз одатҳои ногуворе, амсоли танбалӣ, хоболудӣ, парешонхотирӣ, заъфу сустии бадан ва ғайра раҳоӣ мебахшад. Сабаби асосии ба миён омадани бемориҳои гуногун маҳз аз камҳаракатӣ, сустии аъзои бадан, пурхӯрӣ ва бисёр хоб рафтан мебошад. Ба ҳукмиюносу корманди тиббии муассисаҳои таълимӣ лозим аст, ки дар асоси нақшаи махсус ҳамарӯза бо хонандагони ҳар як синф суҳбатҳо ороста, аз вазъи сиҳатию руҳии онҳо хабардор гарданд. Сабабу омилҳои ба дарсҳо дер мондан, камтар таваҷҷуҳ кардан ба таҳсил, коҳилию бепарвоии хонандагони алоҳидаро таҳлил ва натиҷагирӣ намоянд. Маъмурияти таълимгоҳҳо бояд ба хӯрокҳои таҳиянамудаи ошпазҳо дар ошхонаҳои мактабӣ назорат кунанд. Хӯрокҳо бояд серғизо, болаззат, гуногун ва дар сатҳи ҷавобгӯ ба завқи мактабиён тайёр карда шавад.

*Марҳабо НИЗОМОВА,*
*омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор*

ТОЗАНАШР

# Ҳадяи наврӯзӣ




Мижгона Халилзода аз зумраи нависандагони ҷавони умедбахшест, ки бо иншои ҳикоёту қисса ва филмномаҳои худ дар байни навқаламони шинохтаву эътироф гардидааст. Ҳикояҳои Мижгона бо номҳои «Намакфурӯш», «Мӯзаҳо», «Дили модар», «Рашк»..., инчунин, қиссаҳои марғубаш, ки аз ҳаёти мактабиён нақл мекунанд, кайҳо писанди ҳаводорону мухлисони адабиёт гардидаанд. Дар арафаи иди Наврӯз нахустин китоби нависандаи соҳиблаёқат таҳти унвони «Рӯбоҳбача» ба нашр расид, ки барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳадяи хубе мебошад. Дар қисса дар хусуси Собир ном наврасе сухан меравад, ки хушахлоқу поквиҷдон ва меҳнатдӯст буда, фармудаҳои волидонашро сари вақт иҷро менамояд. Собир барои овардани ҳезум ба кӯҳ меравад ва тасодуфан зери буттае рӯбоҳбачаеро дучор мешавад.

Маълум мегардад, ки рӯбоҳак танҳо ва бенигоҳубин мондааст. Собир ҳарчанд интизорӣ мекашад, аз рӯбоҳоча дарак намешавад. Аз ин хотир, Собир рӯбоҳакро ба хонаашон меорад ва онро «Зардак» меномад. Падару модари Собир аз ин амали писарашон ибтидо норозӣ мешаванд, вале меҳру муҳаббати ӯро ба ин ҷонвар мушоҳида карда, барои нигоҳубини рӯбоҳак монеъ намешаванд. Воқеаҳои минбаъдаи асар ба амалҳои Собир, муносибати ӯ бо рӯбоҳак, эътирози баъзе ҳамсояҳои тангназар, аз қабили Зайнаби ҷанҷолӣ ва амсоли инҳо тавъам сурат мегирад.

Қиссаи «Рӯбоҳак» шавқовар, пурмоҷаро ва хондани буда, дар тарбияи завқи хонандагони наврас нисбат ба китобу мутолиа аҳаммияти вижаро доро мебошад.

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»*

**Наврӯзи байналмилалӣ дар шаҳри Вена таҷлил гардид.**

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ

# Ситораи дурахшони физика

***Математик, астроном, физик, механики барҷастаи англис, асосгузори механикаи классикӣ, яке аз бунёдгузорони физикаи классикӣ Исаак Нютон 25 декабри соли 1642 дар деҳаи Вулсторпи Англия зода шудааст. Падари ӯ заминдор буд ва замоне ки Исаак дар батни модар буд, падараш вафот кардааст. Модараш, ки дороии кифоя дошт, ба тарбияи Исааки хурдсол диққати ҷиддӣ медод. Исааки ҷавон таъмири бозичаҳои техникӣ ва сохтани соатҳои офтобию обӣ, осиёбҳои бодию обиро дӯст медошт.***

Ба хотири он, ки Нютон донишдӯстии зиёд зоҳир карда буд, модараш барои таҳсили ӯ дар Донишгоҳи Кембриҷ розӣ мешавад. Он замон Нютон 18 сол дошт. Тӯли шаш сол ба омӯзиши илми математика машғул мешавад. Дар 26 – солагиаш профессори математикаи Донишгоҳи Кембриҷ мегардад ва 27 сол адои ин вазифа мекунад. Аксар кашфиёти ӯ ба ин давра рост меоянд. Дар соли 1689 ӯро узви парламент интихоб менамоянд ва каме дертар сардори доруззарб (хонаи сикка задани танга)-и шаҳри Лондон таъин мешавад. Дар ин вазифа 32 сол фаъолият кардааст. Дар ин давра аз илм дур нашуда, се қонуни механика, қонуни ҷозибаи умумиоламро кашф намуд, дар хусуси ба рангҳо ҷудошавии рӯшноии сафед таҷрибаҳо гузаронид. Ҳисобкуниҳои дифференсиалӣ ва интегралиро нишон дод, назарияи рангҳоро кашф намуд. Ихтироъи телескоп-рефлектор низ ба ҳамин




давра рост меояд.

Исаак Нютон дороии зиёд дошт, вале тамоман издивоҷ накард. Корҳои хоҷагии хонаашро ҷиянаш бону Бэртон пеш мебурд. Ӯ шахси шинохта ва муҳтарам буд, ҳамеша дар иҳотаи одамони диндори бомаълумот ва олимони замонаш қарор дошт. Дар соли 1725 саломатии Исаак Нютон бад шудан мегирад. Ӯ ба Кенсингтон (наздикии Лондон) мекӯчад. Дар он ҷо 20 марти соли 1727 шабона вафот мекунад. Васияти хаттие нагузоштааст. Боигарии доштаашро пеш аз маргаш ба наздиконаш тақсим карда будааст. Ӯро дар қабристони католикии Вестминстер дафн кардаанд.

Зодрӯзи Исаак Нютон ба як соли баъди вафоти физики италиявӣ Галилео Галилей рост меояд. Кашфиёти ӯ барои Исаак Нютон аҳамияти беандоза бузург дошт. Дигар сарчашмаи илҳоми Исаак Нютон корҳои илмии Кеплер (оне, ки сабабҳои чархзании сайёраҳоро дар атрофи Офтоб меҷуст), бахусус, қонунҳои эмпирикии кашфнамудаи ӯ буданд. Исаак Нютон масъалаҳои нотамоми ин олимонро ҳал намуд, яъне ӯ ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ – сайёраҳо дар атрофи Офтоб ва чархзании Моҳ дар атрофи Заминро маънидод кард. Баъдтар худи Нютон гуфта буд: «Агар аз дигарон дида дуртарро дида бошам, ин аз рӯйи он аст, ки ман болои китфони бузургон меистодам». Машҳуртарин кашфиёти Исаак Нютон қонуни ҷозибаи ҷаҳонӣ буд.

Соли 1664 барои Нютон соли аз ҳама пуравҷтарини фаъолият ба шумор меравад. Ӯ рӯйхате тартиб дод, ки аз 45 банд иборат буд. Он ҳодисаҳои гуногуни омӯхтанашудаи табиат ва ҳаёти одамиро дарбар мегирифт.

Исаак Нютон меҳнатдӯстии фавқулода дошт. Тобистони соли 1664 эпидемияи марговари вабо саросари Лондонро фаро гирифта буд. 8 августи соли 1665 кормандони таълимгоҳро то анҷоми эпидемия аз кор ҷавоб доданд. Нютон бо худ китобу дафтар ва асбобҳояшро гирифта, Вулсторп меравад. Дар он ҷой машғули корҳои илмӣ шуда, бисёр масъалаҳои банақшагирифтаашро анҷом медиҳад. Аз қайдҳои боқимонда маълум мешавад, ки Нютони 23-сола бо методҳои такягоҳии ҳисобкуниҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ, инчунин, ҷудокунии функсияҳо ба қаторҳо ба дараҷаи баланд мусаллаҳ будааст. Формулаи дар ин ҷой баровардааш баъдтар формулаи Нютон-Лейбнитс ном гирифт. Якчанд таҷрибаи оптикӣ гузаронида, исбот намуд, ки рӯшноии сафед омехтаи рангҳои спектр



мебошад.

Нйутон шуҳратпарастиро дӯст намедошт. Дар соли 1670, дар мактуби ба Ҷон Коллинз фиристодааш менависад: «Ман дар шуҳрат ягон чизи зарурро намебинам, ҳатто дар мавриде, ки агар ман ба он сазовор бошам. Мумкин, ки он теъдоди шиносҳоямро зиёд мекард, вале ин танҳо ҳамонест, ки ман хоҳиши гурехтан дорам».

Фаъолияти илмии Нютон дар таърихи тараққии физика аҳамияти беандоза бузургро доро мебошад. Ба шарафи ӯ, дар системаи воҳидҳои байналхалқӣ воҳиди қувва «нютон» (1 Н) номгузорӣ шудааст.

***М. ҒАФУРОВ,***
***саромӯзгори кафедраи табиӣ -риёзии Коллеҷи омӯзгории ДДБ ба номи Носири Хусрав***

# Кошифи ҷадвали дарсӣ

***Дмитрий Иванович Менделеев 27-уми январ (8-уми феврал)-и соли 1834 дар шаҳри Тоболски Федератсияи Россия дар оилаи директори гимназияи маҳаллӣ таваллуд шудааст. Ӯ пас аз хатми гимназия ба Институти педагогии шаҳри Петербург дохил шуд ва онро соли 1857 бо медали тилло хатм кард.***



Д. И Менделеев соли 1859 рисолаи магистриро ҳимоя намуд. Ӯро барои ҳимояи кори илмӣ ба муддати ду сол ба хориҷа фиристоданд.

Баъд аз хориҷа баргаштан ҳамчун профессор дар Институти технологии Петербург ба корҳои илмӣ ва педагогӣ машғул шуд. Яке аз комёбиҳои бузурги Д.И. Менделеев дар фаъолияти эҷодиаш кашфи “Қонуни даврӣ” буд. Бояд қайд кард, ки Д.И Менделеев ҷадвали давриро дар тӯли 20 сол сохт. Ӯ андешаи сохтани ҷадвали элементҳои химиявиро солҳо дар сар мепарварид ва ин андешаро ба тадриҷ пеш мебурд. Воқеият ин буд, ки дар ҷадвал - бахши асосии тадқиқоти якумраи олим (беш аз 20 сол сарф кард) аз бозёфтҳои олимони дигар низ истифода шудааст. Олимони химик Нюланде, Майер ва Одлайнг намунаҳои шабеҳи ҷадвалҳоро доштанд, ки Менделеев аз онҳо самараи хубе гирифтааст.

Менделеев метеоролог ва устои киштӣ ҳам буд. Бо навиштани рисолаи докториаш “Дар бораи пайвастани спирт бо об” дар байни олимон шуҳрати калон пайдо кард. Ӯ оид ба химия, физика, метереология зиёда аз 1500 асар навиштааст. Аэродинамика ва биология илмҳои амалиро омӯхта, доир ба масъалаҳои иқтисод, киштисозӣ ва ҳатто дар бахши тараққиёти минтақаи Шарқи Дури кишвари Россия корҳоеро низ ба анҷом расондааст. Ба шарофати Д. И. Менделеев дар Россия аввалин маротиба дар ҷаҳон киштии яхшикан сохта шуд ва тадқиқотчиён онро пас аз 60 соли маргаш дар даврони Шуравӣ барои аз худ кардани масири душворгузари уқёнуси Шимолӣ истифода бурдаанд. Дар натиҷаи корҳои дуру дароз ва тадқиқоти илмӣ ба Д.И. Менделеев муяссар шуд, ки Қонуни давриро кашф намояд ва ҷадвали даврии элементҳоро тартиб диҳад. Пеш аз Менделеев баъзе олимон (Доберейнер, Нюленде, Лотар Майер...) ба кашфи қонуни даврӣ кӯшиш намуданд, лекин ба мақсади хеш нарасидаанд.

Ба химиядони рус Д.И. Менделеев муяссар шуд, ки 1 марти соли 1869 қонуни давриро кашф намояд ва машҳури ҷаҳон гардад.

Дар асоси қонуни даврӣ ва ҷадвали даврӣ Д.И Менделеев мавҷуд будани элементҳои ҳанӯз кашфнашударо пешгӯӣ намуд ва ба онҳо номҳои шартӣ гузошт, ки инҳоянд: экабор, экаалюминий, экасилитсий. Пешгӯиҳои Менделеев дере нагузошта пурра тасдиқ ёфтанд. Ҳар се элемент дар давраи зинда буданаш (галлий, скандий ва германий) кашф шуданд.

Д. И. Менделеев борҳо ба кишварҳои дунё, аз қабили Фаронса, Олмон, Швейтсария, Англия, Италия, ИМА сафар карда, дар байни олимони хориҷӣ обрӯю эътибор пайдо карда буд. Ӯ, дар ҳақиқат, нобиғае буд, ки барои Россия ва ҷаҳон хидматҳои беназиреро ба сомон расондааст. Ин олими забардаст дар 73-солагӣ (соли 1907) аз дунё гузашт.

***Шариф АРАБОВ,***
***Бегалӣ ШАРИФОВ,***
***омӯзгорони МТМУ №21, ноҳияи Варзоб***



# Ҳикматҳои математикӣ

**СУРЪАТИ ҲАЁТ**

Масофаи тайкардаи ҷисм ба ҳосили зарби суръат ва вақти сарфнамудаи он баробар аст. Мо метавонем ин вобастагиро дар роҳи тайкардаи умри инсон татбиқ намоем. Инсон ҳар қадар бо суръати баланд дар ҳаёт ҳаракат намояд, роҳи ҳаётии тайкардаи ӯ ҳамон қадар дароз мешавад. Метавон андак зиндагӣ кард, аммо метавон масофаи хеле зиёдро паймуд.

Масалан, Ибни Сино дар давоми умри кӯтоҳи хеш (57 сол) он қадар осоре аз худ боқӣ гузошт, ки инсони дигар наметавонад онро дар умри чандкаратаи худ таълиф созад. Албатта, ин истеъдоди модарзодист, аммо аз ҳаракати худи инсон низ вобастагии зиёд дорад.

***Ҳикмат: Биёед, дар ҳаёт бо суръати муътадил ҳаракат намоем.***

**ФАРЗОНАГӢ**

Ҷавоне болои замин порчаеро кашида, аз ҳакиме дархост намуд, ки онро даст нарасонида, кӯтоҳ кунад. Ҳаким дар баробари порчаи кашидаи ҷавон ба шакли мувозӣ порчаи аз он дарозтареро тасвир кард. Нисбат ба ин порча порчаи кашидаи ҷавон кӯтоҳтар шуд. Ҳаким афзуд:

«Ана, ҳамин гуна мо метавонем, бо афзалият ва камбудиҳои хеш муносибат кунем. Афзалиятҳоямонро зиёд намуда, камбудиҳоямонро коста месозем». Дар навбати худ ҳаким ба ҷавон чунин масъаларо пешниҳод намуд:

Дар рӯйи коғаз ду нуқта тасвир карда шудааст. Онҳоро чӣ гуна якҷоя кардан лозим аст, агар пайваст кардани онҳо бо хаткашак истисно бошад. Ҷавон фикр карда, коғазро қат намуд ва нуқтаҳоро бо ҳам овард ва гуфт:

«Ба ҳангоме ки масъала дар ҳамворӣ ҳалли худашро намеёбад, онро дар фазои бисёрченака ҳал намудан мумкин аст».

**БАРОБАРИИ НИСБАТҲО**

Математики Юнони қадим Фалес гуфта буд:

«Бачаҳо бо шумо тавре муносибат мекунанд, ки шумо бо волидонатон карда будед». Дар ин навиштаи олим дониш оид ба таносуб ҷой дорад.

Баробарии ду нисбатро таносуб меноманд. Дар асоси ин таъриф андешаи Фалесро ин гуна метавон шарҳ дод:

Муносибати ман бо волидонам баробар аст бо муносибати фарзандонам ба ман. Бо дигарон тавре муомила намо, ки аз онҳо нисбат ба худ чунин муомиларо хоҳон ҳастӣ.

**СУҚРОТ ВА ЭПИКУР**

Як замон Эпикур пеши Суқрот омада гуфт, ки агар ман ба шогирдони ту аз ту дида зиёдтар лутфу каромот кунам, онҳо туро тарк мегӯянд. Суқрот ба ин гуфтаи Эпикур розӣ шуд ва гуфт, ки бале, аз кӯҳ поён омадан нисбат ба болои он баромадан осонтар аст. Дар алоқа бо таърихи баёншуда чунин далели математикиро пайдо кардан имконпазир аст:

Агар адади матлубро ба 50% кам намоем, барои онро ба ҳолати аввалааш овардан 100% зиёд кардан лозим меояд. Фоизҳо ин ҷо ба ҳайси ҳиссаҳо баромад мекунанд. Ҳиссаҳо бошанд, дар навбати худ ададҳои ёзанда ва қобили ҳаётие мебошанд, ки аз бутун ва қисмҳои тағйирёбиҳои бузургиҳои гуногун ёдовар мешаванд. Амали математикии баёншуда ҳушдор медиҳад, ки чизи ба осонӣ аздастдодаро ба мушкилӣ метавон ба даст овард.

***Таҳияи***
***Шамсиддин ШАРИФОВ,***
***Убайдуллои АБДУСАМАД,***
***омӯзгорони ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

**Дар ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ оид ба сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия конфронс доир гардид.**

*Сирри эҷод дар пинҳон доштани сарчашмаи он аст.*
*Алберт Эйнштейн*

«Омӯзгор»
№12-13, 20 марти
соли 2024

**БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОНИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК**

# Хидмати мондагор дар шинохти Амир Хусрав

***Шояд кам касон дар хусуси донишманду муҳаққиқи заҳматкаш ва адабиётшиноси пурхонда, шодравон Муҳаммадвафо Бақоев, ки ҳамагӣ 41 сол умр дидаву дар пажуҳиши зиндагӣ ва осори назмию насрии яке аз бузургони адабиёти классикии форсу тоҷик, шоири тавоною хушсухани қарни XVII Амир Хусрави Деҳлавӣ ранҷи фаровон кашидааст, иттилои мукаммалу саҳеҳ доранд. Воқеан, Муҳаммадвафо Бақоев дар масъалаи дақиқу бармало намудани хусусиятҳои услубию бадеии таълифоти Амир Хусрави Деҳлавӣ, ба вижа, достони «Дувалронӣ ва Хизрхон»- и шоир ва дар умум, таҳлилу таҳқиқи илмии зиндагӣ ва осори ӯ, равшанӣ андохтан ба ҳақиқату асли воқеаву рухдодҳое, ки марбут ба лаҳзаҳои зиндагии Хусрави Деҳлавӣ ва сабабу омилҳои таълифи ин ё он достону ғазалҳояш ба шумор меравандд, хидмати мондагор анҷом додааст.***




Муҳаққиқи ҷавон, ҳанӯз соли 1958, ки 27 сол дошт, зери назари академик Абдулғанӣ Мирзоев рисолаи илмӣ-тадқиқотии худро таҳти унвони «Амир Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ «Дувалронӣ ва Хизрхон» ба табъ расонда буд. Инак, аз ҷониби Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон монографияи пурарзиши муҳаққиқ Муҳаммадвафо Бақоев бо номи «Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ» нашр гардид, ки он соли 1975 бо саъйю эҳтимоми адабиётшиноси шинохта Зоҳир Аҳрорӣ ба чоп (баъд аз сари муаллиф) омода гардида буд. Асари мазкур аз пешгуфтор, ҳафт фасл ва феҳристу тавзеҳот иборат буда, дар пешгуфтор, ки ба қаламии муҳаққиқ Зоҳир Аҳрорӣ (равонаш шод бод!) тааллуқ дорад, мавсуф перомуни таълифи монографияи зикршуда, таҳияву тадвини он сухан ронда, зикр месозад, ки олими пуркор М.Бақоев дар таълифи ин асар ранҷу заҳмати фаровоне ба харҷ дода, маълумоту иқтибосоти зиёдеро вобаста ба марҳалаҳои зиндагию осори Амир Хусрави Деҳлавӣ ҷамъ овардаю таҳлил намуда, дар зимн, ба гунаи ҳатмӣ нуқтаи назар ва хулосаҳои илмии худро баён намудааст. Ҳамчунин, ба монография ду мақолаи то ҳол номатбуи М.Бақоев-«Афкори иҷтимоӣ ва тарбиявӣ – ахлоқии Хусрав ва «Амир Хусрави Деҳлавӣ дар боби шеъру шоирӣ» илова шудаанд. Фасли аввали асар «Дараҷаи омӯхта шудани ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ» ва боби якуми он «Адабиёт оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Хусрав» номгузорӣ шуда, дар ин боб муҳаққиқ бо зикру ишора ва овардани ному насаби олимон – муҳаққиқони Амир Хусрави Деҳлавӣ ва таълифоти илмии онҳо афкори хешро дар қиболи иштибоҳу беасос будани иддае аз гуфтаҳои он пажуҳишгарон қотеъона ва ба таври назарию илмӣ изҳор медорад. Аз ҷумла, ба андешаи М.Бақоев, баъзе мусташриқони билоду мамолики Аврупо достони «Ишқия» (ё «Ашиқа»)-ро, ки унвони дигари «Дувалронӣ ва Хизрхон» маҳсуб меёбад, асари алоҳида мешуморанд, ки комилан ғалат аст. Ҳамчунин, вай ба шарқшиноси немис Ҳаммер дар масъалаи соли даргузашти шоир эрод гирифта, онро на соли 1315 (тавре Ҳаммер таъйид мекунад), балки соли 1325 меҳисобад. Донишманди тоҷик дар боби номбурдаи асараш, ҳамчунин, баҳсу мунозираҳоро дар бораи ғазалиёти шоир, муносибати ӯ бо шоири барӯманду маъруфи дигари ҳавзаи адабиёти Ҳинд – Ҳасани Деҳлавӣ, мулоқот кардан ё накарданаш бо Шайх Саъдии Шерозӣ, маҳорату ҳунари шоирии ӯ, андар ихтиёр кардани ину он тахаллус дар шеър, кай, дар кадом вазъ иншо намудани ину он достони Амир Хусрави Деҳлавӣ ва ғайра баён намуда, дар боби дуюми китоб-«Маълумоти сарчашмаҳои адабӣ – таърихӣ оид ба Хусрави Деҳлавӣ» зикр мекунад, ки «сарчашмаи асосӣ ва муҳимтарин оид ба ҳаёти Хусрави Деҳлавӣ осори худи шоир мебошад». М. Бақоев пас аз таҳлилу баррасии нуқтаи назари донишмандони мазкур натиҷагирӣ мекунад, ки бо Шайх Саъдии Шерозӣ мулоқот оростани Амир Хусрави Деҳлавӣ заминаи воқеӣ надорад. Аммо дӯстию ҳусни тафоҳуме, ки солҳо байни ваю Ҳасани Деҳлавӣ идома дошт, айни ҳақиқат буда, дар ин хусус аз Давлатшоҳи Самарқандӣ («Тазкират – уш – шуаро») ва Муҳаммад Қосим Ҳиндушоҳи Астарободӣ машҳур ба Фаришта («Таърихи Фаришта») ҳикояҳои муътамад меорад.

Муаллиф дар боби сеюми фасли аввал – «Нашри осори Хусрав» ба таври васеъ ва ба тафсил маълумот дода, нахустин бор чоп шудани «Куллиёти аносири давомин»-и шоирро дар Ҳиндустон (нашри сангӣ, соли 1874) дар шаҳри Конпур хотиррасон мекунад. Соли 1886 дар матбааи Конпур ҳамин куллиёт бори дигар нашр мешавад. Бадин тариқ, «Куллиёти аносири давонин»-и шоир баъдтар борҳо дар Ҳиндустон ба табъ мерасад, ки он аз 21 қасида, як таркиббанд, 923 ғазал, 20 қитъа, 37 рубоӣ ва як байти ҷудогона иборат мебошад. Ғазалиёти шоир дар чор девон гирд оварда шуда, девони панҷуми Амир Хусрав дар шаҳри Деҳлӣ соли1332 ҳиҷрии қамарӣ, баробар ба солҳои 1913-1914-и мелодӣ ба табъ мерасад. Муҳаққиқ М.Бақоев, ҳамчунин, дар бораи дар солҳои мухталиф чоп гардидани достонҳои «Хамса»-и Амир Хусрав сухан ронда, аз ҷумла, таъкид мекунад, ки маснавии «Маҷнун ва Лайлӣ»-и шоир 10 бор дар Ҳиндустон ба нашр расидааст. Бобҳои «Авзои сиёсӣ – иҷтимоии замони шоир», «Ҳаёти адабӣ – илмӣ» фасли дуюми монографияро таҳти унвони «Замони зиндагии Хусрави Деҳлавӣ» дар бар гирифтаанд. Воқеан, замони зиндагии Амир Хусрави Деҳлавӣ ба ҳуҷуму тохтутози муғулони чингизӣ рост омада, ин ғосибони бетараҳҳум ба Ҳиндустон низ лашкар кашида, аҳолии ин кишварро ба таври ваҳшиёна аз дами теғ мегузаронанд. Муҳаққиқ, зимнан, ба дасти муғулон асир афтодани Амир Хусрави Деҳлавӣ ва ба тасодуфе озод шуданашро низ зикр месозад.

Яке аз фаслҳои ҷолиб ва пурмуҳтавои монографияи М. Бақоев «Ҳаёти Хусрави Деҳлавӣ» ном дошта, муҳаққиқ ба таври дақиқу мӯшикофона тарҷумаи ҳоли шоирро аз рӯзи таваллуд то марҳалаҳои гуногуни ҷараёни зиндагӣ ва вафоташ ба гунаи муътамаду пероста бо далоилу арқом ва навиштаҳои сарчашмаҳои илмӣ – адабӣ ва тазкираҳо рӯйи сафҳа мерезад. Мулоҳизаи тазкиранависонро дар хусуси аз шаҳри Балх ва Кеш (Шаҳрисабз) будани гузаштагони шоир, ки ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, мавриди таҳлил қарор дода, М. Вафоев аз шаҳри Шаҳрисабз будани гузаштагони Амир Хусравро ҷонибдорӣ мекунад. Вай тасдиқ мекунад, ки Хусрав соли 651/1253 дар канори дарёи Ганг, дар наздикии шаҳри Деҳлӣ, дар Патёлӣ ном мавзеи шимолии Ҳиндустон, ки дар он замон бештар ба Муъминпур машҳур ва маъруф буд, таваллуд мёбад. Ҳанӯз аз 12 - солагӣ Амир Хусрав ба омӯзиши илму фунуни шеър, саноеи гуногуни бадеӣ, рубоию дубайтӣ, ғазалу қасида ва маснавӣ рӯ оварда, муваффақ мегардад ва дар заминаи андӯхтаву бардоштҳояш ба иншои шеър даст мезанад.

Дар фасли чорум - «Мероси Хусрави Деҳлавӣ» ва панҷум- «Эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ» донишманди фақид боз ҳам ба сарчашмаю тазкира ва асарҳои илмӣ-адабӣ муроҷиат карда, тақрибан тамоми суханону андешаҳои муаллифони ин таълифотро дар бораи осори назмию насрии Амир Хусрав якъяк таҳлилу бозгӯйӣ менамояд. Бахши аъзами муаллифони сарчашмаву осори илмӣ-адабӣ ва тазкиранигорон, шуруъ аз Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон теъдоди асарҳои Амир Хусрави Деҳлавиро 99-то шумурдаанд. Муҳаққиқ М.Бақоев ин рақамро бепоя дониста, ваҷҳи инро дар асарҳои дигар шоиронро ба Хусрави Деҳлавӣ нисбат додан меҳисобад.

Ҳамин тавр, асарҳое, ки муаллифони тазкираву сарчашмаҳо аз они Амир Хусрав медонанд, аз «Панҷ девон», «Хамса», «Эъҷози Хусравӣ», «Хазоин-ул-футуҳ», «Нисоби бадеъ-ул-аҷойиб», «Афзал-ул-фавоид», «Шаҳрошӯб ё маҷмуаи рубоиёт», «Аҳволи Амир Хусрав» иборат мебошад.

Дар фасли панҷум бо номи «Эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ» дар боби як – «Хамса»-и Хусрави Деҳлавӣ ва муносибати он бо «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ М.Бақоев зикр менамояд, ки ҳанӯз дар 36-солагияш Амир Хусрав соли 1388 дар нахустин достонаш таҳти унвони «Қирон-ус-саъдайн» ва дар дебочаи девони сеюми худ «Ғуррат-ул-камол» дар достонсаройӣ Низомии Ганҷавиро устоди худ мешуморад.

М.Бақоев достони «Матлаъ-ул-анвор»-и Амир Хусравро батафсилу ҳамаҷониба аз нигоҳи ғояву муҳтаво, сабку услуб, тарзи баён таҳлилу баррасӣ намуда, хулоса мекунад, ки он достони ахлоқӣ мебошад. Дар достон ба мавқею ҷойгоҳи зан ва рисолати ӯ дар хонавода таваҷҷуҳи вижа зоҳир карда шудааст.

Дар боби дуюми фасли панҷум, ки «Достонҳои дар мавзуъҳои маҳаллӣ навиштаи Хусрав» унвонгузорӣ шудааст, адабиётшинос М.Бақоев достонҳои «Қирон-ус-саъдайн», «Мифтоҳ-ул-футуҳ», «Дувалронӣ ва Хизрхон», «Нуҳ сипеҳр» ва «Туғлуқнома»-и Амир Хусрави Деҳлавиро ба гунаи алоҳида мавриди андешаронӣ қарор медиҳад. Муҳаққиқ дар байни ин достонҳо достони «Дувалронӣ ва Хизрхон»-ро бо мундариҷаву ғоя ва ҳадафи шоир пурмоҳияту арзишманд шуморида, зикр менамояд, ки Амир Хусрав иншои онро соли 1315 шуруъ карда, соли 1316 ба анҷом мерасонад ва он аз 4519 байт иборат мебошад. Сипас мундариҷаи мухтасари достон дар асар оварда мешавад.

Дар фасли шашуми монография – «Фикрҳои иҷтимоӣ ва тарбиявӣ-ахлоқ»-и Амир Хусрав муҳаққиқ аз ҷониби шоир баён гардидани андешаҳои гуманистиро вобаста ба ҳамаи асарҳояш бо мисолҳои мушаххас тавзеҳ мебахшад. Ба андешаи М.Бақоев, яке аз масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқии ба назар намоён, ки шоир ба он тақрибан дар тамоми эҷодиёти худ диққати махсус додааст, ин ба адлу инсоф ва халқпарварӣ даъват намудани ҳукмронони замонаш мебошад.

Хуллас, аз таҳлили мухтасари китоби муҳаққиқ Муҳаммадвафо Бақоев – «Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ» метавон ба натиҷае расид, ки ин асар моҳияти илмии баландро доро буда, бо вуҷуди пештар таълиф гардиданаш, аз аҳаммияти зиёди омӯзишӣ барои омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик бархӯрдор мебошад.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

**ЛАВҲА**

## Ҳасрати дидор

Фасли баҳор. Ҳавлии пурдолу дарахт, пур аз шодӣ, пур аз меҳр. Садои хандаю шухӣ, доду фиғони кӯдакони беғам ба гӯш мерасид. Модарам бо чеҳраи зебо ва лаби хандон дар танӯр оташ дармегиронд. Ҳангоми аланга гирифтани оташ шуълаҳои он ба сару рӯяш мерехт, ба мисли нуре аз осмон. Чӣ қадар манзараи зебо, дилкаш, ҳаяҷонангез, чӣ қадар лаҳзаҳои нотакрор...

Бӯи нони гарми гандумӣ ҳавлиро фаро гирифт, мо ҳама ба сӯйи оташдон давидем. Модарам бо табассуми зебое нони сурху гарми монанд ба рухсораҳояшро пора намуда, ба мо тақсим кард. Ҳангоми навбат ба ман расидан, як ҳисси аҷиб доштам. Нонро аз дасти модарам гирифтаму худро ба оғӯши гармаш партофтам, бӯидам, бӯсидам, рухсораҳои арғувонияшро навозиш кардам, мӯйҳои сафеди аз зери рӯймол баромадаашро навозиш кардам. “Очаҷон, медонӣ, чӣ қадар пазмонат будам, - гуфтам, - садои дилнавозатро, чеҳраи нуронияатро, навозиши дастони пурмеҳратро чӣ қадар ёд кардам.” Модарам хомӯшона, бо дастони пурмеҳр сарамро сила кард...

Садои занги телефон маро аз ин рӯъёи афсонавӣ ба воқеият баргардонд. Дилам сахт-сахт метапид, болиштам аз гиря тар шуда буд, дастонам, чунон ки модарамро оғӯш гирифта будам, боз буданд.

Ох, очаҷон, дунёро мебахшидам, то ин лаҳзаҳоро бори дигар дар зиндагиям аз сар гузаронам, бори дигар навозиши дастонатро болои сарам ҳис намоям, Туро бибӯям, бибӯсам, навозиш кунам, аз чеҳраи нуроният чашм наканам...

Аммо афсӯс, сад афсӯс ба ҷуз хоб дигар шуморо нахоҳам дид...

***Комила НАЗИРОВА,***
***омӯзгори мактаби №59-и***
***шаҳри Душанбе***

**Дар Швейтсария либосҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон муаррифӣ шуд.**

ЭҶОД

# Бо килки ҷон

***Вақте ки китоби шеърҳои Интизорро мутолиа мекардам, дар пеши назарам ду симои тавъам як сиришт падидор буд. Ҳам симои шоира Интизор бо эҳсосу сириштти шоирона ва ҳам симои муаллима Зебунисо Қосимова бо сириштти хайрхоҳу ибратбахши омӯзгор, ки номи аслии шоира аст. Ба назарам ин ду симо ҳамдигарро комил мекунанд ва як сириштти некбину хайрхоҳу ватандӯстро таҷассум менамоянд.***



Ба ёдам омад, ки банда бо Зебунисо Қосимова (шоира Интизор) соли 2021 дар ҷамъбасти озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” вохӯрда будам. Ҳеҷ кас пешакӣ гумон надошт, ки ин муаллимаи мактаб ва шоираи ҷавон дар ин озмуни сатҳи баланд сазовори ҷойи аввал мегардад. Аммо ин натиҷаи заҳматҳои чандинсолаи Интизор буд, зеро ӯ соле пеш аз он ҳам дар ин озмун ширкат варзида, то марҳилаи ҷумҳуриявӣ расида, эътироф гардида буд, ҳарчанд сазовори ҷойи ифтихорӣ нагардид. Ба худ, ки бовар дошт, боз кор кард, заҳмат кашид ва соли дигар омаду муваффақ гашт. Яке аз онҳое, ки дар ҳайати ҳакамони озмун ӯро сазовори ин пирӯзӣ ҳисобида буданд, банда будам.

Инак, маҷмуаи шеърҳои ба чоп пешниҳодшудаи Интизорро мутолиа ва мушоҳида мекунам. Ҳанӯз дар шеъри аввали “Қасидаи Меҳан” сириштти некбинонаву ватандӯстонаи як бонуи тоҷик самимона тасвири шоирона ёфтааст.

*Меҳано, шеъри туро бо килки ҷон хоҳам*
*навишт,*
*Қитъа не, байту ғазал не, достон хоҳам*
*навишт.*
*Бо алифбое, ки бошад ҳарфҳояш ахтарон,*
*Васфи ҳуснат дар китоби осмон хоҳам навишт.*
*Нури Роғун нури бахти миллати фархунда аст,*
*Аз сахои офтоби тоҷикон хоҳам навишт.*

Вежагии ин шеър дар он аст, ки муҳаббат ва тасвири Ватан дар он чун як қасам бо хуҷастагиҳои таърихӣ, табиат ва дастовардҳои навини Тоҷикистони соҳибистиқлол ва фарзандони наҷиби он суруда мешавад.

Интизор дар баёни андешаҳояш аз санъатҳои шеърӣ истифода мебарад. Масалан, дар шеъри “Қасидаи зан” ӯ барои комилтару барҷастатар нишон додани симои таърихиву асотирии зан аз қиссаи дони гандуму Одаму Ҳавво ва симои Марям дар китоби муқаддас ёдовар мешавад.

*Зи биҳишту дони гандум сухане шунав,ки донӣ,*
*Бигирифт матлаи худ зи кучо қасидаи зан.*

Дар силсилаи ғазалҳояш шоира ишкро фарҳанги худ меҳонад, ки ҷолиб аст:

*Мапурс аз расму ойинам, ки ишқи*
*туст фарҳангам.*

Кӯшиши истифодаи тасвиру санъатҳои бадеъ, риояи таносуби сухан ва истифода аз оҳанги вожаҳо аз кӯшишҳои хуби шоираи ҷавон аст:

*Туро то аз Худовандам кунам боре харидорӣ,*
*Зи гиря дурру марворид бар каф аз дуо дорам.*

Дар мисраи зер ин падида, яъне, истифодаи калимаҳои ҳамоҳанг дар истифодаи вожаҳои “муддатҳост” ва “муддао” падидор аст:

*Дилам хоҳад, кунӣ одат, ки сар монам*
*ба дастонат,*
*Бале, дар дил чӣ муддатҳост ин сон муддао*
*дорам.*

Ҳамин гуна ҳунарро дар байти дигар бо истифодаи вожаҳои ҳамоҳанги дорам – бедорам ва орзу – озор метавон мушоҳида кард, ки аз падидаҳои хуби шоирона дар шеъри Интизор аст:

*Биё, дорам бизан имшаб, ки бо ёди ту бедорам,*
*Чаро, эй орзуи дил, диҳад ёди ту озорам?*

Интизор мекӯшад, навиштаҳояш бе истифодаи тасвирҳои табиат набошанд ва ба ин васила ба навиштаҳои худ ҳусни манзаравӣ медиҳад:

*Манам он абри боронӣ, азизи навбаҳоройин,*
*Бимон борам, бимон борам, ки ман аз нола*
*саршорам.*
*Ало, эй бистарат гулҳо, чӣ медонӣ, ки бо ёдат*
*Мани нозуктар аз гулҳо даруни бистари хорам.*

Яке аз кӯшишҳои хубе, ки метавон дар шеъри Интизор мушоҳида кард, тасвирсозиҳои шоирона буда, дар баробари онҳо баёнҳои ғайриодӣ низ ба шеър ҳусну маънӣ зам мекунанд. Масалан, бемор шудани ишқ дар байти зер:

*Ту ҳам заҳриву ҳам позаҳр, бе ту*
*зиндагонӣ нест,*
*Марав аз ман, ки бе ту ишқ ҳам бемор*
*хоҳад шуд.*

Ва ё хори сари девор шудани дил:

*Дилам бар ҳоли ишқи нозанинам сахт месӯзад,*
*Зи беқадрӣ агар хори сари девор хоҳад шуд.*

Ҳарчанд забону баёни Интизор имрӯзист, ҷоҷо дар ғазали ӯ тарзи баёни классикии шеърро низ метавон мушоҳида кард. Масалан:

*Маро охир нигоҳаш мекунад майхораи бемисл,*
*Ки чашми масти ӯ оини хӯшёрӣ намедонад.*

Ва ин гувоҳи мутолиаи пайвастаи шоира аз осори классикони мост.

Падидаи хуби дигар, ки дар шеъри шоира мушоҳида шуд, ин вожасозии Интизор аст, чунончи, вожаи “дилхаридорӣ” дар байти зер:

*Ба ҳарфи хуб дилҳоро харидорӣ кунад ҳар дам,*
*Вале бо қимати дил дилхаридорӣ намедонад.*
*Ва ё вожаи “балодарпай” дар мисраи*
*Аҳд кардам, ки аз ин аҳди балодарпайи худ...*

Як мушоҳидаи дигари мусбати мо аз навиштаҳои Интизор ин аст, ки ӯ бо хонанда самимӣ ва боварбахш сухан мекунад. Масалан:

*На доруе биёвар, не табиб аз мулки Ҳиндустон,*
*Дарам бикшо, дарам бикшо, агар дармони*
*ман хоҳӣ!*

Ҷолиб аст, ки дар шеъри Интизор оҳангҳои иҷтимоиро низ метавон мушоҳида кард.

Тасвирҳои рамзии дигаре, ки тавассути истилоҳоти бо кандани хор аз пои фалак, кӯтоҳии ақли мо аз дасти мо баён ёфтаанд, ҷолибанд:

*Хор аз пои фалак то баркaнем,*
*Ақли мо аз дасти мо кӯтаҳтар аст.*

Ҷиҳати хуби дигаре, ки мо дар шеъри Интизор мушоҳида кардем, кӯшиши бо тасвир ва сухани бадеъ баён кардани ҳолати руҳии инсон дар шеър, кӯшиши шоирона баён кардани ҳолатҳои руҳист:

*Вақте ки як пайғоми хуш аз ёр меояд ба гӯш,*
*Дунё даруни синаат гул дар зимистон мекунад.*

Дар зимистон гул кардани дунё дар даруни сина баён ва тасвири шоиронаи ҳолати руҳӣ тавассути тасвир буда, вожаи зимистон дар паси худ сардӣ низ дорад ва ин сардӣ нафақат сардии табиат, бал сардии дил низ ҳаст.

Дар шеъри Интизор истифодаи суханбозиҳои шоиронаро низ метавон мушоҳида кард, аз ҷумлаи:

*Намак хӯрдам, намакро пос медорам*
*тамоми умр,*
*Наметарсам зи шӯрӣ, бал зи шӯрандоз*
*метарсам.*

Манзури мо истифодаи шӯрӣ ва шӯрандоз аст, ки шоира барои баёни андешаи пандомези худ ба кор бурдааст. Ҳамоно, як хусусияти хуби дигари шоира, истифодаи зарбулмасали халқиро низ дар ин байт метавон мушоҳида кард, яъне, “намак хӯрдану намакдонро пос доштан”.

Бисёр ҷолиб аст, ки шоира гоҳе дар ҷустуҷӯи тасвирҳои тоза буда, метавонад аз тахайюлоти шоирона хуб истифода кунад:

*Дурият, ки дидаамро кардааст аз ашк пур,*
*Моҳие дар равғани беранг бирён мекунад.*

Дар ин мисоли овардашуда истифода аз тарзи баёни сабки ҳиндӣ ба мушоҳида мерасад.

Далелҳои овардаамон гувоҳи онанд, ки минбаъд аз шоира Интизор дастовардҳои тозаи дигарро метавон интизор шуд. Осон нест, ки ҳам муаллими хуб бошиву ҳам шоири хуб, зеро ин ҳар ду пеша хеле ва хеле заҳматталабанд. Аммо мо аминем, ки муҳаббати баланд ба ҳар ду касб ва заҳматҳои хастагинопазир ҳосили хуб додаву Интизор – Зебунисо Қосимоваро комёб мегардонанд.

***Камол НАСРУЛЛО,***
***Шоири халқии Тоҷикистон,***
***барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

ОЛИМОНИ МО

***Олими номвар, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Наим Нарзуллоев 30-юми январи соли 1954 дар шаҳри Истаравшан дида ба олами ҳастӣ кушода, аз овони наврасӣ ба илмҳои риёзию табиатшиносӣ шавқу рағбат пайдо кардааст. Зеҳни тез, қобилияти хуб ва шавқи беандозааш ба ин илмҳо ӯро ба факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) оварданд.***

# Устоди соҳибназар



Баъди хатми донишгоҳ, соли 1974 маъмурияти донишгоҳ ӯро ба яке аз бонуфузтарин муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимии собиқ ИҶШС, ба Донишкадаи муҳандисию физикии шаҳри Москва (МИФИ) мефиристад. Пас аз хатми факултети махсуси физикаи ин боргоҳи илм олими ҷавон дар Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови АИ ҶТ ба ҳайси ходими хурди илмӣ оғози фаъолият мекунад.

Наим Нарзуллоев дар шаҳри Москва муддате ба кори илмӣ – тадқиқотӣ машғул шуда, сипас таҳсилро дар риштаи аспирантура идома медиҳад. Таҳсил дар аспирантура ба ӯ майдони фарохи илмро мекушояд. Ӯ дар баробари таҳсил дар аспирантура зери роҳнамоии яке аз машҳуртарин физикҳои Шуравӣ, профессор Додо Саидов (1941-1998) ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи физикаи полимерҳо мепардозад ва рисолаи номзадиашро дар шуъбаи теплофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон (шаҳри Тошкент) бомуваффақият дифоъ менамояд. Сипас дар ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолияти илмию омӯзгорӣ машғул мешавад. Ӯ зимни фаъолият дар ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дар кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ озмоишгоҳи замонавиро сохмон дод, ки дар он имрӯз садҳо нафар ба омӯзиши амиқи илми физика машғуланд.

Н. Нарзуллоев дар баробари дарс гуфтан ба донишҷӯён, инчунин, ба онҳо дарси хештаншиносӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсониро меомӯзонад. Ӯ инсонест ҳалиму меҳрубон, олимест пуркору серталаб, борикбину нуктасанҷ ва оқилу фозил. Кулли шогирдону пайравон аз рафтору кирдор ва гуфторҳои накуи устод ҳарф зада, кӯшиш менамоянд, ки ҳар як сухани ӯро сармашқи кори худ қарор диҳанд. Чунки ҳар як дарси Н. Нарзуллоев, новобаста аз мавзӯъ, ҷанбаи инсонмеҳварию равшанфикрӣ дошта, фарогири паҳлуҳои мухталифи илмӣ мебошад. Ба қалами Н. Нарзуллоев рисола, барнома, монография, воситаи таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ – методии зиёде тааллуқ доранд. Тадқиқоти илмии устод асосан ба физикаи полимерҳо, физикаи гармо (теплофизика), физикаи молекулӣ ва методикаи таълими физика равона гардида, аксар мақолаҳои дар заминаи ин тадқиқот навиштааш дар нашрияҳои хориҷи кишвар, аз ҷумла, ИМА, Олмон, Фаронса, Россия, Қазоқистон ва дигар мамолик нашр гардидаанд. Устоди донишманд иштирокдори як силсила семинару конфронсҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ буда, дар ин ҳамоишҳо ба дастовардҳои нави илмӣ суханронӣ намудааст.

Соли 2012 мудири кафедраи усули таълими физикаи ДМТ таъйин шуд. Устод дар баробари ба кори илмӣ–тадқиқотӣ ва таълиму тарбияи донишҷӯён машғул шудан, дар тарбияи мутахассисони ояндаи соҳибунвон ҳам саҳми арзанда дорад.

Мутафаккире хеле нуктасанҷона фармуда: «Касеро, ки дар ҳақиқат, ба таърифу тавсиф меарзад, таърифу тавсиф кардан хеле душвор аст…». Зеро хислатҳои накуи ӯ бисёранд ва наметавон аз қадоми онҳо ҳарф зад. Ҳамин гуна шахсияти нотакрор аст олими номвар Н. Нарзуллоев. Устод имрӯз дар айни камолоти тадқиқотию эҷодист. Шогирдони сершумору ҳамкорон ва дӯстону пайвандони борикбинаш ба ӯ умри дарозу пурбаракат, тавфиқи илмию эҷодӣ таманно доранд.

***З. ҚОДИРЗОДА,***
***Д. СОЛИҲЗОДА,***
***Б. МАХСУДОВ,***
***Х. ҶУРАЕВ,***
***Д. АҚДОДОВ,***
***З. НОРМАТОВ,***
***олимон, устодони ДМТ***

*Ман ҳеҷ гоҳ аз оянда намеандешам. Вай зуд мерасад.*
*Алберт Эйнштейн*



ТАВАҶҶУҲ

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!




**Ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтарин маводи публитсистию адабӣ аз рӯйи жанрҳои мақола, очерк, лавҳа, ҳикоя ва эссе озмуни ҷумҳуриявии “Омӯзгори ман – ифтихори ман”-ро эълон менамояд.**

Ҳадаф аз баргузории озмуни ҷумҳуриявии “Омӯзгори ман – ифтихори ман” татбиқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Вазорати маориф ва илм ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ва инъикоси фаъолияти густардаву фидокоронаи онҳо буда, навиштаҳое ба озмун роҳ дода мешаванд, ки дар онҳо аз умумигӯӣ, баёни сатҳии тарҷимаи ҳоли омӯзгорон ва нақли хушку беобуранг худдорӣ шуда бошад. Ба навиштаҳое, ки муъҷазу муассиранд ва дорои забони шевою ҷозибанд, бартарӣ дода мешавад.

Инчунин, нигоштаҳо бояд инъикосгари таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат ба аҳли маориф бошанд, чеҳраи воқеии омӯзгор ва корномаи ӯро ба таври муассир бозгӯӣ кунанд, мавқею мартабаи шоистаи омӯзгорро дар ҷомеаи мо тасвир намоянд, навгонию эҷодкорӣ, хислатҳои ҳамидаи аҳли таълиму тарбия ва нақши онҳоро дар ҷомеа тавсиф бахшанд, аз таҷрибаи судманди омӯзгорон ҳикоят намоянд.

Иштирок дар озмун озод буда, хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорон, шоирону нависандагон, рӯзноманигорон ва кормандони касбу кори гуногун метавонанд дар он иштирок намоянд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то 10-уми сентябри соли 2024 идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи омӯзгорон ҷамъбаст мешавад.

Голибони озмунро тухфаҳои зерин интизор аст:

**Ҷойи якум – 10 000 сомонӣ**
**Ҷойи дуюм – 7 000 сомонӣ**
**Ҷойи сеюм – 5 000 сомонӣ**

Ҳамчунин, 3 иштирокчии фаъол бо мукофотпулӣ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ ва дигар тухфаҳои хотиравӣ қадр карда мешаванд.

Навиштаҳо ба озмун набояд аз 4-5 саҳифаи чопи компютерӣ бо ҳуруфи 14 зиёд бошанд.

Навиштаҳое, ки ба озмун роҳ меёбанд, дар шакли китоби алоҳида чоп хоҳанд шуд.

Иштирокчиён метавонанд матолиби худро ба суроғаи электронии ҳафтаномаи “Омӯзгор” – n.omuzgor@maorif.tj ё бевосита ба идораи ҳафтанома ирсол намоянд.

**Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 126, бинои КВД “Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе”.**

**Телефон барои тамос: 225-81-57**

РАВЗАНА

# Маорифи ҷаҳон



Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ стратегияи нави рушди таҳсилоти тиббӣ дар ин кишварро эълон кард. Дар доираи ин стратегия то соли 2025 шумораи ҷойҳо дар барномаҳои таҳсил дар донишгоҳҳои тиббии Кореяи Ҷанубӣ тақрибан ду баробар афзоиш хоҳад ёфт.

***

Коллеҷи тиббии Алберт Эйнштейн аввалин донишгоҳи ИМА хоҳад буд, ки барои донишҷӯён таълими ройгони тиббиро пешниҳод мекунад. Профессори собиқи коллеҷ Рут Готтесман ба ин таълимгоҳ дар ҳаҷми 1 миллиард доллар хайр намуд. Бинобар ин, коллеҷ эълон кард, тамоми донишҷӯён аз пардохти маблағи таҳсил озод карда мешаванд. Ин хайрияи беназир бузургтарин дар таърихи таҳсилоти тиббии Амрикост.

***

Ҳукумати Шотландия нақшаи стратегии таҳсилоти байналмилалиро нашр кард ва ҳадафи худро барои додани раводиди кории 5-сола ба хатмкунандагони хориҷӣ тасдиқ кард. Раводиди Scottish Connections раводиди кунунии 2-соларо барои хатмкунандагон иваз мекунад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки пас аз донишгоҳ дар Шотландия зиндагӣ ва кор кунанд ва тадриҷан ҷойи истиқомати доимӣ ва ҳатто шаҳрвандиро ба даст оранд.

***

Донишгоҳи шаҳри Ҳонконг дар рейтинги мактабҳои олии ҷаҳонии Times Higher Education ҷойи 1-умро гирифт. Рейтинги донишгоҳҳо аз рӯйи шумораи донишҷӯён ва кормандони хориҷӣ, инчунин, обрӯи сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ арзёбӣ мегардад. Донишгоҳи Абу-Даби аз Имороти Муттаҳидаи Араб бори аввал ба ин радабандӣ шомил шуд ва ҷойи 2-юмро ишғол кард. Донишгоҳи Оксфорд дар ҷойи 3-юм қарор гирифт. Донишгоҳҳои байналмилалӣ бештар дар Ҳонконг, Британияи Кбир, Швейтсария ва АМА будаанд.

***

Вазири муҳоҷирати Канада Марк Миллер дар бораи шумораи донишҷӯёни нави хориҷӣ ба кишвар иҷозати 2 солро эълон кард. Дар соли 2024 Канада ба нақша гирифтааст, ки на бештар аз 360000 донишҷӯи хориҷиро қабул кунад, яъне, 35% камтар аз соли 2023. Ҳоло дар Канада 1 миллион муҳассили хориҷӣ таҳсил мекунанд. Ин мамлакат ба афзоиши шумораи донишҷӯёни хориҷӣ тоб оварда наметавонад ва нақша дорад, ки шумораи онҳоро то 600-800 ҳазор нафар кам кунад. Ҳар як вилояти Канада барои донишҷӯёни хориҷӣ квота хоҳад гирифт ва ҳукумати ин кишвар низ ният дорад, тартиби додани муҷаввиз барои кор дар Канада ба хатмкунандагонро маҳдудтар кунад. Қарори ҳукумат аллакай дар бахши таҳсилоти олии Канада вокуниши шадидро ба вуҷуд овард.

***

Донишгоҳҳои Британиё бо коҳиши ҷиддии шумораи донишҷӯёни хориҷӣ ва камбуди молиявӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Дар робита ба ин, бисёре аз донишгоҳҳо тасмим гирифтанд, ки дар соли 2024 талаботи дохилшавӣ барои хориҷиёнро коҳиш диҳанд. Масалан, Донишгоҳи Йорк омода аст, донишҷӯёнро бо сертификатҳои B / B / C дар A-Levels қабул кунад (ба ҷойи A / A / A, ки дар вебсайт эълон шудааст). Шарти асосӣ ин аст, ки донишҷӯ бояд маблағи пурраи таҳсилро бо баҳои барои хориҷиён дастрас пардохт кунад.

***

Ирландия нақша дорад, ки дар солҳои оянда шумораи донишҷӯёни хориҷиро дар Иттиҳоди Аврупо на камтар аз 10% афзоиш диҳад. Дар ин миён, донишгоҳҳои Ирландия интихоби барномаҳои байналмилалӣ ва онлайнро васеъ карда, идрорпулиҳои нав пешниҳод менамоянд ва таҷрибаи умумии таҳсил дар ин кишварро барои донишҷӯёни хориҷӣ беҳтар месозанд. Ҳамаи ин дар доираи нақшаи умумии «Global Citizens 2030” анҷом дода мешавад, ки ҳадафи он Ирландияро ба як маркази муҳимми ҷаҳонӣ барои таҳсил, тадқиқот ва кори ҷавонони тамоми ҷаҳон табдил додан мебошад.

***

Шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар Кореяи Ҷанубӣ босуръат меафзояд. Тадқиқоти ахири будубоши муҳоҷирон ва шуғли муҳоҷирон бозгӯйи он аст, ки моҳи майи соли 2023 188 000 хориҷӣ дар донишгоҳҳои Корея таҳсил кардаанд, ки дар муқоиса бо майи соли 2022 25 000 нафар зиёд мебошад. Бо вуҷуди ин, 63% донишҷӯёни хориҷӣ мехоҳанд пас аз хатми донишгоҳ дар Кореяи Ҷанубӣ бимонанд ва кор кунанд, ки ин дар муқоиса ба соли 2020 55% зиёд аст. Гузашта аз ин, 11% маҳз аз сабаби дурнамои касбашон таҳсилро дар Корея интихоб кардаанд.

***

Моҳи январи соли равон Ҳукумати Чин 10+ барномаи умумимиллии зеҳни сунъиро тасдиқ кард. Бисёр технологияҳои AI, махсусан, дар соҳаи маориф ҷорӣ карда мешаванд. Масалан, стартапи Learnable.ai-и чинӣ дар баҳои имтиҳони солонаи дохилшавӣ ба донишгоҳҳо инқилоб хоҳад кард. AI ҳазорҳо хонандаро, ки ҳафтаҳо барои тафтиши варақаҳои ҷавобӣ сарф мекарданд, иваз мекунад. Нишондиҳандаҳо бозгӯйи онанд, ки Чин минбаъд ба яке аз пешгомони ҷаҳонӣ дар татбиқи AI дар таълим табдил хоҳад ёфт.

***

Вилоятҳои Канада ба сиёсати нави маорифи хориҷӣ, ки дар ин кишвар ҷорӣ карда шуд, мутобиқ мешаванд. Дар Онтарио, ки дар он беш аз нисфи донишҷӯёни хориҷӣ дар Канада зиндагӣ мекунанд, роҳбари вилоят аз коллеҷҳо ва донишгоҳҳо талаб кардааст, ки ҳамаи донишҷӯёни воридшавандаро бо манзили дастрас таъмин кунанд. Дар Колумбияи Бритиш, ки аз рӯйи шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар ҷойи дуюм қарор дорад, ҳукумат аз муассисаҳо талаб кардааст, ки дар вебсайтҳои худ арзиши ниҳоии таҳсилро барои ҳар як курс дар тамоми барномаи таълимӣ ба таври возеҳ баён кунанд. Ин ба донишҷӯёни оянда кумак мекунад, ки пеш аз дохил шудан дар бораи хароҷоти таҳсил дар донишгоҳ маълумоти пурра пайдо кунанд.

***Таҳияи Н. ОХУНЗОДА, “Омӯзгор”***

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи АВ №046166 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1999 гимназияи ба номи Асадулло Ғуломов дар шаҳри Душанбе ба Шомирзоев Аким Рахимович додааст, эътибор надорад.

Аҳли маорифи шаҳри Истаравшан аз даргузашти собиқадори маориф, омӯзгори шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон **Носирҷон АЗИМОВ** андуҳгин буда, ба аҳли оила ва хешу пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва таслият мекунанд.


Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз беҳирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

И.В. САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҷамшед ҶӮРАЗОДА
Зиёдулло АБДУЛЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД (муҳаррири шуъба)
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57 (муҳаррири шуъба)
Салима МӮСОЕВА (муҳаррири шуъба)

МУХБИРОНИ МИНТАҚАВӢ
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Шарифи АБДУЛҲАМИД, Суҳроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Набиҷон НАБИЕВ 225-81-61 (масъули обуна)
Мадина ДИЛОВАРОВА (ҳуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба ухда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

**Нишонӣ:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
**Индекси обуна:** 68850.
**Адади нашр:** 43460 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора: А. Муродӣ